Ҳ. МУРОДИЁН, Х. ҚУРБОНЗОДА,
Қ. РАСУЛИЁН

ИФТИХОРИ ВАТАНДОРӢ

5

Ҳ. Муродиён, Х. Қурбонзода, Қ. Расулиён

ИФТИХОРИ ВАТАНДОРӢ

Китоб барои дарсҳои тарбиявии хонандагони
синфи 5-уми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ

Вазорати маориф ва илми
Ҷумҳурии Тоҷикистон
тавсия кардааст

ДУШАНБЕ
МАОРИФ
2016

ФАСЛИ I. ТОҶИКИСТОН – ВАТАНИ МО

Дарси 1

ВАТАНАМ – ИФТИХОРАМ

Ту зинда бош, Ватан–хонаи умеди халқ,
Ки бе ту нест дилу ҷони шодмон ҳаргиз.
Даме ки мешумурам пурбаҳо суханҳоро,
Баландтар зи Ватан нест дар забон ҳаргиз.
«Чӣ медиҳӣ ба Ватан?» Ҳар касе, ки пурсидам,
Ҷавоб дод: «Надорам дареғ ҷон ҳаргиз».

Мирзо Турсунзода

Ватан азизтарин ва ноёбтарин неъмат, сарвати бебаҳост, ки онро ба ҳеҷ чиз наметавон иваз кард. Ватан ифтихор, шаъну шараф, нангу номус ва обрӯю эътибори мост. Ватанро интихоб ва ё хариду фурӯш намекунанд. Ватан сарнавишту қисмати ҳар фарзанд аст, ки аз ибтидо ба бошандагонаш ба мерос гузошта мешавад. Дар луғатҳо Ватанро чун ҷойи истиқомат, маконе, ки шахс таваллуд шуда, камол ёфтааст ва макому маскан дорад, маънидод кардаанд. Ҳамзабонони мо гоҳе ба ҷойи калимаи «Ватан» «Меҳан»-ро низ истифода мебаранд.

Агар модар моро зодаву бо шири сафед парварда, нахустин ҳарфу ҳичои забонро ёд додаю роҳрав карда бошад, пас Ватан ба сарамон дасти пурмеҳру навозиш гузошта, чун фарзанди дилбанд тарбия мекунад.

Ватандӯсти ҳақиқӣ будан на дар суханҳои зебою ботантана, ваъдаҳои хушку холӣ, балки дар кору фаъолияти ҳамарӯзаи амалӣ, дар гуфтору кирдор ва қавлу вафо, дар кору заҳмати софдилона, дар интизоми намунавию ахлоқи ҳамидаву хониши аъло, дар кӯшишу талошҳои пайваста баҳри манфиати Ватани маҳбуб ва халқу давлат зоҳир мегардад.

Ҳар яки мо бояд Ватани азизи хешро дӯст дорем. Муҳаббат ва садоқати бепоён ба Меҳан, сарафрозӣ аз гузаштаи пурифтихор дошта бошем, арзишҳои миллӣ ва дастовардҳои Истиқлолияти давлатиро ҳифз намоем, дар

бунёди ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлати миллӣ саҳмгузор бошем.

Ба ҷуз меҳри Ватан ишқи дигар нест
Ба фарзандони бонангу вафодор.
Ҷу шахсе бекафан мирад, ғаме нест,
Худо, аз беватан будан нигаҳ дор!

Меҳру муҳаббат ба Ватани азиз, обу хок, ҳар гулу гиёҳи он дар ашъори адибони гузаштаву имрӯзаи мо он қадар васф шудааст, ки беҳадду беҳамтост. Адибони пешин Ватанро хурд ва бузург номидаанд. Ватани умумии мо Тоҷикистон аст, вале Ватани хурд асосан маънии зодгоҳ, маҳалли зист ва мавзеи камолоти инсонро дорад.

Устод Абулқосим Лоҳутӣ дар васфи Ватан-Модар бархақ фармуда:

Маҳбуби ҳама халқи ҷаҳон шуд Ватани мо,
Уммеди ҳама беватанон шуд Ватани мо.

Чун сар нафарозему тафохур нанамоем,
Шаъну шарафи одамиён шуд Ватани мо.

Садсола кас ин ҷо накунад шикваи пирӣ,
Бо умри куҳан тозаҷавон шуд Ватани мо.

Хидмат бикунем аз дилу ҷонаш, ки баробар
Бар нархи дилу қимати ҷон шуд Ватани мо.

Бачаҳои азиз, дар ҳақиқат, шумо ҳуқуқи комил доред, ки бо Ватани маҳбубамон–Тоҷикистони азиз, бо миллати соҳибфарҳанги тоҷик, бо забони ширини модарӣ, бо таърихи ғановатманди ниёгонамон ифтихор намоед. Ҳифзи дастовардҳои Истиқлолияти давлатӣ, амнияту ягонагии Тоҷикистон бояд мақсаду мароми зиндагӣ ва ормонҳои мову шумо бошад.

Боз ҳам аз он сарфароз бошем, ки зодаи Ҷумҳурии Тоҷикистон–давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона ҳастем. Таҳти ҳимоя ва ғамхории махсуси давлатем. Ба кор, манзил, таҳсил, истироҳат ва ҳифзи саломатӣ ҳуқуқ дорем. Ҷавобан ба ин имтиёзҳо ҳифзи Ватан, ҳифзи табиат ва комёбиҳои даврони Истиқлолияти давлатӣ вазифаи муқаддаси ҳар яки мост.

БА ПОЙИ БЕСУТУН

На сар гуфтам, на по гуфтам, на ҷон гуфтам, на тан гуфтам,
Ватан гуфтам, Ватан гуфтам, Ватан гуфтам, Ватан гуфтам.
Ҳазорон бор “мо” гуфтам, касе ҳамдил нашуд, аммо
Ҷаҳоне зидди ман шӯрид, агар як бор “ман” гуфтам.
Ба оён дил ниҳодам, дидаву дил бар аён бастам,
Ба ғурбат аз Ватан гуфтам, ба хилват анҷуман гуфтам.
Сапедиҳои чашми интизоронро саҳар дидам,
Насим ар бӯйи хун овард, бӯйи пираҳан гуфтам.
Ҷунунамро чу Мачнун нозиши саҳро надонистам,
Ба пойи Бесутун истодаму аз Кӯҳкан гуфтам.
Забони шамъи табъам гоҳ-гаҳ домони дил гирад,
Мабодо, ки пушаймон гардам аз он, ки сухан гуфтам.
Пушаймон нестам ҳаргиз, сухан чун аз Ватан гуфтам.

Рустам Ваҳҳобзода

Луғат:

Тафохур – ифтихор.
Ар – агар.
Анҷуман – маҷлис, ҷамъомад, маҳфил.
Бесутун – кӯҳе, ки Фарҳод бо хоҳиши Ширин синаи онро шикофта, об баровардан буд.
Кӯчак – хурд.
Кӯҳкан – лақаби Фарҳод.
Ғурбат – ғарибӣ.
Пираҳан – курта.
Ҷунун – девонагӣ.
Кабир – калон, бузург.
Тамаддун – маданият, фарҳанг.
Маскан – ҷойи зист, маҳал.
Ғановат – дороӣ, бойигарӣ.

Савол ва супориш:

1. *Ватан чист?*
2. *Кадом ҳаммаъноҳои калимаи «Ватан»-ро медонед?*

3. Ибораҳои «Ватани хурд» ва «Ватани бузург» чӣ маънӣ доранд?
4. Ватани хурд чист?
5. Адибони гузашта Ватан гуфта, чиро дар назар доштанд?
6. Аз луғат калимаи «Ватан»-ро ёфта, шарҳ диҳед.
7. Шумо чун ватандор дар Тоҷикистон дорои кадом ҳуқуқҳо ҳастед?
8. Вазифаи ҳар як ватандор – шаҳрванди Тоҷикистонро дар чӣ мебинед?
9. Мазмуни шеъри Рустам Ваҳҳобзода "Ба пойи Бесутун"-ро нақл кунед ва онро аз ёд кунед.

Дарси 2

ВАТАН – МОДАР

Ватан! Чӣ гуна калимаи гуворост, сода, дилнишин ва равон. Ҷаҳон-ҷаҳон маъно нуҳуфтааст дар он. Ватан болу пари инсон, сарфарозию сарбаландии шахс, бахту иқбол, орзу ва умеди инсон аст. Ватан лаби хандон, қуввати ҷон, имону виҷдони одам аст.

Ватан ва Модар ҳаммаъно ва ҳамрадифанд. Он тавр ки инсон як Модар дорад, ҳамин тавр як Ватан дорад. Беҳуда баъзан ин ду калимаро дар паҳлуи якдигар наменависанд: Ватан–Модар ва ё Модар – Ватан. Ба қадри модар расидан маънои онро дорад, ки ба қадри Ватан бирасем. Ва агар модарро хор нигоҳ дорем, чунин маъно дорад, ки Ватанро хор дорем. Ватан он ҷост, ки хуни ноф мерезад, яъне зода мешавию нашъунамо меёбӣ. Ватан он ҷост, ки бо ҳамроҳии халқу миллат ва дар ҳалқаи онҳо ба камол мерасӣ, ҳунар меомӯзӣ, дар пайи озодию ободии он мекӯшӣ. Ватан мамлакат ё сарзамини фарохест, ки зодгоҳи туро ҳам фаро мегирад. Оғӯши Ватан мисли оғӯши модар аст. Дар он деҳа, ноҳия ва шаҳрҳои зиёд мегунҷанд. Аз ин оғӯши гарм ҳеҷ чиз берун намемонад, на сангаш, на кӯҳаш, на чашмасоронаш, на рӯду дарёҳои хурӯшонаш ва на боғу роғи сарсабзаш.

Як маънои Ватан моликият аст, яъне тамоми ин хок, ин сарзамин, аз хонаи муқаррариамон то сарҳадҳои дурамон

моли мо, сарвати мо, моликияти мо мебошанд. Ба ибораи дигар, мулк аз мову мо аз мулкем.

Қариб дар байни ҳамаи халққо саволе паҳн шудааст: аз чӣ сар мешавад Ватан? Ҷавобҳо гуногунанд. Ман ҷуръат мекунам ва посух мегӯям, ки Ватан оғоз мешавад:

–аз аллаи модарон;
–аз афсонаи модаркалон;
–аз панду насиҳатҳои бобо;
–аз расмҳои «Алифбо»;
–аз талошҳои Айнию Лоҳутию Турсунзода;
–аз ҷонбозиҳои фарзандони содиқи Ватан;
–аз ашъори ҷонпарвари Лоиқ:

Ватан сар мешавад аз гоҳвора,
Зи шири поку аз пистони модар.

Ватан сар мешавад аз он тавора,
Ки онро сохта дастони модар.

Ватан – беҳбудию беҳрӯзии мост,
Ватан – хушномию фирӯзии мост.

Ватан сар мешавад з-огарди деҳқон,
Зи «майдо»-ҳои хирманбодгарҳо.

Ватан сар мешавад аз бурдаи нон,
Ки мо хӯрдем аз хони падарҳо.

Ватан – дилҷамъию озодии мост,
Ватан – хушбахтию ободии мост.

Ватан сар мешавад з-он остоне,
Ки бар дунёи равшан по ниҳодем.

Ватан сар мешавад з-он пардабоме,
Ки парвозӣ шудему пар кушодем.

Ватан – имрӯзи мо, ояндаи мост,
Паноҳи мурдаи мо, зиндаи мост.

Ватан яктост, Модар яктост, Моҳу Хуршед ва Замин яктост. Агар касро муяссар гардад, ки дар Ватанаш таваллуд шаваду зиндагӣ кунад, ободию сарсабзӣ аз худ ба ёдгор гузорад, ифтихорест бузург. *(М. Лутфуллоев)*

ВАТАН

Беҳтарин ҳарфи муҳаббат Ватан аст,
Меҳру ихлосу садоқат Ватан аст.

Шеърбофӣ ҳунаре нест, ки нест,
Сухани аз ҳама қимат Ватан аст.

Шоиру шеър худододӣ аст,
Ҷуръату кӯшишу заҳмат Ватан аст.

Шоири шеъри сара доро нест,
Баҳри ӯ давлату сарват Ватан аст.

Худ Ватан гулшану хораш накунед,
Бар ватандор ғанимат Ватан аст.

Худ Ватан шеъру шиораш накунед,
Пурбаҳо аз ҳама санъат Ватан аст.

Гар Ватанро ҳама Модар хонанд,
Модари модари миллат Ватан аст.

Сайдалӣ Маъмур

Луғат:

Ҳамрадиф – ҳаммаъно, баробар, монанд.
Хуршед – офтоб.
Посух – ҷавоб.
Сара – хуб, зебо, гулчин.
Гоҳвора – гаҳвора.
Тавора – девори чӯбини атрофи ҳавлӣ.
Майдо – мандоғ, суруди хирманкӯбҳо.
Паноҳ – ҳифзкунанда, муҳофиз, нигаҳбон.
Вожа – калима.

Савол ва супориш:

1. *Ватан аз нигоҳи муаллиф чӣ гуна маънидод ва васф шудааст?*
2. *Ягонагию тавъамии калимаҳои «Ватан» ва «Модар»-ро дар чӣ мебинед?*
3. *Ватан куҷост?*
4. *Ватанро ба маънии моликият шарҳ диҳед.*
5. *Ватан аз куҷо огоз меёбад?*
6. *Аз матн калимаҳоеро ёбед, ки ҳаммаънои вожаи «Ватан» бошанд.*
7. *Дар матн ибораи «модарро хор нигоҳ доштан» ба кадом маънӣ омадааст?*
8. *Мисли Модар ва Ватан боз чиҳо яктоанд?*
9. *Оё барои шумо дар Ватан зистан ифтихор ҳаст ё не?*
10. *Ҳамгунаҳои калимаи «хуршед»-ро нависед. Оид ба зодгоҳатон ҷикоячае нависед.*
11. *Аз диди шоир Сайдалӣ Маъмур «Модари миллат» кист?*

Дарси 3

МУҲОФИЗОНИ ФАРДОИ ВАТАН

Бачаҳои азиз, дар моддаи 43-юми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин навишта шудааст: «**Ҳифзи Ватан, ҳимояи манфиатҳои давлат, таҳкими истиқлолият, амният ва иқтидори мудофиавии он вазифаи муқаддаси шаҳрванд аст**». Бинобар ин, ҳимояи марзу буми Тоҷикистон карзи ҷонию имонии ҳар як ватандор аст. Шумо бояд муҳофизати Ватани азизро аз қаҳрамонҳои достонҳои асотирию воқеӣ, ба монанди Соми Наримон, Рустам, Суҳроб, Сиёвуш, Шерак, Томирис, Заррина, Спитамен, Деваштич, Абӯмуслими Хуросонӣ, Исмоили Сомонӣ, Мавлонозодаи Самарқандӣ, Хурдаки Бухороӣ, Маҳмуди

Торобӣ, Темурмалик, Восеъ, Сафар Амиршоев, Саидқул Турдиев, Неъмат Қаробоев, Ҳодӣ Кенҷаев, Ҳайдар Қосимов ва дигарон биомӯзед, зеро аз ҳимояи хоки муқаддас–Ватан волотар ва болотар чизе нест.

Вақте ки паҳлавони асотирӣ Зарир дар ҷанги зидди Арҷосп хоинона кушта мешавад, писари ҳафтсолаи ӯ Баствар ба майдон баромада, қасди падар мегирад ва пирӯзӣ ба даст меорад. Яъне гузаштагони мо то маҳв кардани душман авлод ба авлод муборизаро давом медоданд, то ин ки зафарёб гарданд.

Бачаҳои азиз, шумо, ки муҳофизони фардои Ватанед, бояд ҳимояи Меҳанро вазифаи фарзандию ҷонии худ бидонед. Ба хизмати сарбозӣ рафтан, барои ҳифзи Ватан-Модар камар бастан, бояд орзуи ҳар як ҷавонписари кишварамон бошад. Саъдии Шерозӣ дар ин маврид барҳақ мефармояд: «Гар зи ишқи Ватан ҳарф мезанӣ, сарбоз шав!»

МО НОШИКАСТЕМ

Дунё мунаввар, дилҳо музаффар,
Шодӣ занад пар мисли кабӯтар,
Дар маҳфили бахт бо ҳам нишаста
Сарбозу кишвар, фарзанду модар.

Дасти ба дастем,
Мо бо ҳам астем,
То бо ҳам астем,
Мо ношикастем.

Умеди хандон–дар чашми мардум,
Ғам то дили мо раҳ мекунад гум,
Мо ошиқонем бо лаҳни мурғон,
Мо ҷонфидоем бо мавҷи гандум.

Дасти ба дастем,
Мо бо ҳам астем,
То бо ҳам астем,
Мо ношикастем.

Эй нози тоҷик, эй мулки озод,
Дорад муҳаббат ҷони ту обод.
То нури мардӣ дар дидаи мост,
Боде насозад хоки ту барбод.

Дасти ба дастем,
Мо бо ҳам астем,
То бо ҳам астем,
Мо ношикастем.

Гулназар

Луғат:

Марз – сарҳад.
Бум – замин.
Таҳким – мустаҳкам.
Мунаввар – равшан, пурҷило.
Амният – бехатарӣ.
Асотир – устура, ривоят.
Воло – олӣ, баланд.
Музаффар – ғолиб, зафарёб.

Савол ва супориш:

1. *Мазмуни моддаи 43-юми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро шарҳ диҳед.*
2. *Кадом муҳофизони Ватан–қаҳрамонони асотирӣ ва воқеиро медонед?*
3. *Панди Саъдии Шерозиро оид ба ҳимояи Ватан аз ёд кунед.*
4. *Моддаи 43-юми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар дафтаратон айнан рӯбардор намоед.*
5. *Калимаҳои «сарбоз» ва «кишвар»-ро бо кадом вожаҳои ҳаммаъно иваз карда метавонед?*
6. *Шоир Гулназар дар шеъри "Мо ношикастем" безаволии моро дар чӣ мебинад?*

ФАСЛИ 2. ВАТАНИ НИЁГОНИ МО

Дарси 4

НАЖОДИ ОРИЁӢ

Ҷамшед аз муҳоҷирати ҳамқавмонаш ба мавзеи нав, ки ободон, сабзу хуррам буд ва обҳои равону чашмасорони ҷӯшон дошт, қаноатманд гардид. Бори дигар ба ҳидояти Худои ягона Аҳурамаздо қоил шуд. Дилаш ба Ватани аҷдодиаш – Ориёнвич ҳанӯз кашол буд, вале яхбандии даҳ соли охир барои мардум ва ҳайвонот гарон афтод. Миқдори одамону ҳайвонот меафзуд, аммо хунукӣ онҳоро хеле азоб медод. Охир, дар рамзи ҳамнажодони ӯ мақоми асосиро тасвири Офтоб, ки тимсоли эҳёи зиндагист, ишғол карда, дар ҷаҳонфаҳмӣ, дарки ҳақиқат ва дониш мақому манзалати хос дошт. Аз ин ҷост, ки Худованд ин қавми бузургро ҳидоят намуд, ки ҷониби мавзеъҳои гарм кӯч банданд. Онҳо дар тамоми қитъаҳои Осиёву Аврупо паҳн шуданд. Ӯ шукр мекард, ки ҳамнажодонаш дар доманакӯҳҳои Тиёншон, Помиру Олой, Ҳиндукушу Ҳимолой, Қафқозу Карпат, водиҳои Авруосиё, ҳавзаҳои рӯдҳои Ҳинду Ганг, Омую Сир, Днепру Дунай ва ғайра сокин шудаанд. Аз он ифтихор намуд, ки ҳар куҷое, ки ориёиҳо рафтанд, ҳамроҳи худ ба қабилаҳои ваҳшию кӯчманчӣ нури саводу маърифат бурданд, ба рушду пешрафти илму фарҳанги онҳо мусоидат карданд. Аз ҳама муҳимаш, рисолати таърихии ориёиҳо омӯзгорию устодӣ ба халқҳои дигар будааст.

Ҷамшед бештар аз он хурсанд шуд, ки як гурӯҳи ҳамқавмонаш кишвари пешорӯйи хуршед омадаанд, ки барояшон беҳтарин эҳсону ҳадяи Худованд аст ва он ватани офтобиро Хуросон номид. Мардумро дар даст китоби «Авасто» ба ободкорию созандагӣ ва меҳанпарастӣ даъват намуд:

–Ватани худро муҳофизат намо, манзили худро нигоҳ дор ва халқи худро тарк накун!

Ҷамшед ифтихор мекард, ки Аҳурамаздо барои ба роҳи рост ҳидоят намудани ҳамқавмонаш Зардуштро офариду фиристод.

Номи «Зардушт» маънои ситораи равшан ё дорандаи шутури зардро ифода мекунад. Ватани Зардушт сарзамини бостонии Бохтар аст. Падари Зардушт–Пурушасп писари Испитамон ва модараш Дуғдуча ном дошта, яке дар канори рӯди Дориҷ ва дигаре дар ноҳияи Роғи Бадахшон чашм ба олам кушодаанд. Худи Зардушт дар соҳили рӯди Дейтиё (Вахш) зиндагӣ кардааст.

Тибқи ривоятҳо, вақте Зардушт зода шуд, ба мисли инсони баркамол хандид. Ин нишонаи тавлиди бузургмарде буд. Дар овони тифлӣ девҳо шабона вайро дуздида, ба таги пойи говҳо партофтанд. Дафъаи дуюм ба зери суми аспон ҳаво доданд. Бори сеюм ӯро ба оташ андохтанд, вале ягон бор ба вай осебе нарасид. Девҳо фаҳмиданд, ки ӯ фиристодаи Худованд аст ва барои зарар расонидан ба вай оҷизанд. Дар синни ҳаштсолагӣ Зардушт ба мактаб рафта, ҳашт сол таҳсил мекунад. Дар синни сисолагӣ Худованд ба ӯ нишони пайғамбарӣ ато менамояд ва ӯ барои ибодати Парвардигор ба кӯҳи Саблон меравад ва дар муддати дах сол ба тоат ва қабули паёмҳои Худованд машғул мешавад. Вай дар ин ҷо паёмҳои Худовандро бо номи «Дафтари Готҳо» тартиб дода, ба назди мардум барои даъват меояд.

Вақте ки Зардушт ба тарғиби дини яккахудоӣ пардохт ва парастиши худоёни маҳаллиро девпарастӣ гуфт, чилсола буд. Ӯ бо мақсади муттаҳид намудани тамоми кавмҳои ориёӣ ва итоат ба Худои ягона шаҳр ба шаҳр ва деҳа ба деҳа гашта, тарғибот мебарад. Азбаски ӯро таъқиб мекарданд, вай маҷбур мешавад, ки ба дарбори шоҳи Бохтар Виштосп (Гуштосп) равад ва ӯро ба қабул кардани дини худ даъват намояд. Шоҳ Виштосп дини зардуштиро мепазирад ва ба тарғибу ташвиқи он мепардозад. Зардушт дар синни 77-солагӣ, ҳангоме ки пас аз адои намоз аз маъбад берун меомад, аз ҷониби як нафар бутпарасти тӯронӣ бо захми ханҷар кушта шуд.

Зухури Зардуштро ҳазораи шашуми пеш аз милод донистаанд. Ӯ нахустпаёмбаре мебошад, ки дар ҷаҳон дини яккахудоиро тарғиб ва асос гузоштааст.

Луғат:

Нажод – умумияти қавмии одамон аз рӯйи забон, ранги пӯст, чашм, тарҳи рӯй ва ғайра.
Аҳурамаздо – Ҳурмуз, Худои ягонаи ориёиҳо.
Зардушт – пайғамбар, ҷорикунандаи дини зардуштӣ.
Эҳё – зиндашавӣ.
Рисолати таърихӣ – вазифаи таърихӣ.
Маъбад – ибодатхонаи зардуштиён, оташкада.

Савол ва супориш:

1. Чаро ориёиҳо аз сарзамини Ориёнвич кӯч бастанд?
2. Онҳо ба куҷоҳо муҳоҷират карданд ва паҳн шуданд?
3. Ҳамзабонони мо то куҷо омаданд ва чаро ин мавзеъ ба онҳо хуш омад?
4. Рисолати қавми ориёӣ дар байни қавмҳои дигар аз чӣ иборат буд?
5. Чаро онҳо кишвари пешорӯйи хуршедро дӯст доштанд? Ҷамшед ин Ватанро чаро Хуросон номид?
6. Ҷамшед ба ҳамватанонаш чӣ панду андарз дод?
7. Калимаи «Зардушт» чӣ маъно дорад ва ватани аслии ӯ куҷост?
8. Доир ба айёми мактабхонӣ ва тарғиби дини яккахудоӣ аз тарафи Зардушт нақл кунед.
9. Зардушт аз синни чандсолагӣ ба тарғиби дини худ мепардозад ва чаро ба дарбори шоҳ Виштосп (Гуштосп) рӯй меоварад?
10. Зардуштро кӣ кушт?
11.Давраи зиндагонӣ ва фаъолияти Зардушт ба кадом аср рост меояд?

Дарси 5

АЗ ТАЪРИХИ «АВЕСТО»

Китоби «Авесто» яке аз ёдгориҳои қадимаи халқҳои ориёӣ буда, ба давраи пеш аз милод мансуб аст. Мувофиқи таҳқиқоти олимон, «Авесто» дар асри IV пеш аз милод дар сарзамини бостонии Бохтар, яъне Хуросони бузург эҷод шудааст. Ин китобро «Авесто», «Авасто», «Бустак» ва «Апастак» ва ғайра ном мебурданд, ки маънои асос ва бунёдро дорад.

«Авесто» аввал даҳонӣ нақл карда мешуд, вале баробари пайдоиши алифбои форсии қадим (авестоӣ) (асри III то милод) дар рӯйи пӯсти 1200 гов бо ҳарфҳои заррин навишта мешавад. Аз ин китоб танҳо ду нусха вуҷуд доштааст. Искандари Мақдунӣ баъди истилои Бохтару Суғд «Авесто»-ро ба даст овард. Бо фармони Искандар як нусхаи он ба Юнон фиристода шуда, нусхаи дигараш оташ зада шуд. Баъдтар бо фармони шоҳи Ашкониён Валахаши (Вологеси) I (асри I милодӣ) китоби «Авесто» аз рӯйи пораҳои боқимонда ва аз забони мубадон (рӯҳониёни зардуштӣ) аз нав навишта шуд.

Бори сеюм китоби «Авесто» дар замони ҳукмронии сулолаи Сосониён (асри IV милодӣ), дар даврони подшоҳии Хусрави I таҳти роҳбарии Атурпати Меҳроспандом бо номи «Хурд-Авесто», яъне «Авестои хурд» аз нав навишта шуд, ки он аз 21 китоб (наск) иборат буд. Ду нусхаи он то ба имрӯз дар китобхонаи шаҳри Копенгаген маҳфуз аст.

Ҳамаи матнҳои китоби «Авесто»-и давраи Сосониён аз 345 ҳазору 700 калима иборат будааст, вале ҳоло 83 ҳазор калима боқӣ мондааст.

Китоби «Авесто» аз панҷ бахш иборат аст:

1. **Ясно**, ки маънои қурбонӣ ва ибодатро дорад ва дар он Офаридгор ситоиш шудааст. Ясно 72 бахшро фаро гирифта, 17 бахши онро Готҳо–сурудҳои пайғамбар Зардушт ташкил медиҳанд.
2. **Виспарад**, ки маъноаш ҳамаи сарварон буда, ибодат ва дигар маросими диниро ифода мекунад.

3. Яштҳо – маънии гуфтори хуш ва ситоишро дошта, дар васфи Худо аст.
4. Вандидод–маҷмӯи амрҳои динӣ буда, ба маънии қонуни зидди дев омадааст ва дар 22 боб сурудҳоро дар бар гирифтааст.
5. Хурд-Авасто, яъне Авастои хурд, ки дуову ниёиш ва гуфтаҳои чор бахши аввал ва ҳамчунин дуоҳои гирдовардаи мубадон (рӯҳониён)-и замони Сосониён ва пас аз онро гирд овардааст.

Се рукни ғоявии китоби «Авесто»: пиндори нек, рафтори нек ва гуфтори нек имрӯз низ арзиши маънавии худро аз даст надодаанд ва моро водор месозанд, ки ботинан зебо ва хислату рафтори шоиста дошта бошем.

Ҳамин тавр, дар китоби «Авесто» дар баробари андешаву ақидаҳои динии Зардушт ва пайравонаш, доир ба суруду устураҳо, афсонаю ривоятҳо оид ба таърихи фарҳанг ва хатту забони халқҳои ориёӣ (эронинажод) маълумоти арзишманд пайдо карда метавонем.

Луғат:

Устура – миф, ривоят, ҷамъи асотир.
Мубад – рӯҳонии зардуштӣ.
Рукн – поя, сутун.
Ғоя – мақсад, мурод, фикри асосӣ.

Савол ва супориш:

1. *«Авесто» чӣ гуна асар аст ва кай эҷод шудааст?*
2. *Кадом номҳои китоби «Авесто»-ро медонед?*
3. *«Авесто» чӣ маъно дорад?*
4. *Ватани «Авесто» куҷост?*
5. *«Авесто» чанд маротиба навишта шуд ва замони эҷоди ин асар ба давраи ҳокимияти кадом подшоҳон рост меояд?*
6. *Китоби «Авесто» аз чанд бахш иборат аст ва онҳо чӣ маънӣ дошта, дар чӣ хусус баҳс мекунанд?*
7. *Се рукни ғоявии китоби «Авесто» кадомҳоянд?*

Дарси 6

АНОҲИТА

Бачаҳои азиз! Аз замонҳои қадим дар куҷое, ки об ҷорӣ мешуд, гиёҳҳо месабзиданду дарахтон ҳосил меоварданду ба мардум шодию сурур мебахшиданд. Аз ин ҷост, ки мардум обу замин ва гиёҳонро васф намудаанд. Асоси калимаи "обод"-ро вожаи "об" ташкил мекунад, яъне дар куҷое об бошад, ободию сарсабзӣ ба вуҷуд меояд.

Ориёиҳо хислатҳои табиатро омӯхта, аз ҳама бештар ба Хуршед, ки ба онҳо рӯшанию гармӣ мебахшид, дил бастанд. Ин буд, ки Митра (Хуршед, Меҳр)-ро ба сифати Худои бузург шинохтанд. Митра худоёни дигарро ба ёрӣ даъват кард, ки яке аз онҳо Аноҳита, яъне Ноҳид–олиҳаи обу рӯд ва сабзишу баракат буд. Аз ҳамон замон то ба ҳол ҳангоми шунидани калимаи "об" симои зебои Аноҳита пеши назар меояд.

Вақти тақсими қудрат кӯҳҳоро вазифадор намуданд, ки то абад мехи замин бошанду ҳангоми аз нури офтоб гарм шудани замин яху барфҳоро об карда, ба ҷониби дашту ободиҳо равона созанд.

Аноҳита, яъне Ноҳиди нозанини поку зебо ва неруманд ба бонувони ориёӣ хуш омад, чунки ин эзадбону (худозан) ба дилҳо хушӣ оварда, рӯзгори онҳоро рангинтару зеботар месохт. Охир, Ноҳид ба онҳо оби ширину гуворо ҳадя мекард. Мардуми лабташнаро аз марг, заминҳоро аз хушкидан наҷот медод, ба мардуми боғайрату ободгар обрӯ мебахшид.

Бонувони аҳди қадим Ноҳидро хуб мешинохтанд, вале ӯ дар назарҳо ба ҳар ранг ҷилвагар мешуд. Яке ӯро дар либоси заррини гаронбаҳо медид. Ба назари дигаре вай шохаи сарсабзи ниҳоле дар даст, бо гӯшвораҳои тиллоии чоргӯшаи овезон намоён мешуд. Сеюмӣ вайро чун маликае тасаввур мекард, ки дар сараш тоҷ ва он садҳо ситора дорад ва ин тоҷи заррини ҳаштгӯша монанди чархе сохта шуда, рангоранг ороиш ёфтааст.

Занону духтарони ориёӣ аз олиҳа Ноҳид ҳусну латофат, нозукию фаросат ва зиндагии ба мисли об равону беолоишро таманно мекарданд. Мардҳо аз вай арҷманд будан, нерумандӣ ва соҳиби аспони зиёд шудан ва сарватро орзуманд буданд.

Ҳамин тавр, Ноҳидро сад сол пеш аз зуҳури дини зардуштӣ мардуми ориёӣ ба ҳайси олиҳаи бузургу тавоно мепарастиданд ва ситоиш мекарданд.

Луғат:

Эзадбону – бонуи соҳибэҳтиром, худозан.
Ноҳид – Аноҳита.
Митра – Хуршед, Офтоб, Меҳр.
Арҷманд – азиз, муҳтарам, гиромӣ.
Сарват– дороӣ, молу мулк.
Зуҳур – зоҳир шудан, пайдоиш.
Олиҳа– худозан; он чи ки дар замонҳои қадим парастиш мекарданд; санам, бут, зебо, зебосанам.

Савол ва супориш:

1. *Об чист?*
2. *Чаро обро асоси зиндагонӣ медонанд?*
3. *Чаро мардум об, гиёҳ ва заминро ситоиш мекарданд?*
4. *Барои чӣ мардум Хуршедро чун Худои бузург–Митра шинохтанд?*
5. *Аноҳита (Ноҳид) кӣ буд?*
6. *Вазифаи кӯҳҳо аз чӣ иборат буд?*
7. *Чаро Ноҳид ба занони ориёӣ хуш омад?*
8. *Ноҳидро бонувони аҳди қадим дар кадом шаклҳо тасаввур мекарданд?*
9. *Занон ва мардони ориёӣ аз Ноҳид чӣ таманно доштанд?*
10. *Мардуми ориёӣ Ноҳидро чун олиҳа аз кадом давра мепарастиданд?*

ФАСЛИ 3. МУБОРИЗАИ ХАЛҚИ ТОҶИК БАРОИ ҲИМОЯИ ВАТАН

Дарси 7

САДО АЗ ҚАЪРИ ТАЪРИХ

Таърих гувоҳ аст, ки ниёгони бофарҳангу бохиради тоҷиконро дар дунё ҳамчун намояндагони миллати тамаддунсоз эътироф намудаанд. Ин тамаддун ва ин сохти давлатдорӣ аз даврони асотирии Пешдодиён ибтидо мегирад, ки беш аз 5 ҳазор сол пеш вуҷуд дошт. Аз замони шоҳи аввалини олам Каюмарс то подшоҳи нахустини Пешдодиён–Ҳушанг, ки лақабаш «Пешдоди додвар» буд, 285 солро фаро гирифта, подшоҳони ин сулола 2370 сол ҳукмронӣ мекунанд. Баъди ин давраи сулолаи Каёниён оғоз мешавад, ки сарчашмаи онҳо Кайқубод буд ва то намояндаи охирини онҳо Доро 984 сол идома меёбад, яъне то он даме, ки Доро аз ҷониби Искандари Мақдунии ғоратгар соли 331 пеш аз милод кушта ва ин сулола пароканда карда мешавад. Баъди марги Искандар ҳукмронии сулолаи Ашконiён оғоз мегардад. Ин сулола зиёда аз 300 сол ҳукмронӣ мекунад ва сарчашмаи онҳо Ашк ном дошт. Давлатдории Ашконiён дар солҳои дусадуми солшумории милодӣ ба поён мерасад ва ба ҷойи онҳо сулолаи Сосониён ба сари тахт менишинад. Давлатдории ин сулола беш аз 440 сол давом карда, соли 651 милодӣ аз тарафи арабҳо барҳам дода мешавад. Сулолаи Сосониён аз Ардашери Бобак оғоз шуда, бо Яздигурди Шаҳриёр ба охир мерасад.

Анъанаи таърихии давлатдории тоҷиконро баъдтар сулолаҳои Тоҳириён (солҳои 821–873), Саффориён (873–903) ва Сомониён (солҳои 899–999) идома доданд, ки то асрҳои IX-X милодӣ тӯл мекашад. Баъди ин ҳокимият ва давлатдории тоҷикон ба дасти бегонагон мегузарад. Аз сулолаи Ғазнавиён сар карда, то сулолаи Манғитиён дар Мовароуннаҳру Хуросон асосан туркзабонон ҳукм меронанд. Дар ин миён дар асри XIII истилои муғул даҳшатангезтарин фоҷиаи таърихи тоҷикон аст, зеро

лашкари хунхори Чингиз дар аксари шаҳру деҳоти тоҷикнишини сарзамини Мовароуннаҳру Хуросон мардуми бегуноҳро қатли ом намуданд.

Мо, тоҷикон, соли 1924 дар натиҷаи талошу мубориза ва ҷоннисориҳои бузургмардони миллат, ба монанди Садриддин Айнӣ, Нусратулло Махсум, Шириншоҳ Шоҳтемур соҳиби Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон ва соли 1929 Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон дар ҳайати Иттиҳоди Шӯравӣ гардидем. Ҷумҳурии Тоҷикистон 9 сентябри соли 1991 Истиқлолияти давлатӣ ба даст овард ва инак, соҳиби давлати миллию мустақил ҳастем ва бо ин дастоварди таърихӣ ифтихор намуда, ин неъмати бебаҳои соҳибистиқлолиро чун гавҳараки чашм ҳифз хоҳем кард.

РӮҲИ БЕШИКАСТ

Миллате, ки Худованд ӯро рӯйи замини паҳновар, ҳосилхезу пурфайз дар канори рӯдҳои хурӯшон, чашмасорони зулолу ҷӯшон, дар оғӯши кӯҳсорони пурганҷу дарахтзорони пурмева ҷой дод; миллате, ки хиради кашфи асрор, ҷилои истеъдоди фавқулодаву шоҳкориҳои фарзандҳои бузургаш аз қаъри асрҳо то ҳанӯз оламиёнро дар ҳайрат гузошт; мардуме, ки чун офаранда ва ғизобахши маънӣ дар маснади сарчашмаи тамаддуни башарӣ нишаст; тоҷике, ки ҳазорон сол пеш қасру шаҳрҳо бунёд кард; пойдевори нахустини давлату вазоратҳоро гузошт, бо дили нарм ва пур аз меҳру шафқат бо қавму қабилаҳои кӯчманчию саҳронишин тарзу усули зиндагии инсонвор, фарҳанги истифода аз неъматҳои табиатро омӯзонд; қавме, ки илму адаб, риояи адлу инсоф ва ишқу вафоро парчаму ҳадафи рӯзгори абадӣ донист, саршори фочиа, шӯрию талхиҳо гардид. Фарёди талху ҷонхароши устоди шодравон Лоиқ Шералӣ аз нокомиҳои гузаштаи миллат ҳамеша дар гӯш садо медиҳад:

Ҷабри таърих ягон қавм надидаст, ки мо,
Заҳри таърих нажоде начашидаст, ки мо.

Вале, ба ҳар сурат, таърих чун узви пайкар аст ва миллат аз гирудор, пирӯзию нокомиҳои гузаштаи хеш ҳаргиз ҷудо буда наметавонад. Хуб, иқрор мекунем, ки тоҷик дах аср пеш давлат, тоҷу тахтро бохт, зиллату хориҳо дид, аммо ҳеҷ гоҳ ва дар сахттарин даврони зиндагӣ шукӯҳу шаҳомат, фазлу заковат ва ғуруру сарбаландиҳояшро гум накард. Ин ҳам пӯшида нест, ки душманони аҷнабӣ борҳо тоҷикро поймол, саркӯбу нимҷон кардаанд, аммо бо мехрубонии Худованд маҳв нашуда, ин миллати ҷонсахт гоҳе аз байни оташ, баъзан аз зери хокистар ё аз дили дарё, ҳатто аз дами шамшеру тиру сад офати дигар раҳида, қад афрохт. Тоҷик боз бо созандагӣ, эҷодкорӣ ва эъҷозҳои нав ба нави фарзандони бузургаш оламиёнро мафтун сохт.

Аз ҳама муҳим он аст, ки рӯҳу равони миллати азизи мо дар фоҷиабортарин даврони таърихӣ устувор монд ва навдавлатони хомтамаъ ноилоҷ ҳамеша ба роҳнамоӣ, ақлу тамиз ва асокашии тоҷики оқилу доно мухтоҷ буданд. Ин ҳам воқеияти таърихӣ аст.

Дигар, боиси шукр ва ифтихори мо ин аст, ки фарзандони соҳибистеъдод бо офаридаҳои ҳайратангез ва осори гаронбаҳо қасри илму адабро пойдор нигоҳ дошта, барои миллати худ шиносномаи ҷовидонӣ офариданд. Ва ҳеҷ гоҳ андешаи истиқлолу озодихоҳиро низ аз сар дур накардаанд.

Абдулҳамид Самад

ХОКИ ВАТАН

Тоҷикистон–мазҳари ман,
Сарзамини камзамин,
Ту саросар кӯҳсорӣ,
Ту саросар сангзорӣ,
Чунки фарзандони ту дар тӯли таърихи дароз
Ҳар куҷо рафтанд, муште хок бо худ бурдаанд.

Чунки фарзандони ту дар ҷустуҷӯйи бахти худ
Дар биёбонҳои тафсон дур аз ту мурдаанд.

Ҳар куҷо рафтанд маҳҷуру ғариб
Аз фироқат ҷуфти онҳо нолаю андуҳ шуд.
Ҷумла дар кӯйи ғарибӣ хок гаштанд ,эй дареғ,
Орзуҳошон дар ин ҷо санг басту кӯҳ шуд.

Ҳар куҷо рафтанд онон
Ё ба Макка ё Мадина,
Ё ба ғурбат ё тиҷорат,
Ё гуреза аз ҳама тазвиру кина,
Мушти хокатро ба киса ёдгорӣ бурдаанд.
То агар рӯзе бимиранд аз қазо,
Дар ғарибӣ бекасу беошно
Хоки ту бошад нишони охирин...

Тоҷикистон!–
Сарзамини камзамин,
Хоки ту ин сон парешон гаштааст,
Бо ҳама хоки ҷаҳон ин гуна ҳамсон гаштааст.
Хоки ту
Бо сари пуршӯри Деваштич то Бағдод рафт,
Он сари аз тан ҷудо,
Аз ту ҷудо
Бо дод аз бедод рафт.
Хоки ту
Бо сари Рухшона то Юнон расид,
Бо ҳазорон нолаю афғон расид.
Монд дар Табрез бо наъши Камол,
Бо замин омехт, шуд то безавол...

Лоиқ Шералӣ

Луғат:

Тафсон – гарм.
Деваштич – қаҳрамони халқи тоҷик, ки зидди арабҳо мубориза бурдааст.
Бағдод – маркази хилофати исломӣ, алҳол пойтахти давлати Ироқ мебошад.
Рухшона – зани бохтарии Искандари Мақдунӣ, ки ӯро пас аз марги шавҳараш бо ҳамроҳии кӯдаки хурдсолаш дар Юнон куштанд.
Афғон – нола.
Наъш – турбат, ҷисм.

Камол – Камоли Хуҷандӣ, шоири бузурги тоҷик, дар шаҳри Табрези Эрон солиёни зиёд зиндагӣ ва вафот кардааст.

Савол ва супориш:

1. Сохти давлатдории тоҷикон аз кай огоз меёбад?
2. Аввалин бор давлатдории тоҷиконро истилои кӣ аз байн бурд?
3. Арабҳо кадом давлатро барҳам доданд?
4. Инқилоби фарҳангӣ ба итолиявиҳо дар асри XV, ба англисҳо дар асри XVI, ба фаронсавиҳо дар асри XVII, ба олмониҳо дар асри XVIII ва ба русҳо дар асри XIX даст дод. Ба тоҷикон чӣ?
5. Аввалин давлати мутамаркази тоҷикон чӣ ном дошт ва дар кадом давра арзи вуҷуд намудааст?
6. Пас аз истилои юнону мақдуниҳо, арабҳо, боз даҳшатноктарин саҳифаи таърихи тоҷикон истилои кадом золим ва горатгар буд?
7. Ҷумҳурии Мухтор ва Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон кай ва дар ҳайати кадом давлат ба вуҷуд омад ва дар таъсиси он кадом фарзандони барӯманди тоҷик саҳми арзанда гузоштанд?
8. Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон кай ба даст омад ва вазифаи мо аз чӣ иборат аст?
9.Шумо эъҷозу соҳибистеъдодии тоҷиконро дар чӣ мебинед?
10.Чаро тоҷик ҷабри таърихро аз ҳама бештар кашидааст?
11.Бузургии халқи тоҷик дар чист?
12.Чаро навдавлатони хомтамаъ ба роҳнамоии тоҷикон эҳтиёҷ доштанд?
13. Тоҷики овора аз диди Лоиқ чӣ гуна аст?
14. Охирин нишони тоҷики гариб чӣ буд?
15. Хоки Тоҷикистонро киҳо ба Багдоду Юнону Табрез бурданд?
16. Шеъри "Хоки Ватан"-и Лоиқ Шералиро аз ёд кунед.
17. Агар ҳиҷоҳоро дуруст ҷобаҷо гузоред, як байти Муҳаммадалии Аҷамӣ ҳосил мешавад:

Аз	ла-	таъ-	-би	-ри-	-хи	ман-	ме-	хун	-ра	-вад,
Рӯ-	-ҳи	-қи	хал-	-ман	гар-	ба	дун	-ра	ме-	-вад.

Дарси 8

КУРУШИ КАБИР

Муаррихони дунёи қадим ҳама бо як овоз Куруши Кабирро асосгузори империяи нахустини Порс (Эрони бостон) меноманд. Куруш аз ҷумлаи шоҳони бузурги сулолаи Ҳахоманишиён буд. Падари Куруш Комбиз, модараш Мандана, духтари шоҳи кишвари Мод (Мидия)– Астиаг буд.

Фаъолияти Куруши Кабир аз соли 560–559 пеш аз милод, аз замони ба тахти Аншон ҳамчун вориси Комбизи Аввал нишастани ӯ оғоз меёбад. Аншон дар Осиёи Миёна, аниқаш дар водии Зарафшон буда, яке аз вилоятҳои Эрони бостон ба шумор мерафт. Дар нимаи аввали асри VI пеш аз милод Аншон дар зери тобеияти подшоҳи давлати Мод– Астиаг қарор дошт. Куруш ба муқобили ҳокимияти Мод сар бардошт. Артиши Астиаг ба тарафи Куруш гузашт ва ба ин сабаб вай ба тезӣ ғалаба ба даст овард. Ин ғалаба дар натиҷаи содиқ будани қавми ориёинажоди модҳо ба Куруши Кабир ба даст омад. Аз он вақт сар карда қавмҳои форсу мод, яъне эронию тӯронӣ дар зери парчами Куруши Кабир якҷоя кишваркушоӣ мекарданд. Ба таври дигар гӯем, империяи бузурги Ҳахоманишиён ба вуҷуд омад, ки қаламрави он аз соҳили уқёнуси Ҳинд то баҳри Эгей тӯл мекашид.

Куруши Кабир артиши худро дар ҳайати лашкари савора ва пиёдагард созмон дод, ки аз қӯшунҳои давлатҳои дигари ҳамзамонаш бартарӣ ва афзалият дошт. Вай ба лашкари пуриқтидор такя карда, сиёсати кишваркушоии худро ба амал мебароварад. Куруши Кабир қувваҳои модҳои эронӣ ва форсҳои Осиёи Миёнаро муттаҳид намуда, қисми ғарбии давлати Модро ба даст даровард. Ҳамин тавр, Куруши Кабир ба ҳокимияти подшоҳии Порси Қадим (Эрони бостон) – империяи бузурги Ҳахоманишиён асос гузошт.

Куруш ҳомии ростию адолат, озодии дину мазҳаб ва баробарҳуқуқии халқи сарзаминаш буда, эъломияи ӯро

нахустин Эъломияи ҳуқуқи башар эътироф кардаанд. Эъломияи Куруши Кабир нахустин санади таърихиест, ки 2500 сол муқаддам аз фарҳанги ориёӣ ва ақидаҳои инсондӯстӣ сарчашма гирифта, эҳтироми ҳуқуқ, озодии мазҳабу эътиқод ва ҳифзи дороии шаҳрвандонро пуштибонӣ намудааст. Яке аз нусхаҳои Эъломия (Устувона)-и Куруш ҳоло дар осорхонаи Британияи Кабир маҳфуз аст.

Савол ва супориш:

1. *Куруши Кабир кӣ ва чӣ гуна шахсият буд?*
2. *Чаро Куруши Кабирро асосгузори империяи Порси Қадим (Эрони Бостон) – Ҳахоманишиён меноманд?*
3. *Қаламрави Аншонро дар Осиёи Миёна муайян намоед, ки дар кучо ҷойгир шуда буд?*
4. *Ҳудуди империяи Ҳахоманишиёнро гӯед.*
5. *Чаро Эъломияи (Устувона)-и Курушро нахустин Эъломияи ҳуқуқи башар ҳисобидаанд ва як нусхаи он дар кучо нигоҳ дошта мешавад?*

Дарси 9

СПИТАМЕН

Бачаҳои азиз, бо чашми хирад ба қуллаҳои нурполои кӯҳсорони тоҷик нигаред ва гумон хоҳед кард, ки аз фарози онҳо хуни муқаддаси Спитамен қатра-қатра чакида, атрофро лолагун сохтааст. Спитамен чун лашкаркаши тавонои сарзаминҳои Суғду Бохтар ларза бар пайкари лашкари ғоратгари Искандар андохта буд. Вай соли 329 то милод лашкари пурқуввате ҷамъ оварда, барои озод кардани пойтахти давлати Суғд – шаҳри Мараканда (Самарқанд), ки дар он ҷо артиши юнониён ҷойгир шуда буд, мекӯшад. Спитамен юнону мақдуниёнро шикаст дода, шаҳрро озод ва қалъаро муҳосира мекунад. Искандари Мақдуни, ки ин вақт ба фурӯ нишондани шӯриши сохили рӯди Сир ва ободонии шаҳри Искандарияи Акҳо (Хуҷанд) машғул буд, ба мадади лашкари худ таҳти сарварии сипаҳсолор Фарнух се ҳазор аскари пиёда ва ҳаштсад

нафар савора фиристод, вале ин дафъа низ ба шикаст мувоҷеҳ гардид. Искандари Мақдунӣ бори дигар бо неруи нав ба лашкари Спитамен ҳуҷум мекунад. Спитамен ҷониби дашт қафо менишинад, вале муборизаро идома медиҳад. Спитамен баҳори соли 328 то милод дар қаламрави Бохтар низ юнониёнро пайи ҳам шикаст медиҳад. Тирамоҳи ҳамон сол бо лашкари пурқуввати зиёда аз сеҳазорнафара барои озод кардани шаҳри Мараканда (Самарқанд) кӯшиш мекунад. Дар набарди хунин ҳар ду тараф низ талафоти калон медиҳанд.

Спитамен ин дафъа низ ба тарафи дашт ақибнишинӣ мекунад. Ҳангоми ақибнишинӣ ногаҳон ба зарбаи сахти қабилаҳои бодиянишин рӯ ба рӯ мегардад. Онҳо сари Спитаменро хоинона аз тан ҷудо карда, ба Искандар мефиристанд, то мавриди таваҷҷуҳи вай қарор гиранд. Аммо ин амали зишташон чун рафтори хоинона дар саҳифаи таърих сабт гардид ва наслҳои нав ба нави инсонӣ ба душманоне, ки дар дохили кишвар аз пушт ханҷар мезананд, лаънату нафрин мехонанд.

Гӯё имрӯз аз дили кӯҳсорон овози раъдосои ин лашкаркаши даврони бостон ба гӯш мерасад: Мо дар соҳилҳои рӯдҳои Ому, Сиру Зарафшон, дар саросари Суғду Бохтар ба душмани ғаддор амон нахоҳем дод!

Доир ба қаҳрамонию корнамоии Спитамен шоир Абдуҷаббор Қаҳҳорӣ драмаи «Шамшер ва рангинкамон»-ро навишт, оҳангсоз Толиб Шаҳидӣ балети «Спитамона»-ро офарид ва дар вилояти Суғд ноҳия бо номи ӯ гузошта шуд.

Ному корномаи Спитамен барои наслҳои имрӯзу фардои тоҷик намунаи баланди ватандӯстӣ ва рамзи ҷавонмардист.

Луғат:

Бодиянишин – кӯчӣ, саҳрогард.
Армуғон – туҳфа, дастовез.
Урду – лашкар, артиш.
Бостон – қадим, куҳан.
Рӯд – дарё.

Савол ва супориш:

1. Спитамен кӣ буд?
2. Ӯ ба муқобили кӣ меҷангид?
3. Вай чӣ гуна диловарию корнамоиҳо нишон дод?
4. Спитаменро кӣ кушт?
5. Кадом асарҳо ба Спитамен бахшида шудаанд?
6. Оё дар Тоҷикистон хотираи Спитамен пос дошта мешавад?

Дарси 10

САДДИ ХАТЛОН

Ба Искандари ҷангҷӯ роҳ ба сӯйи кӯҳу дараҳои фароху сабзи Бохтару Суғд кушода гардид. Лашкари бешумори ӯ аз биёбонҳои беобу тафсон гузашта, ба соҳили рӯди Ому (Окс) расид, ки дар он тарафаш Хутали бостонӣ (Хуталон, Хатлон) воқеъ буд. Ҳокими Бохтар–Бес муқобилатро бефоида шумурда, аз тарс ба Суғд гурехт. Ба ҷойи ӯ Сотибарзанро ба тахт нишонданд. Ӯ низ давом додани муқобилатро бефоида шумурда, ҳокими Хутал Туғдиро ба назди худ хонда, қарор дод, ки лашкари Бохтарро ҷавоб дода, мамлакатро ба нияти пешгирӣ аз хунрезӣ ба Искандар таслим кунад. Туғдӣ аз назди Сотибарзан баргашта, сардори дастаи камонварони худ Катанро наздаш хонда, ба вай қазияро фаҳмонд ва фармуд, ки сарбозони худро ҷавоб дода, корвоне таҳия карда, хонавода ва дороияшро ба кӯҳистони Ховалинг интиқол диҳад.

Искандар бохтариёнро бо туҳфаҳо қабул намуда, дар хайма зиёфат орост. Дар аснои зиёфат ошкор гардид, ки сарварони бохтариҳо ҳамаи сарваташонро бо аспу ароба ба кӯҳ интиқол додаанд. Искандар фармон дод, ки онҳоро ба қатл расонанд. Ҳамин тавр ҳам шуд. Баъди ин ҳодиса зидди Искандар муборизаҳои пинҳонию ошкоро сар шуд. Искандар ба ҳокими Бохтар бо навиштани нома хоҳиш кард, ки ба ин кор хотима диҳад. Катан дар ҷавоби нома

хомӯширо авло донист. Сотибарзан ҳам аз тарс мамлакатро тарк карда, ба Суғд фирор кард. Баъди даҳ рӯз Искандар ба Балх ворид гардид, вале шаҳр холӣ буд. Ӯ ба шаҳри торочшуда Алиат ном шахсро ҳоким таъйин кард.

Катан ҳанӯз то ба рӯди Ому наздик омадани лашкарони Искандар бо дастаи камонварони худ аз кӯчиёни бодиянишин марзу буми Хатлонро ҳимоя мекард. Дар ин миён ҳокими Хутал (Хатлон) Туғдӣ ӯро ба шаҳр даъват карда, талаб намуд, ки камонваронашро ҷавоб диҳад. Вай ба хоҳиши ҳоким ночор сар фуровард. Пас аз ҳафтае Катан ва Туғдӣ зану фарзанд ва дороияшонро ба кӯҳ фиристоданд. Катан баъд аз чанд рӯз фаҳмид, ки қофила ба тороҷ рафта, одамон, зану фарзандонашон кушта шудаанд. Ғаму алами ӯ беандоза гардид. Туғдӣ худро ба рӯйи ҷасади писараш Митан андохта нолид ва аз ҳуш рафт. Вақте ки ӯро бардоштанд, аллакай ҷон дода буд. Ҳаман ин Катанро ором нагузошт. Ӯ ба қароре омад, ки аҳолиро бар зидди юнону мақдуниҳо бархезонида, аз сарзамини худ дур андозад, зеро бо онҳо гуфтугӯ бефоида аст. Ба дифои Ватани муқаддас мардумро бархезонидану душманони истилогарро саркӯб кардан ҳадафу мароми ӯ гардид.

Катан баъд аз омодагию машқҳои зиёд ба дастаи сараҳои мақдунӣ дар остонаи Хатлон аввалин бархӯрд кард ва дастаи пешсафи онҳоро нобуд кард. Катан, ки дар ин ҷангҳо роҳу усулҳои гуногуни ҷангро ба кор мебурд, дигар пеши роҳи ӯро гирифтан мумкин набуд, амалиёти худро дар атрофи қароргоҳи Искандар идома медод. Катан вақте фаҳмид, ки Кратер бо лашкари бешумор сарбозонашро иҳота кардааст, хост байни сарбозони душман даромада, хатти ҳаракати онҳоро гузарад. Аммо юнониёну мақдуниён ду баробар зиёд буданд, ҷанги тан ба тан сар шуд. Катан бо Кратер дар муқобили ҳамдигар аввал бо найза, баъд бо шамшер ҷангиданд. Кратер ғолиб баромаду Катанро ба зарби шамшер зада кушт. Австанро асир гирифтанд. Австан ҳамон устои гулдасти бохтарие буд, ки дару тирезаи хонаи Катанро кандакорӣ намуда, сарварии камонварони Хуталро ба ҷону дил пазируфта

буд. Баъди фоҷиаи ба сарашон омада ӯро ба Бохтар барои одамонро ба ҷанг даъват кардан фиристода буд. Дар рафти тамоми мубориза онҳо ҳамроҳ буданд. Австан ҷавонмарди далер, ватандӯст, матинирода, ҳунарманди покдил буд. Баъди кушта шудани Катан муборизаро идома медиҳад, вале душман бо гулӯлаи сурби фалахмон ба сараш зада, ӯро аз по меафтонад. Вайро зинда нигоҳ дошта, ба назди Искандар мебаранд. Искандар бо ғурур ба ӯ мегӯяд: «Ту зидди ман исён бардошта, ба чӣ ноил шудан мехостӣ?». Ӯ дар ҷавоб истеҳзоомез: «Ғурмагас вақте ки аспро неш мезанад, чӣ хӯрдан мехоҳад?»–посухи ғайричашмдошт дод. Искандар саволи дигар додан хост, вале Австан ба Искандар гуфт:

– Шоҳо, дар атрофи худ даҳҳо аскар дорӣ, фармон деҳ, ки дастони маро аз банд озод кунанд, баъд ба саволҳоят ҷавоби саҳеҳ медиҳам.

Банд аз дастони Австан мегиранд. Вай ҳам шуда. кордро аз соқи мӯза бароварда, ба шоҳ ҳуҷум мекунад, вале ёвари шоҳ ба сари Австан бо сипар мезанад. Вай аз ҳуш рафта меафтад. Вақте ки ба ҳуш меояд, худро даруни қафаси оҳанин мебинад, ки аз ақиби лашкар мебаранд. Австанро се моҳ дар қафас нигоҳ доштанд. Вай ба ҳамаи ин шиканҷаҳо тоб овард. Аз ин як фараҳмандӣ дар ниҳоди худ эҳсос менамуд. Ӯ ба ҳеҷ кас таваҷҷуҳ намекард. Аммо рӯзе дар назди қафаси худ шахсеро дид, ки ба вай хайрхоҳона менигарист. Ин Алиати лидиягӣ буд. Алиат пинҳонӣ ба ӯ хӯрок оварда, таклифи ёрӣ додан кард. Онҳо аз ин баъд дӯст шуда, пинҳонӣ суҳбатҳо мекарданд. Австан боре ба Алиат маслиҳат дод, ки гурехта, ба Суғд ё ба ватани ӯ–Бохтар равад. Дар ҳақиқат, Алиат баъди кушта шудани Австан пинҳонӣ бо бохтариён–дастаи Гелон пайваст ва аз корнамоиҳои Катану Австан ба ҳамдиёрони онҳо қисса кард. Ҳамин тавр, матонату шуҷоати Катану Австан вирди забонҳо гардид.

(Мазмун аз романи Ато Ҳамдам ва
Леонид Чигрин «Садди Хатлон»)

КАТЛИ ВОСЕЪ
(Монолог)

Қаср.
Ишратгоҳи тобистони шоҳ.
Ҷойи қатли «ёғиёни» бегуноҳ,
Мир бо асҳоб дар айвони арк.
Бандагони мир дар майдони арк,
Дар миёна дор,
Восеъ пойдор,
Ҳамчу кӯҳи Балҷувонаш устувор.
Хокро бӯсид, сарро аз замин
Кард боло, хӯрд бар чархи барин.
Кӯҳ ин фурсат ба ӯ ҳамроҳ шуд,
Дори шоҳон назди ӯ кӯтоҳ шуд...
Дар ғазаб омад аз ин мири ғазаб,
Гуфт аркон,
Гуфт майдон: «Воаҷаб!»
Аз сафи омода сарбози савор
Ҳалқаро пайваст бо шохи чанор,
Бандиро овард сӯйи зинадор.
Аз чинор омад яке бӯйи диёр,
Аз диёр омад садои Гулизор.
Танг омад ҳалқа гирди гарданаш,
Танг омад дар бадан пироҳанаш.
Кунда аз зери ду пояш дур шуд.
Шаҳчаноре бо чаноре ҷӯр шуд...
Зад амири бехабар табли зафар,
На, аморат мезанад бонги хатар!
Баски бисёр аст ҳамдастони ӯ,
Рӯди саршор аст кӯҳистони ӯ!

Муъмин Қаноат

Луғат:

Садд–девор, монеа.
Интиқол додан – кашондан.
Алайҳи – муқобили, зидди.
Набард – ҷанг.
Гулӯла – тир.
Гулизор – духтари Восеъ.
Монолог – гуфтугӯйи як нафар.
Ёғӣ – саркаш, исёнгар.

Асҳоб – ҳамсуҳбатон, аҳли дарбор.
Бандагон – ғуломон.
Арк –қалъа.
Аморат – ҳокимияти амирӣ.
Пироҳан – либос, курта.

Савол ва супориш:

1. Чаро шоҳони Бохтар ва Хутал (Хатлон) дар аввал бо Искандар муқобилат накарданд?
2. Чаро бохтариҳо ба муборизa бархостанд?
3. Катан кӣ буд? Чаро ӯ ба Искандар сар нафуровард?
4. Кадом ҳодиса Катанро ба муборизаи беамон кашид?
5. Муборизаи Катан бо чӣ анҷомид?
6. Австан кӣ буд? Вай чӣ корнамоиҳо кард? Алиат ба ӯ чӣ таклиф кард?
7. Аз матонат ва шуҷоати Катану Австан кӣ қисса мекард?
8. Ҳисоб кунед. Шоири халқ Бобоюнус Худойдодзода соли 1878 дар деҳаи Косатароши Балҷувон таваллуд шудааст. Дар синни 16-солагиаш дар шӯриши Восеъ иштирок кардааст. Шӯриши Восеъ кай ба амал омадааст? Баъди сӣ соли шӯриш ӯ «Достони Восеъ»-ро навиштааст. Бобоюнус ин достонро кай эҷод кардааст?
9. Восеъ чаро шӯриш бардошт? Вай аз мири Балҷувон чӣ мехост?
10. Оё Восеъ ба ғалабаи ростӣ, ҳақиқат ва озодӣ бовар дошт?
11. Чаро Муъмин Қаноат Восеъро ба чинор монанд кардааст?
12. Магар шӯришгарон қасди Восеъро гирифтанд?

Дарси 11

ҚАҲРАМОНҲОИ ТОҶИКИСТОН

Бачаҳои азиз! Қаҳрамонҳои Тоҷикистон шахсони зерин мебошанд: Садриддин Айнӣ (1878–1954), Бобоҷон Ғафуров (1909–1977), Эмомалӣ Раҳмон (таваллудаш 1952), Мирзо Турсунзода (1911–1977), Нусратулло Махсум (1881–1938), Шириншоҳ Шоҳтемур (1899–1937).

Донистани мардаги аз корномаи хар як Қахрамони Тоҷикистон барои мову шумо хатмӣ аст.

САДРИДДИН АЙНӢ

15 апрели соли 1878 дар деҳаи Соктареи ноҳияи Ғиждувони Бухоро зода шуда, дар мадрасаҳои шаҳри Бухоро таҳсил кардааст. Ӯ поягузори адабиёти навини тоҷик ва нахустин президенти Академияи илмҳои Тоҷикистон буд. Осори назмию насрӣ ва таҳқиқоти илмиаш дар таърихи тамаддуни муосири тоҷик нақши бузург гузоштааст. «Ҷаллодони Бухоро», «Одина», «Дохунда», «Ғуломон», «Марги судхӯр», «Ёддоштҳо», «Таърихи амирони манғитияи Бухоро», «Таърихи инқилоби Бухоро» аз муҳимтарин осори бадеӣ ва таърихии вай буда, роҷеъ ба Абӯалӣ ибни Сино, Фирдавсӣ, Рӯдакӣ, Саъдӣ, Навоӣ, Бедил таҳқиқоти муҳимми илмӣ анҷом додааст. Садриддин Айнӣ Ходими хидматнишондодаи илми Тоҷикистон ва Ӯзбекистон, доктори илмҳои филологӣ, вакили Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон (1937, 1947), вакили Шӯрои Олии ИҶШС (СССР) (1950, 1954) буда, хидматҳояш бо чандин ордену медалҳои ИҶШС қадр гардидаанд. Вай 15 июли соли 1954 фавтида, оромгоҳаш дар боғи ҳамноми ӯ дар шаҳри Душанбе ҷой дорад.

Соли 2007 сазовори унвони олии «Қаҳрамони Тоҷикистон» гардидааст.

БОБОҶОН ҒАФУРОВ

31 декабри соли 1909 дар деҳаи Исфисори ноҳияи Хуҷанд ба дунё омадааст. Соли 1930 Донишгоҳи олии ҳуқуқшиносии шаҳри Самарқанд ва соли 1935 Институти умумииттифоқии коммунистии журналистикаро хатм кардааст. Дар Вазорати адлияи ҶШС Тоҷикистон, рӯзномаи «Қизил Тоҷикистони» кор кардааст. Солҳои 1938 – 1941 аспиранти Институти таърихи АИ ИҶШС (СССР) буд. Солҳои 1941 –

1944 котиби КМ ҲК (б), солҳои 1944 – 1946 котиби дувум ва солҳои 1946–1956 котиби якуми Кумитаи Марказии ҲК (б) Тоҷикистон буд. Аз соли 1956 то охири умр вазифаи директори Институти шарқшиносии Академияи илмҳои ИҶШС-ро бар уҳда дошт.

Бобоҷон Ғафуров таърихнигор ва шарқшиноси барҷастаи шӯравӣ буда, бузургтарин асараш «Тоҷикон.Таърихи қадимтарин, қадим ва асрҳои миёна» мебошад. Ӯ академики Академияи илмҳои ҶШС Тоҷикистон, академики Академияи илмҳои ИҶШС, Ходими хидматнишондодаи илми Тоҷикистон буда, бо нишону медалҳои зиёде сарфароз гардонида шудааст. Ӯ 12 августи соли 1977 вафот карда, оромгоҳаш дар боғи ба номи Садриддин Айнии шаҳри Душанбе воқеъ аст.

Барои хидматҳои бузургаш соли 1999 бо унвони олии «Қаҳрамони Тоҷикистон» мушарраф гардидааст.

ЭМОМАЛӢ РАҲМОН

5 октябри соли 1952 дар ноҳияи Данғара таваллуд шудааст. Баъд аз хатми омӯзишгоҳи касбию техникии №40-и шаҳри Калининобод (Сарбанди кунунӣ) ба ҳайси устои барқ дар корхонаи равғанкашии шаҳри Қӯрғонтеппа ба фаъолияти меҳнатӣ оғоз намудааст. Солҳои 1971–1974 дар хидмати сарбозӣ будааст. Соли 1982 факултаи иқтисоди Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро хатм кардааст. Солҳои 1976 – 1987 дар мақомоти давлатию ҳизбии ноҳияи Данғара ифои вазифа намудааст ва аз тирамоҳи соли 1992 раиси Кумитаи иҷроияи Шӯрои намояндагони халқи вилояти Кӯлоб буд. Аз соли 1990 вакили мардумӣ дар Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, 19 ноябри соли 1992 дар иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб гардид.

6 ноябри соли 1994 бори аввал, 6 ноябри соли 1999 бори дувум, 6 ноябри соли 2006 бори севум ва 6 ноябри соли 2013 бори чорум аз тариқи овоздиҳии умумихалқӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб гардидааст.

11 декабри соли 1999 унвони олии «Қаҳрамони Тоҷикистон»-ро дарёфт кардааст. Эмомалӣ Раҳмон дар соли 2015 бо пешниҳоди мардум Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат пазируфта шуд.

МИРЗО ТУРСУНЗОДА

2-юми майи соли 1911 дар деҳаи Қаратоғи ноҳияи Турсунзода таваллуд шудааст. Соли 1930 Дорулмуаллимини шаҳри Тошкандро хатм намуда, дар идораи рӯзномаи «Ҷавонони Тоҷикистон», Театри давлатии мусиқию мазҳакавии шаҳри Хуҷанд, Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон фаъолият кардааст. Аз соли 1946 то охири умр раиси Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон буд.

Мирзо Турсунзода яке аз бузургтарин шоирони адабиёти навини тоҷик буда, барои эҷоди асарҳои сазовори давру замон бо ҷоизаҳои давлатии ИҶШС (СССР), ленинӣ, ба номи Рӯдакӣ, байналмилалии ба номи Ҷавоҳирлаъл Неҳру, Комсомоли ленинии Тоҷикистон ва ғайра сарфароз гардидааст. Хидматҳояш бо унвонҳои олии «Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ», «Шоири халқии Тоҷикистон», академики Академияи илмҳои ҶШС Тоҷикистон ва чандин нишону медалҳои ИҶШС ва дигар кишварҳои хориҷӣ қадр шудаанд. Ӯ 24 сентябри соли 1977 вафот карда, мақбарааш дар маҳалли Лучоби шаҳри Душанбе ҷой дорад.

Мирзо Турсунзода соли 2001 бо унвони олии «Қаҳрамони Тоҷикистон» сарфароз гардидааст.

НУСРАТУЛЛО МАХСУМ (ЛУТФУЛЛОЕВ)

Соли 1881 дар деҳаи Чашмаи Кизии ноҳияи Ғарм (алҳол ноҳияи Рашт) таваллуд шудааст. Миллаташ тоҷик. Солҳои 1895–1906 коргари яке аз корхонаҳои шаҳри Хӯқанд буд. Соли 1921 ба сафи муборизони пойдор намудани Ҳукумати Шӯравӣ пайваста, то соли 1923 ба

ҳайси намояндаи Кумитаи хӯроквории Ҷумҳурии Халқии Шӯравии Бухоро оид ба таъмини Артиши Сурх бо хӯрокворӣ дар ноҳияи Ғарм ва Душанбе фаъолият намуд. Солҳои 1921–1924 вазифаҳои бо хӯрокворӣ таъмин кардани аскарони сурх, раиси Кумитаи фавқулодаи диктатории Бухорои Шарқӣ, раиси Кумитаи Иҷроияи Марказии Бухорои Шарқӣ ва баъди таъсиси Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон вазифаи раиси Кумитаи Инқилобии ҶМШС Тоҷикистонро иҷро кардааст.

1-уми декабри соли 1926 Анҷумани якуми умумитоҷикии муассисони Шӯроҳои намояндагони коргарон, деҳқонон ва аскарони сурх мақоми олии давлатӣ – Кумитаи Иҷроияи Марказии ҶМШС Тоҷикистонро таъсис дод, ки Нусратулло Махсум раиси он интихоб карда шуд. Соли 1929 баъди ташкил ёфтани ҶШС Тоҷикистон раиси Кумитаи Иҷроияи Марказии ҶШС Тоҷикистон интихоб гардида, то соли 1933 дар ин вазифа кор кард. Соли 1933 барои таҳсил ба Академияи банақшагирӣ ба ихтиёри КМ ҲК (б) ба Маскав даъват гардид. Соли 1933 ба таъқибот гирифтор шуд.

Соли 2006 бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вай унвони олии «Қаҳрамони Тоҷикистон» дода шуд.

ШИРИНШОҲ ШОҲТЕМУР

Соли 1899 дар деҳаи Поршневи ноҳияи Шуғнони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон таваллуд шудааст. Миллаташ тоҷик. Солҳои 1914–1919 ба ҳайси коргар дар корхонаҳои шаҳри Тошканд фаъолият кардааст. Соли 1920 ба Хуҷанд омада, дар кори Комиссияи тақсимоти хӯрокворӣ ширкат варзид. Соли 1921 дар ҳайати

Комиссияи ҳарбии сиёсӣ ба Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон фиристода шуд. Солҳои 1921–1922 ба ҳайси раиси Кумитаи инқилобии Бадахшон, солҳои 1922–1923 раиси Комиссияи ҳарбии сиёсӣ, солҳои 1923–1924 корманди дастгоҳи Кумитаи Марказии Ҳизби Коммунисти (б) Тоҷикистон буд. Соли 1924 корманди Комиссариати халқии нозироти коргару деҳқон, соли 1927 сардори ҳайати намояндагии ҶМШС Тоҷикистон дар Самарқанд буд. Соли 1929 Донишгоҳи коммунистии заҳматкашони Шарқи шаҳри Маскавро хатм кард.

Аз соли 1929 котиби масъул ва котиби дуюми КМ ҲК (б) Ӯзбекистон дар Тоҷикистон ва соли 1933 раиси Кумитаи Иҷроияи Марказии ҶШС Тоҷикистон интихоб гардид. Бо ордени «Байрақи Сурхи Меҳнат» мукофотонида шудааст.

Соли 2006 бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо унвони олии «Қаҳрамони Тоҷикистон» сарфароз гардонида шуд.

Савол ва супориш:

1. Қаҳрамонони Тоҷикистон киҳо мебошанд?
2. Садриддин Айнӣ кай, дар куҷо таваллуд шудааст?
3. Кадом осори назмию насрии Садриддин Айниро медонед?
4. Садриддин Айнӣ барои кадом хизматҳояш бо унвони олии «Қаҳрамони Тоҷикистон» (кай) мукофотонида шудааст?
5. Дар дафтаратон як ҷадвал кашида, ному насаби Қаҳрамонҳои Тоҷикистон: Садриддин Айнӣ, Бобоҷон Ғафуров, Эмомалӣ Раҳмон, Мирзо Турсунзода, Нусратулло Махсум ва Шириншоҳ Шоҳтемурро навишта, аз рӯйи савол ва супоришҳои рақамҳои 2,3,4 ва 5 хонапурӣ намоед.

Дарси 12

ИФТИХОРИ ТОҶИКИИ АҲМАДШОҲИ МАСЪУД

Соли 1992 охири фасли зимистон тани танҳо дар кӯчаҳои Тахор саргардон будам. Ҳамдиле мехостам, ки маро мисли як инсон бо қалби саршор аз муҳаббат ва меҳрубонӣ бипазирад. Шабе волии шаҳри Тахор чанде аз мо тоҷикони муҳоҷирро ба меҳмонии хеш даъват бинмуд. Ба волӣ гуфтам, ки мехоҳам Аҳмадшоҳи Масъудро бибинам ва дар суҳбаташ биншинам. Вай номае навишт, ки дар чархбол ҳаққи нишастро дорам. Чархбол ба ҳаво хест барои парвоз ба самти Кобул. Баъд аз соате чанд чархбол дар майдони ҳавоии Багром фуруд омад. Аз Багром бо мошин ба шаҳри Кобул расидем. Аз як нафар қароргоҳи Аҳмадшоҳи Масъудро суроға гирифтам. Он кас маро то макони Аҳмадшоҳи Масъуд раҳнамоӣ кард. Бо иҷозати посбон вориди бино шудам, вале дар интизорӣ рӯз ба шом расид ва шаб омад, касе ба суроғи ман наёмад. Посе аз шаб гузашта буд, ки сару садо баланд шуд. Овозе шунидам, ки мегуфт: “Омир Соҳиб (яъне Аҳмадшоҳи Масъуд) меояд”. Ба худ гуфтам, ки дар ин шаб дигар намешавад ӯро дид, аммо иштибоҳ кардам. Баъд аз фурсате буд, ки нафаре омад ва маро ба табақаи дуюм бурд. Гуфт, ки ин ҷо бошед. Ҳудуди 10 –15 дақиқа интизор будам ва дар ин фурсат чанд сатри парешонро дар зеҳн омода кардам. Ниҳоят, дар боз шуд ва ман вориди ҳуҷраи начандон бузург гардидам. Он ҷо 10 – 12 нафар нишаста буданд, ки ба ман менигаристанд. Дар он ҷамъ Аҳмадшоҳи Масъуд ва доктор Абдуллоҳро зуд шинохтам. Ба Аҳмадшоҳи Масъуд нигоҳ кардам ва одоби салом ба ҷой овардам. Ӯ бо чеҳраи кушодаву гарм ба саломам ҷавоб гуфт. Дар ин лаҳза бовар надоштам, ки рӯ ба рӯ бо Шери Панҷшер истодаам. Сукутро овози гарми Аҳмадшоҳи Масъуд шикаст: «Хуш омадӣ, бародари тоҷик, бифармоед,

дар хидматам». Ҳамон байтеро, ки дар зеҳн доштам, хондам:

Касе имрӯз агар дорад дили огоҳ,
Ватанро дӯст дорад ҳамчу Аҳмадшоҳ.
Ватанро ҳол вақти буду нобуд аст,
Худо ҳам ёри Аҳмадшоҳи Масъуд аст.

Ёдам аст, Аҳмадшоҳи Масъуд аз ҷой баланд шуд ва дар он замон буд, ки гуфт: «Бале, Ватан дӯстдоштанӣ аст. Ватан барои мо меҳру муҳаббат ва саодатро омӯхт, ин ҳамаро аз Ватан бигирифтаем. Ватан ҳам аз мо муҳаббат, меҳрубонӣ ва садоқат мехоҳад». Ин ҷо буд, ки Аҳмадшоҳи Масъуд номамро пурсид. Гуфтам: «Номи ман Муҳаммадалии Аҷамӣ». Ширин хандид ва гуфт: «Магар ҳанӯз ҳам аз Аҷам мегӯянд» ва ин байти Ҳаким Фирдавсиро бисёр ҷиддӣ бихонд:

Басе ранҷ бурдам дар ин сол сӣ,
Аҷам зинда кардам бад-ин порсӣ.

Ба ин тариқ, аввалин суҳбату дидорам бо Аҳмадшоҳи Масъуди сипаҳсолор сурат гирифт. Аҳмадшоҳи Масъуд аз Тоҷикистон, аз мардуми он, аз шеъру ҳунари мардум маро суол мекард, суханамро намешикаст. Аҷиб он буд, ки аз ҷанг ҳарфе набуд. Суҳбат аз шеър буду аз шоирӣ. Дар зеҳнам ин андешаро доштам, ки ин мард бо он, ки солҳо дар пайкор аст, эҳсосу зарофату лутфи шеъру ҷавҳари сухандонӣ дар вуҷуди ӯ зинда аст ва бо он ҳама гирифториҳо аз суҳбати шеър даст барнамедорад.

Дар он шаб Аҳмадшоҳи Масъуд аз ман пурсид, ки шеърҳоямро дар хотир дорам ё на. Гуфтам: «Бархеро ҳифз кардаам ва бархеро пора-пора ёд дорам». Гуфт: «Пас, аз шеърҳои худ барои мо бихон». Он вақт ҳанӯз дар шеър таҷрибаи зиёд надоштам ва аз нигоҳи имрӯз ба ростӣ ба он шеърҳоям раҳмам меояд, намедонистам, ки барои

Аҳмадшоҳи Масъуд чӣ бихонам. Ин ҷо буд, ки ёд аз миллат ва аз таърих сироятам карду ин шеърро хондам:

Гоҳ-гоҳе пурсам аз худ:
Дар замини Тоҷикистон
Ин қадар санг аз куҷо пайдо шудаст?
Дар дили фарзанди тоҷик
Ин ҳама нанг аз куҷо пайдо шудаст?
Ман диҳам бар худ ҷавоб:
Халқи тоҷикро басе
Сангборон кардаанд,
Ҳам парешон кардаанд,
То накорад донаи худро дигар,
То насозад хонаи худро дигар,
То бихушкад тухми тоҷик дар миёни сангҳо.
Халқи тоҷикро басе
Сангборон кардаанд,
Ҳам парешон кардаанд,
Лек тоҷик бар аду гардан надод,
Баҳри фардои Ватан сарро бидоду тан надод.
Сангҳоро чида-чида
Дар бари ҷар,
Дар сари ҷар
Хонае аз санг кард,
Хонае аз нанг кард,
Хонае аз санги кӯҳистони худ,
Хонае аз нанги аҷдодони худ,
Дар миёни сангҳо ҳам зинда монд.

Аз шеър берун омадаму ҳамаро дар як сукути сангин дидам ва Аҳмадшоҳи Масъудро ашк аз чашм мерехт. Ашк барои як миллат, барои як таърих, барои як сарнавишт. Фикр мекунам, шеъри ман танҳо як баҳона буд дар ин мавзӯъ. Ашки Аҳмадшоҳи Масъуд ашки як марди тавоно буд, ашки як марди бузург буд, ашки як сарлашкаре буд, ки ба сипоҳиён таъсир мегузошт. Доктор Абдуллоҳ нигоҳе сӯйи ман афканд ва бо овози мулоим барои хониши шеър изҳори ташаккур кард. Шаб ба бедорӣ поён ёфт.

Субҳ хостам ба Аҳмадшоҳи Масъуд худоҳофизӣ кунам, иҷозат надод. Гуфт: «Ҳоло ҳамин ҷо бимон». Субҳ зуд худ бирафт ва ман боз он ҷо мондам. Он рӯз суҳбат танҳо аз гиряи Аҳмадшоҳи Масъуд буд. Генерал Салим он вақт масъули майдони ҳавоии Багром аз ман он шеърро пурсид ва дар коғазе барои худ бинвишт. Ин шеър миёни сарбозон даст ба даст рӯйнавис мешуд. Шаб Аҳмадшоҳи Масъуд боз омад ва суҳбат боз аз шеър буду сухан. Аҳмадшоҳи Масъуд ҳамон шеъри дишабро хоҳиш карданд, ки бихонам ва ман хондам. Чашмони Аҳмадшоҳи Масъудро боз тар дидам. Рӯзи дигар буд, як тан аз муҳофизони Аҳмадшоҳи Масъуд бо номи Исломиддин омад ва гуфт: «Бародари тоҷик, ту бояд фардо аз ин ҷо биравӣ, агар ҳар бор ту ин гуна шеър бихонӣ ва Омир Соҳиби мо гиря бикунад, заиф хоҳад шуд. Дар тамоми набардҳо боре ҳам ашк нарехтааст, ашки ӯро мо надидаем. Ҳоло ту омадӣ, ҳар шаб мехонӣ ва ӯ ашк мерезад. Мо ҳоло ба ӯ ниёзмандем».

Рӯз қасди рафтан гирифтам, вале бо амри Аҳмадшоҳи Масъуд маро дастгир карда, ба қароргоҳ баргардониданд. Мабодо бори дигар фирор накунам, ҳар субҳ Аҳмадшоҳи Масъуд маро бо худ мебурд. Як нафар муҳофиз дар канори ронанда, ман ва Аҳмадшоҳи Масъуд дар ақиби мошин менишастем. Аҳмадшоҳи Масъуд ҳар рӯзе як қисмати шаҳрро бароям нишон медод, аз таърихи шаҳр бароям ҳикоят мекард. Як рӯз тамоми шоирони Кобулро даъват намуд ва шаби шеър баргузор кард. Шаб шаби зебо буд, шаби шеър буд. Шоирони афғон дар ҳузури Аҳмадшоҳи Масъуд бо фурӯтанӣ шеър мехонданд ва ман низ дар он шаб шеърҳо хондам. Ду ҳафтаро ҳамроҳи Аҳмадшоҳи Масъуд сипарӣ намудам. Чанд рӯзе, ки бо Аҳмадшоҳи Масъуд будам, ӯ ҳар рӯз аз ман хоҳиш мекард, ки ҳамон шеърро бихонам.

Ҳикояти ду ҳафта бо Аҳмадшоҳи Масъуд дар як дафтар намегунҷад. Марги ӯ баробар аст ба марги як миллат, марги вай барои ман боз марги як бародар аст, зеро ӯ дар ҳузури доктор Абдуллоҳ ва генерал Салим бо ман аҳди бародарӣ баста буд. Дар таърих мардони бузурги моро ҳамин гуна ноҷавонмардона куштаанд, вале мо боз

зиндаем. Аз лаби таърихи ин миллат хун меравад, аммо ин миллат зинда аст, зеро мардони бузург дорад ва хоҳад дошт, мисли қаҳрамони миллии Афғонистон, шаҳид Аҳмадшоҳи Масъуд.

Муҳаммадалии Аҷамӣ

Луғат:

Аҷам – мардуми ғайриараб, қавми форсу тоҷикзабон.
Тахор – шаҳре дар Афғонистон.
Волӣ – раиси вилоят, шаҳрдор.
Аҳмадшоҳи Масъуд – сипаҳсолори машҳури Афғонистон, ки ба муқобили душманон ҷангида, 9 сентябри соли 2001 бо дасти гумоштагони онҳо шаҳид гардид. Ниёгонаш аслан аз тоҷикони Даҳбеди Самарқанд буданд.
Багром – майдони ҳавоӣ дар Кобул.
Муҳаммадалии Аҷамӣ – адиби тоҷик.
Панҷшер – вилоятест дар Афғонистон, зодгоҳи Аҳмадшоҳи Масъуд.
Шери Панҷшер – лақаби Аҳмадшоҳи Масъуд.
Пайкор, набард – мубориза, ҷанг.
Худоҳофизӣ – хайрбод.
Омир Сохиб – унвони эҳтиромии Аҳмадшоҳи Масъуд ва дигар қумандонони соҳибиззати афғон.
Доктор Абдуллоҳ – раиси иҷроияи Ҳукумати Ваҳдати миллии Афғонистон Абдуллоҳи Абдуллоҳ.

Савол ва супориш:

1. Муҳаммадалии Аҷамӣ кист?
2. Чаро ӯ бо Аҳмадшоҳи Масъуд мулоқот орост?
3. Оё Аҳмадшоҳи Масъудро мешиносед? Ӯ кӣ буд?
4. Чаро ӯро куштанд?
5. Аҳмадшоҳи Масъуд чаро гирист?
6. Шеъри Муҳаммадалии Аҷамӣ "Гоҳ-гоҳе пурсам аз худ"-ро аз ёд кунед ва ифоданок хонед.
7. Дар мавзӯи "Ифтихори тоҷикии Аҳмадшоҳи Масъуд" иншо нависед.

ФАСЛИ 4. ИСМОИЛИ СОМОНӢ – АСОСГУЗОРИ ДАВЛАТДОРИИ ТОҶИКОН

Дарси 13

ДАВЛАТИ СОМОНИЁН

Дар таърихи давлатдории тоҷикон дар гузашта ҳеҷ давлате мисли давлати Сомониён ба халқи худ ин қадар хизмати арзанда накардааст. Махсусан дар аҳди намояндаи барҷастаи сулолаи Сомониён – Исмоили Сомонӣ баъди истилои арабҳо давлати муқтадиру мутамарказ арзи вуҷуд намуд. Ин давлат дар муддати як асри мавҷудияти худ рисолати таърихии худро иҷро намуд. Кореро анҷом дод, ки пешгузаштагон аз уҳдааш набаромада буданд. Бо ифтихор эълон кардани Исмоили Сомонӣ, ки **«То зинда ҳастам, девори Бухоро ман бошам»** аз иқтидори ин шоҳи одилу бузург гувоҳӣ медиҳад.

Исмоили Сомонӣ тавонист, ки якум, давлати Сомониёнро аз ҳуҷуми аҷнабиён девор шавад, дуюм, давлати ҳақиқатан миллӣ созад ва замони ҳукмронии вай даврони тиллоии давлатдории тоҷикон ба шумор меравад.

Бузургии Исмоили Сомонӣ дар он буд, ки вай ба ҷангу ҷидолҳои дохилӣ хотима дод, бо халифаҳои араб мадоро намуд ва давлати миллӣ ва мутамаркази тоҷиконро ташкил дод, кишварҳои бузурги Хуросону Вароруд зери ҳимояи худ гирифт ва ҳомии онҳо шуд. Ӯ ваҳдат ва ягонагии халқро ба вуҷуд оварда, эҳсоси созандагию бунёдкориро эҳё намуд, таърих, анъана ва расму оинҳои аҷдодиро зинда кард, илм, фарҳанг, адабиёт ва ҳунарҳои мардумиро ривоҷ дод.

Сохти давлату давлатдории Сомониён мактаберо мемонд, ки аз он даҳҳо шоҳону амирон, ки минбаъд сари қудрат меомаданд, меомӯхтанд. Сохтори ҳукумат, дастгоҳи давлату низоми давлатдорӣ, ки Исмоили Сомонӣ асос гузошта буд, таърихнигорон, адибон ва сайёҳони хориҷиро мафтун мекард.

Аз оғози асри XI милодӣ сар карда, қариб ҳазор сол бахт ба рӯйи тоҷикон нахандид ва давлату давлатдории

онҳоро бегонагон рабуданд. Ҳарчанд ки барои баргардонидани давлати Сомониён баъзе комёбиҳои ҷузъӣ аз ҷониби Абӯиброҳим Мунтасири Сомонӣ ба даст оварда шуд, вале ин кӯшишҳо самар надоданд. Давлату давлатдорӣ ба дасти сулолаҳои Ғазнавиён, Салҷуқиён, Қарахониён, Ғуриён, Хоразмшоҳиён, Муғулон, Темуриён, Шайбониён, Аштархониён, Манғитиён гузашт.

Хизмати бузурги давлати Сомониён ва Оли Сомонро миллати фарҳангдӯсти тоҷик ҳеҷ гоҳ фаромӯш намекунад. Ҳаштуми августи соли 1999 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бахшида ба 1100-солагии давлати Сомониён бо камоли ифтихору сарфарозӣ халқи кишвар ва тоҷикони тамоми ҷаҳонро табрик намуда гуфт: **«Хизмати бузурги таърихии Исмоили Сомонӣ ва ниёгони он буд, ки низоми ниҳоят муназзам, муассир ва фаъоли идораи марказӣ ва маҳаллиро бунёд гузоштанд. Ин низом унсурҳо ва арзишҳои муҳимтарини давлатдории ориёиро эҳё намуда, онҳоро бо арзишҳои тамаддуни гузаштаю мавҷудаи давр омезиш дод».**

ОЛИ СОМОН

Маснаде дар ҳалқаи саҳронишинон,
Бӯстоне дар миёни шӯразорон,
Гулхане дар лобалои кӯрдуд,
Паҳлавоне дар миёни нотавонон –
Оли Сомон!

Махзани тилло ба дасти боддастон,
Шоире дар инҳисори худпарастон,
Уфтода ахтаре ногаҳ зи гардун
Дар муҳити золимону зулматистон –
Оли Сомон!

Гӯиё
Як нафас тоҷикро Таърих дод оинае
То дар ӯ бинад нишони хештанро,
То дар ӯ ёбад ҷаҳони хештанро,

Лек шодикаф шуду ойина аз дасташ фитод,
Хештанро ҳам надиду дигаронро ҳам надид...

Гӯиё
Як нафас тоҷикро Таърих ҷӯе об дод,
То кунад обӣ макони хештанро,
Даштҳои бекарони хештанро,
Лек шодикаф шуду он об аз ҷӯяш гузашт,
То бидид, оби варо аъдо ба ҷӯйи худ кашид...

Гӯиё тоҷик андар дашти бопаҳнои Таърих
Ёфт аспи шахлаҷоме,
Хост ҷӯяд манзили номусу номе.
Асп нофармону саркаш...
Ӯ саворио намедонист...
Ногаҳ аз сари асп уфтод...
Бесавора, зин кашола,
Асп дар саҳрои пурфарёди Таърих
он қадар сарсон давид,
Шиҳа зад, афгон кашид,
То ба дасти душманон афтоду ҷон аз даст дод...

Оли Сомон!
Давлати навкисаву навхонагон,
Давлати навдавлату навхоҷагон,
Кӯдаки якрӯзаи Таърихи тоҷик,
Зодрӯзат ёд бодо,
Ғӯрамарго, ғӯрамарго!..

Лоиқ Шералӣ

Луғат:

Ниёгон–гузаштагон, аҷдод.
Муназзам–бонизом, ботартиб.
Муассир–таъсирбахш.
Тамаддун–маданият, фарҳанг.
Оли Сомон– сулолаи Сомониён.
Маснад–тахт, авранг; мақом, мартаба.
Бӯстон– боғ, гулистон.
Махзан– хазина.

Инҳисор –иҳота шудан.
Ахтар – ситора.
Гардун – осмон.
Аъдо – душман.
Афғон – фиғон, нола.
Лобало – рӯ ба рӯ, дар муқобил.

Савол ва супориш:

1. Чаро аз давлати Сомониён бо ифтихор ёдовар мешавем?
2. Барои чӣ Исмоили Сомонӣ худро "девори Бухоро" меномид?
3. Кадом хизматҳои Исмоили Сомониро медонед?
4. Чаро тариқи давлатдории Сомониёнро ба мактабе монанд мекунанд?
5. Давлати Сомониён кай барҳам хӯрд?
6. 1100-солагии давлати Сомониён дар Тоҷикистон кай ҷашн гирифта шуд?
7. Суханони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонро оид ба хизматҳои Исмоили Сомонӣ нақл кунед.
8 Шеъри "Оли Сомон"-и Лоиқ Шералиро шарҳу тавзеҳ диҳед ва онро аз ёд кунед.

Дарси 14

ДЕВОРИ БУХОРО

Замони дар сари ҳокимият буданаш Исмоили Сомониро ҳамчун шоҳи донишманду соҳибхирад, маърифатпарвару далер, зираку доно ҳамагон эътироф мекарданд ва дар бораи кордонӣ, дурандешӣ, хирадмандӣ ва хоксории ӯ нақлу ҳикоятҳо мекарданд.

Мегӯянд, дар Бухоро мавзеи хушманзарае будааст, ки он ҷоро "Ҷӯйи Мӯлиён" мегуфтаанд. "Мӯлиён" калимаи кӯтоҳшудаи «Маволиён» аст, ки маънои «ғуломони озодшуда»-ро дорад. Исмоил ҳамин мавзеъро харида, обод мекунад, баъд ба сарбозонаш мебахшад.

Исмоилро одате буд, ки рӯзҳои сарду боронӣ ҷома ба бар карда, савори асп мешуд ва дар саҳни майдони

Регистони Бухоро мегашт. Боре аз вай пурсиданд, ки шоҳон дар чунин рӯзҳо дар хонаҳои гарм мешинанд ва айшу нӯш мекунанд. Шумо чӣ кор мекунед? Исмоил ҷавоб медиҳад, ки на ман аз он шоҳонам ва на онҳо Исмоили Сомониянд. Дигар ин ки метарсам аз он ки мабодо дармонда ё корафтодае биёяду маро надида, ноумед шуда баргардад, пас ман дар қиёмат пеши Худованди Бузург чӣ ҷавоб медиҳам?

Аз ин амал маълум мешавад, ки Исмоил ҳар чизи некро, ки аз ниёгон дар тарзи идораи давлатдорӣ мерос монда буд, мепазирад ва давом медиҳад. Тахминан 1600 сол пеш дар аҳди Сосониён Анӯшервони Одил силсилазанҷирҳо ороста, ки ситамдидагону корафтодагонро шахсан худаш қабул намояд ва аҳвол бипурсад. Ҳар ситамдида меомад ва силсиларо меҷунбонид. Зангӯла занг мезад. Нӯшервон мебаромаду арзу додашон мешунид ва заифонро аз ҷабри золимон ҳимоят мекард.

Бародари Исмоил Наср Аҳмади Сомонӣ амир буду пойтахт – Самарқанд. Наср Исмоилро ҳокими Бухоро таъйин карду гуфт, ки аз даромади ҳарсола 700 ҳазор динор ба хазинаи давлат супорад. Исмоил итоат накард ва гуфт, ки ин миқдор пулро барои ободии вилояти худ сарф мекунам. Миёни бародарон иғво андохтанд. Наср бо мақсади ҷанг сӯйи Бухоро лашкар кашид. Исмоил гуфт, ки Бухороро худат ба ман дода будӣ, агар хоҳӣ, бе ҷангу хунрезӣ онро пас гир ва худаш шаҳрро тарк кард.

Хунрезӣ рӯй надод. Бори дуюм задухӯрд бо ғалабаи Исмоил анҷомид. Дар майдони ҷанг Наср бо қисми зиёди аскаронаш асир афтод. Насрро назди Исмоил оварданд. Фармуд, ки сару рӯяшро шуста, ба вай либоси тоза пӯшонанд. Исмоил бародарро ба оғӯш гирифт, бӯсид ва сар пеши пояш гузошт. Баъд либосу туҳфаҳои зиёде дода, сӯйи Самарқанд равон кард. Наср аз ин рафтори бародар дар хиҷолат ва аз кардааш пушаймон шуд. Исмоил айнан ҳамин амалро ба Амр ибни Лайс, ки ҳукмрони Хуросон буду бо иғвои халифаи араб қасди ҷони Исмоил карда, сӯйи Бухоро лашкар кашид, такрор намуд. Амр асир афтод. Исмоил вайро меҳмоннавозӣ карду эҳтиромашро ба ҷо овард. Амр ибни Лайси ҳайратзада пурсид, ки оё маро намекушӣ? Исмоил ҷавоб дод, ки мусулмон магар

хуни мусулмон мерезад? Ту–тоҷик, ман–тоҷик, тоҷик магар хуни тоҷик мерезад? Ман бандаи Худоям, ту ҳам бандаи Худоӣ. Чаро бандаи Худо ба бандаи Худо бадиро муносиб донад? Тазодро бубинед, ки Исмоили мусулмон ба Лайси мусулмон бадиро раво намебинад, вале халифаи араби мусулмон, ки дар Бағдод менишаст, Амр ибни Лайсро ба ҳузураш даъват карда, вайро хоинона мекушад.

Мегӯянд, бародари калонияш Илёс ба қаср, ба назди Исмоил меояд, ки подшоҳ буд. Исмоил бо шахсе суҳбат мекард. Илёс гӯшае нишаста, мушоҳида мекунад. Суҳбат ба охир мерасад. Он шахс равон мешавад. Исмоил аз ҷой хеста, ҳафт қадам пеш мегузорад, то он меҳмонро гусел намояд. Илёс ҳайрон мешавад ва мегӯяд, ки аз рӯйи қоидаи маъмул шоҳ набояд аз ҷой хезад ва ё қадаме пеш гузорад. Исмоили Сомонӣ табассум мекунад ва мегӯяд:

– Шарофати илм бисёр аст.

Луғат:

Тазод–муқобилгузории ду кас ё ду чиз.

Шарофат–бошараф будан, бузургқадр будан.

Савол ва супориш:

1. Барои чӣ Исмоили Сомониро ҳанӯз дар айёми дар сари қудрат буданаш ҳама эътироф мекарданд?

2. Дар хусуси мавзеи Ҷӯйи Мӯлиён нақл кунед. Маънои онро гӯед.

3. Оид ба муносибати Исмоили Сомонӣ бо корафтодагон чӣ медонед?

4. Ҳоҷатбарории Исмоили Сомонӣ бо усули давлатдории Анӯшервони Одил чӣ муносибат дошт?

5. Чаро Исмоил аз андозсупорӣ саркашӣ намуд? Барои чӣ шаҳрро тарк кард?

6. Исмоил дар ҳаққи бародари маглубаш Наср ва Амр ибни Лайси шикастхӯрда чӣ кард?

7. Барои чӣ амир Исмоил хилофи қоидаи шоҳон аз қафои шахсе ҳафт қадам пеш мегузорад?

8. Сухани Исмоили Сомонӣ: «Шарофати илм бисёр аст» чӣ маънӣ дорад?

Дарси 15

ПАЙКАРАИ МЕҲР

Ҳамеша серодам аст майдони Ваҳдати миллии шаҳри Душанбе. Коргарону деҳқонони хокпош, олимону шоирон, арӯсону домодон, меҳмонону мизбонон, омӯзгорону хонандагон, устодону донишҷӯён, сарварону роҳбарон, хулоса, ҳазорон одамон ба ин майдон меоянд, ба пояи пайкараи амир Исмоили Сомонӣ гулдастаю гулчанбарҳо мегузоранд, лаҳзае хомӯш меистанд, сари таъзим фуруд меоранд, дар васфаш шеърҳо мехонанд ва суханони нек мегӯянд.

Ҳамин тавр, солҳо мегузаранд, наслҳо меоянд, мисли мо пайкараи Исмоили Сомониро зиёрат мекунанд, гулдастаҳо мегузоранд. Савганди аҳду вафо мехӯранд, ки содиқ мемонанд ба ҳамдигар, ба Ватани маҳбубамон– Тоҷикистони азиз. Аз омӯзгорон мешунаванд, аз китобҳо мехонанд, ки ин пайкара бо ин ҳашамату бузургӣ ва бо ин покию зебоӣ кай, чӣ тарз ва дар аҳди кӣ бунёд гардидааст.

Аммо мо хушбахтем, ки сохтмони онро ба чашми сар дидем. Пайкара қомат афрохта, сар ба боло кашида, ба рӯйи хуршед менигарад. Нури ҳаловатбахши офтоб чуссаи мисини пайкараро ба оғӯш мегирад, аз рухсора ва ҷабинаш мебӯсад. Гӯё гуфтанист:

– Кучо будӣ, эй сояи Худованд дар рӯйи замин, кучо рафтӣ, эй амири одил Исмоили Сомонӣ? Ҳазору сад сол туро кофтам, суроғ кардам аз моҳу ситорагон, аз обу насим пурсидам. Ин замину ин диёр бе ту бегона буд, сард буд, бе рангу бӯ буд. Эй шоҳи тоҷикон, аз баландӣ назар бикун ҷониби кӯҳу пушта, дашту даман. Чӣ мебинӣ? «Лолазорон мебинам ҳама ҷо». Бале, амир Исмоил, лолаҳое, ки мебинӣ, аз хуни авлоду наслҳои туст. Беш аз ҳазор сол бегонагон омаданд, сӯхтанд, куштанд, бурданд. Ту обод кардӣ, онҳо хароб, ту боғ бунёд кардӣ, онҳо – хору хас, ту илму дониш овардӣ, онҳо – ҷаҳлу торикӣ, ту сохтӣ, онҳо сӯхтанд, ту шодию сурур овардӣ, онҳо – ғаму андуҳ,

ту будӣ рамзи озодӣ, онҳоянд рамзи бандагию ғуломӣ, ту сулҳ овардӣ, онҳо – ҷанг.

Аммо авлоди ту, тоҷики сарсахти ту, бандаву ғулом нашуд. Мубориза бурд бо илму фарҳангаш, бо ақлу заковаташ, бо забони тавоною гӯёи худ. Дар ҷаҳон кам халқе пайдо мешавад, ки муқобили шамшер китоб, муқобили найза гул, муқобили зоғ кабӯтар, муқобили туфанг нон гузошта бошад. Ифтихор бикун, эй амир Исмоили Сомонӣ, ки гул, китоб, кабӯтару нон рамзи авлоди ту–тоҷикони сарбаланданд.

Нури ҳаловатбахшу форами офтоб, дилу дида ва меҳри гарми ҳазорон нафар одамон ба пайкара ҷон даровард, магар ки пайкараи доҳӣ чашм кушод, назар афканд, мурочиат намуд:

–Сарвату дороии мо, тоҷикон – китоб, илму фарҳанг, адабиёти ғановатбахш, забони равону ширин, хирад, ақли мунаввар! Мо хоки муқаддас, замин ва Ватанамонро дӯст медорем. Чанд саҳву хатое, ки насли мо содир кард, барои тоҷики форсизабон басо гарон афтод. Бештар аз ҳазор сол давлату давлатдориро аз даст дод. Тоҷик дар Ватанаш беватан буд. Шумо, эй халқи бошарафи ман, аз сабақи таърих ибрат бигиред, саҳву хатоҳои аҷдоди худро такрор накунед. Муваффақияти шумо дар иттиҳоду ваҳдат ва ягонагӣ аст. Аз табиат омӯзед: ҳама чиз дар пайвастагӣ, сабабу оқибат, ваҳдат вуҷуд дорад. Ҷомеаи инсонӣ ҳам бояд ҳамин тавр бошад. Агар рӯҳу равони маро шод гардонданӣ бошед, Ваҳдати комили миллӣ ба даст ored, дар сулҳу сафо, оромию осоиштагӣ зиндагӣ ба сар баред:

Осуда бош, эй доҳии миллат, шоҳ Исмоили Сомонӣ! Халқи тоҷик, авлоди пуршарафи ту ба қадри хизматҳоят мерасад. Хизмати бузурги давлати Сомониён ва амирони адолатпарвари ин сулола дар таърих фаромӯшнашаванда аст.

Савол ва супориш:

1. Оё шумо пайкараи Исмоили Сомониро дар шаҳри Душанбе аз наздик дидаед?

2. Боз дар кадом шаҳрҳо муҷассамаи Исмоили Сомонӣ гузошта шудааст?

3. Чаро мо Исмоили Сомониро чун доҳӣ мепарастем?

4. Барои чӣ дар дили Ватанамон–шаҳри Душанбе пайкараи Исмоили Сомонӣ сохта шуд?

ФАСЛИ 5. КОНСТИТУТСИЯ ВА ПРЕЗИДЕНТИ МАМЛАКАТИ МО

Дарси 16

КОНСТИТУТСИЯ – ҲУҶҶАТИ САРНАВИШТСОЗ

Давлати мустақил давлатеро мемонанд, ки дорои рамзҳои давлатӣ, сарҳад, артиш мебошад. Дар баробари ҳамаи ин ҳар як давлат Конститутсия дорад, ки дар он ҳуқуқ ва вазифаҳои шаҳрвандонаш сабт шудаанд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳам китобе ҳаст, ки мо онро "Қонуни асосӣ", "Қонуни бахт", "Бахтнома" мегӯем, зеро дар ин китоб, ки Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ном дорад, тамоми қонунҳои зиндагонии сокинони кишвар сабт шудааст. Бояд ҳар як сокини ҷумҳурӣ Конститутсияро эҳтиром карда, дар доираи арзишҳои он кору фаъолият намояд.

Бачаҳои азиз, шумо низ фахр кунед, ки сокини Ҷумҳурии Тоҷикистонед. Вақте ки ба дунё омадед, ба шумо гувоҳнома додаанд, ки он сокини ҷумҳурӣ будanatонро тасдиқ мекунад. Шумо ҳамчун сокини комилҳуқуқи Тоҷикистон бояд ҳуқуқ ва вазифаҳои худро донед. Ҳамаи онҳо дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сабт шудаанд.

Инро бояд аз хотир набароред, ки Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 6 ноябри соли 1994 дар раъйпурсии умумихалқӣ қабул карда шуд. 26 сентябри соли 1999, июли соли 2003 ва 22 майи соли 2016 ба тариқи раъйпурсии умумихалқӣ ба он тағйироту иловаҳо ворид карда шудаанд. Бинобар ин, ҳар сол рӯзи 6 ноябр ҳамчун Рӯзи қабули Конститутсияи Тоҷикистон ҷашн гирифта мешавад ва рӯзи истироҳат эълон шудааст.

Бояд дар хотир дошта бошед, ки:

–Конститутсия рамзи озодӣ ва мустақилияти давлати мо мебошад;

–Конститутсия кафолати озодӣ, шаъну шараф ва ҳуқуқи инсонии ҳар як шаҳрванди Тоҷикистон аст.

Бинобар ин, вақте ки саҳифаи аввали Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро мехонем, қалбамон лабрези фараҳ ва шодӣ мегардад: **«Мо, халқи Тоҷикистон, қисми ҷудонашавандаи ҷомеаи ҷаҳон буда, худро дар назди наслҳои гузашта, ҳозира ва оянда масъул ва вазифадор дониста, таъмини соҳибихтиёрии давлати худ ва рушду камоли онро дарк намуда, озодӣ ва ҳуқуқи шахсро муқаддас шумурда, баробарҳуқуқӣ ва дӯстии тамоми миллату халқиятҳоро эътироф карда, бунёди ҷомеаи адолатпарварро вазифаи худ қарор дода, ҳамин Конститутсияро қабул ва эълон менамоем»**.

ҲУҚУҚ ВА ВАЗИФАҲОИ МӮ ДАР КОНСТИТУТСИЯ

Конститутсия санади таърихию муқаддасест, ки тамоми муносибатҳои муҳимтарини ҷомеаро ба танзим дароварда, асоси ҳуқуқии ҳар як давлатро муайян мекунад ва ҳуҷҷати сафарбаркунандаи тамоми мардум баҳри ободии кишвар мебошад.

Конститутсияи Тоҷикистон низ пеш аз ҳама ҳуқуқу озодиҳои инсонро кафолат медиҳад ва санади ифодакунандаи мақсаду орзуи тамоми халқи Тоҷикистон мебошад. Конститутсия инсонро арзиши олӣ эътироф намуда, озодӣ ва ҳуқуқи шахсро муқаддас эълон кардааст. Дар моддаи 5-ум таъкид шудааст, ки инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои он арзиши олӣ дошта, ҳаёт, қадр, номус ва дигар ҳуқуқҳои инсон ва шаҳрвандро давлат эътироф, риоя ва ҳифз менамояд.

Дар моддаи 6-уми Қонуни асосӣ қайд гардидааст, ки дар Тоҷикистон халқ баёнгари соҳибихтиёрӣ ва сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ буда, онро бевосита ё ба воситаи вакилони худ амалӣ мегардонад.

Тибқи Конститутсия бояд давлат ба ҷомеа ва одамон хизмат намояд ва барои беҳтар намудани аҳволи иҷтимоии шаҳрвандон шароити мусоид фароҳам оварад.

Конституцияи Тоҷикистон бори нахуст муайян кард, ки шаҳрванди Тоҷикистон дар хориҷа низ таҳти ҳимояи давлат қарор дорад ва ӯро ба давлати хориҷӣ супурдан мумкин нест.

Дар назди қонун ва суд мувофиқи Конституцияи ҳама, хоҳ зан бошаду хоҳ мард, баробаранд. Давлат ба ҳар кас қатъи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ ва вазъи иҷтимоӣ ҳуқуқ ба таҳсил, молу мулк ва озодиро кафолат медиҳад. Конституцияи ба ҳар кас ҳаққи зиндагӣ дода, аз номи давлат дахлнопазирии шахсро кафолатнок гардонид. Инчунин, Қонуни асосӣ мукотибаи маҳрамона, суҳбати телефонӣ, ҳуқуқ ба мусофират, интихоби озоди маҳалли зист, тарки ҷумҳурӣ ва бозгашт ба он, мустақилона муайян кардани муносибат ба дин, иштирок дар расму оинҳои динӣ, ширкати бевосита ва бавоситаро дар ҳаёти сиёсӣ ва идоракунии давлатӣ, хизмати давлатӣ, иштирок дар раъйпурсӣ, интихоб намудан, интихоб шудан, муттаҳид шудан, иштирок дар ташкили ҳизбҳои сиёсӣ, иттифоқҳои касаба, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, раҳпаймоии осоиштаро мустаҳкам намуд. Ба ҳар кас озодии сухан, нашр, ҳуқуқи истифодаи воситаҳои ахборро кафолат дода, таъқиб барои танқидро манъ кард.

Конституцияи ба ҳар кас ҳуқуқи соҳибӣ ба моликият ва меросро дода, муайян намуд, ки ҳеҷ кас ҳақ надорад, ки ҳуқуқи шахсро ба моликият бекор ва маҳдуд кунад ё молу мулки шахсро барои эҳтиёҷи ҷамъият мухолифи қонун ва бе ризояти соҳиби он гирад.

Инчунин, Қонуни асосӣ оила, модару кӯдак, тифлони ятим ва маъюбро таҳти ҳимоя ва ғамхории махсуси давлат қарор дода, ба ҳар кас ҳуқуқ ба меҳнат, интихоби касбу кор, ҳифзи меҳнат, ҳимояи иҷтимоӣ, манзил, истироҳат, ҳифзи саломатӣ, иштирок дар ҳаёти фарҳангӣ, эҷодӣ, бадеӣ, илмӣ, техникӣ, моликияти зеҳнӣ ва таҳсилро дод.

Ҳамзамон Конституцияи дар баробари додани ҳуқуқҳои васеъ шахсро вазифадор менамояд, ки Қонуни асосӣ ва дигар қонунҳоро риоя кунад, ҳуқуқ, озодӣ ва шаъну шарафи дигаронро эҳтиром намояд.

Конституцияи Тоҷикистон шаҳсутун ва шиносномаи давлат буда, санади тақдирсоз ва таъйинкунандаи сарнавишти мардуми Тоҷикистон аст. Ба мо зарур аст, ки ҳар як калима ва сатри "Бахтнома"-ро азизу муқаддас донем ва бо истифода аз он дар пойдории давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ, ягона, иҷтимоӣ ва соҳибистиқлоли Тоҷикистон ҳиссагузор бошем.

Луғат:

Артиш – лашкар, сипоҳ.
Шаҳрванд – истиқоматкунанда, сокини кишвар, ки соҳиби шиноснома аст.

Савол ва супориш:

1. Конституцияро чӣ гуна санад аст?
2. Чаро Конституцияро "Қонуни асосӣ", «Бахтнома» ё «Конуни бахт» меноманд?
3. Барои чӣ Конституцияро эҳтиром мекунем?
4. Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон кай қабул шуда, кадом вақт ба он аз тариқи раъйпурсии умумихалқӣ тағйироту иловаҳо ворид карда шудааст?
5. Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кадом ҷумла оғоз меёбад? Онро аз ёд кунед.
6. Шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон киро мегӯянд?
7. Калимаҳои «шаҳрванд», «артиш», «раъйпурсӣ»-ро боз дар кадом шаклҳо гуфта метавонед?
7. Ҳуқуқ ва вазифаҳои инсон дар Конституцияи Тоҷикистон чӣ гуна инъикос ёфтаанд?
8. Дар Конституция муқаддас эълон шудани озодӣ ва ҳуқуқҳои инсон чӣ маънӣ дорад?
9. Шаҳрванди Тоҷикистон дар хориҷа низ таҳти ҳимояи давлат аст ё не?
10. Кадом ҳуқуқҳои худро медонед?
11. Муносибати Конституция ба оила, модару кӯдак чӣ гуна аст?
12. Кадом вазифаҳои худро медонед?
13. Муқаддасоти Конституция дар чӣ зоҳир мегардад?

Дарси 17

ПЕШВОИ МИЛЛАТ

Мегӯянд, давлатдорӣ лахчаи оташ аст, ки рӯйи каф мегиреду онро бояд ба манзил расонед, то ҳам мурод ҳосил шаваду ҳам кафи дастатон насӯзад. Соли 1992 чун роҳбарии кишварро ба дасти Эмомалӣ Раҳмон доданд, гӯё дар кафи дасташ лахчаи оташро гузоштанд, зеро миллати тоҷик дар ҳолати парокандагӣ ва нестшавӣ буд. Тамоми мулкро камондорон идора мекарданд. Мансабдорон ҳама гӯшаи орому осуда меҷустанд. Ҳамсафаре, роҳбаре ва шахси сарсупурдаи миллатро ёфтан душвор буд, вале ӯ хоҳару бародарони ҳамфикру ҳамдил ва далеру ғаюри миллатро дар атрофаш ҷамъ намуда, барои татбиқи нақшаву ниятҳо ва ормонҳои беҳсозандаи рӯзгори мардуми баҳоргумкарда талош варзид. Батадриҷ андешаҳои вусъатободӣ, созандагию бунёдкорӣ ҷойи яъсу ноумедиҳоро мегирифт. Он нукта ӯро азоб медод, ки баъзе душманони беруна ҷанги шаҳрвандиро асос намуда, тоҷиконро на аз нажоди ориёӣ, балки аз қавми омехтаи юнонию турку араб медонистанд. Ин масъала ӯро ба омӯзиши ҷиддии таърихи Ватан кашид. Зиндагиномаи мардуми тоҷикро пур аз саҳифаҳои рангини ҷоннисорию худфидоиҳо дар сангарҳои ватанхоҳӣ дарёфт. Ӯро ба андешае овард, ки ҷавонмардони тоҷик дар майдони мубориза ҳамеша мард будаанд, ҳила ва найрангро намедонистаанд, онҳо ҳама бурду бохтро аз худ медидаанд. Агар шикаст мехӯрдаанд, иллатро аз хориҷи кишвар намекофтаанд. Гоҳе ба ҳам дарафтанд ҳам, оқибат ҳисси амиқи худогоҳию хештаншиносӣ онҳоро ба сари сулҳу салоҳ ва авфи гуноҳҳои якдигар меовард. Ин хулосаи дуруст ӯро ба сӯйи хатми ҷанг ҳидоят мекард. Вале ҳалли масъалаи дигар пеш

омад: бадхоҳони дохилию хориҷии миллати тоҷик дар тамоми ҷаҳон ҷор мезаданд, ки Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро вакилони дастнигар интихоб кардаанд, на мардум. Бинобар ин, интихоботи Президенти мамлакатро эълон намуд. Мардум аз миёни довталабони ин мансаб ӯро пазируфтанд. Ин ба вай мадор бахшид. Аз пайи хомӯш сохтани оташи ҷанг шуд. Азбаски халқ пуштибонаш буду нияташ соф, аз сафари нахустинаш аз Хосдеҳи Афғонистон паёми сулҳу сафоро овард. Садои даҳшатангези тир дар сарзамини тоҷикон хомӯш гардид. Хираду анъанаи ҷангбезорию сулҳсолории мардуми тоҷик ғолиб омад ва Созишномаи сулҳу суботи кишвар 27 июни соли 1997 ба имзо расид. Эмомалӣ Раҳмон ҳамон вақт сухани таърихиеро ба забон оварда буд: **«То даме, ки охирин гурезаро аз дари ғарибӣ ба хоки муқаддаси Тоҷикистон бознагардонам, осуда нахоҳам буд»**. Ӯ ба савганди худ вафо кард ва фирориёни дур аз Ватан чун мурғакони пазмони лонаву макон ба сарзамини аҷдодӣ баргаштанд ва ба кори ободию созандагӣ пайвастанд. Сулҳу ваҳдат ва оромию осудагӣ Тоҷикистонро ба роҳи бунёдкорӣ, пешрафт ва тараққиёт бурд.

Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ифтихор дорад, ки Тоҷикистони азиз паҳновар, ганҷовар ва мардпарвар аст. Рӯҳбаланд аз қуллаҳои сар ба афлоки Ватан, аз оби зулоли чашмасорону рӯдхонаҳои чун шири модар сафед мегардад. Имони комил дорад, ки хоки Тоҷикистон нӯшдоруст, боди Тоҷикистон марҳам, оби Тоҷикистон ширинтар аз шаҳду қанд асту оташи Тоҷикистон зиндагиафрӯз.

Дар айни замон маромномаи ҷовидонаи ватанхоҳонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз он иборат аст, ки:

–то хонаи ҳар як тоҷику тоҷикистонӣ аз барқи Роғуну Сангтӯда саршори нур набошад;

–то нақбҳои Истиқлолу Шаҳристону Шаршар дарбеҳи кандаи пироҳани тани миллатро ба ҳам надӯзанд;

–то сарватҳои бешумори дастнахӯрдаи кишвар шурӯъ ба истихроҷ накунанд;

–то мардуми бебизоат сармояи кофии харҷи рӯзгор наёбанд;

–то раҳи манзили тоҷик ба олам напайвандад;

–то кадру манзалати тамаддуни ориёиро бар муҳри худ наоварад, нафасе фориғ нахоҳад нишаст.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон рисолати таърихии худро сарбаландона иҷро намуд: давлатдории миллӣ сохт, тафаккури миллиро дар миёни шаҳрвандон ба вуҷуд оварда ва ваҳдати сартосарии миллиро пойдор намуд. Ин буд, ки ӯ дар соли 2015 аз ҷониби мардуми Тоҷикистон ба ҳайси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ ва Пешвои миллат пазируфта шуд.

ПРЕЗИДЕНТ ВА ХОНАНДАГОН

Садоқати ӯро, муҳаббати ӯро кӯдакон низ эҳсос кардаанд ва дӯсташ медоранд. Дар дили кӯдак ҳеҷ кас бо дурӯғ ва бо фиреб роҳ наёфта. Дили кӯдак чун оина бисёр софу рӯшан аст ва он кас дар дилаш роҳ меёбад, ки чун худи вай соф, пок, дур аз кибру ғурур, бо меҳру муҳаббат ва самимият бошад.

Ҳеҷ сарвари давлате, ҳеҷ президенте чун Пешвои миллати мо, чун Президенти мо ба дараҷаи бисёр олӣ кӯдаконро дӯст намедорад. Ҳамаи кӯдакон бовар доранд, ки як рӯз Президент дар алоҳидагӣ бо онҳо вомехӯрад. Дасти онҳоро бо муҳаббат мегирад, мефишорад, онҳоро бо меҳри зиёд мебӯсад, гулқандашон медиҳад ва аҳволашонро мепурсад, шеърҳои азёднамудаашонро бо мароқ гӯш

мекунад. Охир, ҳар кадоми онҳо ин амали неки Сарвари давлатамонро борҳо аз оинаи нилгун дидаанд ва ҳеҷ кас ҳам наметавонад ин муҳаббати онҳоро, ин бовариашонро аз байн бибарад. Сарвари давлат борҳо бо кӯдакон вохӯрӣ гузаронидааст. Ин хуб аст. Хуб аст, ки тухми меҳру муҳаббати Пешвои миллат аз кӯдакӣ дар замирашон кишта мешавад ва бор меорад. *(Абдулқодири Раҳим)*

Луғат:

Марҳам – дору, дармон.
Истихроҷ – истеҳсол.
Шаҳд – асал, ширинӣ.

Савол ва супориш:

1. *Чаро давлатдориро «лахчаи оташ» номидаанд?.*
2. *Вақте ки Эмомалӣ Раҳмон ба сари ҳокимият омад, вазъи кишвар чӣ гуна буд?*
3. *Ӯ фаъолияташро аз чӣ оғоз намуд?*
4. *Кадом масъала ӯро ба омӯзиши ҷиддии таърихи Ватан ҳидоят намуд?*
5. *Сафари Президент ба Хосдеҳи Афғонистон чӣ дод?*
6. *Рӯзи Ваҳдати миллӣ кай ҷашн гирифта мешавад?*
7. *Сулҳу оштӣ чӣ ба бор овард?*
8. *Ифтихори мо аз кадом сарватҳои Ватан аст?*
9. *Маромномаи Президент аз кадом масъалаҳо иборат аст? Доир ба иҷрои онҳо чӣ медонед?*
10. *Чаро бачаҳо Президентро дӯст медоранд?*
11. *Оё Президент ба мактаби шумо ташриф овардааст?*
12. *Кадом сол ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон унвони олии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ ва Пешвои миллат дода шуд?*
13. *Дар мавзӯи «Пешвои муаззами мо» иншо нависед.*

ФАСЛИ 6. МУҚАДДАСОТИ ДАВЛАТИЮ МИЛЛИИ МО

Дарси 18

МУҚАДДАСОТИ ДАВЛАТ

Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон



Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон

Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Тоҷикистон чун давлати мустақил соҳиби Президент, Конститутсия ва рамзҳои давлатӣ аст, ки онҳоро дар маҷмӯъ муқаддасоти давлат мегӯянд.

Муқаддас чист? Ҳар кас ва ҳар чизе, ки олӣ, азиз, пок, гиромӣ, наҷиб, беолоиш, орӣ аз ҳар гуна нуқсу камбудиҳост, албатта, муқаддасу шариф аст. Муқаддасоти давлат, пеш аз ҳама, шаъну шараф, ифтихор, нуфуз, обрӯ ва эътибори давлат, халқу Ватан мебошад. Ҳар давлати соҳибистиқлол муқаддасоти худро дорад.

9 сентябри соли 1991 Тоҷикистони азизи мо ҳамчун давлати озод Истиқлолияти давлатии худро эълон намуд.

Президент дар Ҷумҳурии Тоҷикистон саркори давлат ва ҳокимияти иҷроия буда, аз ҷониби оммаи мардум ба тарзи умумӣ, мустақим, баробар ва бо овоздиҳии пинҳонӣ ба муҳлати 7 сол интихоб карда мешавад.

Вазифаҳои Президентро Конститутсияи мамлакат ин тавр нишон додааст:

«Президент ҳомии Конститутсия ва қонунҳо, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, кафили истиқлолияти миллӣ, ягонагӣ ва тамомияти арзӣ, пойдорию бардавомии давлат,

мураттабии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ҳамкории онҳо, риояи қарордодҳои байналмилалии Тоҷикистон мебошад».

Агар ба моддаи 67-уми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон назар андозем, чунин сатрҳоро мехонем:

«Президент пеш аз шурӯи вазифа дар ҷаласаи якҷояи Маҷлиси Миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон савганд ёд мекунад:

«Ман ҳамчун Президент савганд ёд мекунам, ки Конститутсия ва қонунҳои ҷумҳуриро ҳимоя менамоям, таъмини ҳуқуқ, озодиҳо ва шарафи шаҳрвандонро кафолат медиҳам, сарзамин, истиқлолияти сиёсиву иқтисодӣ ва фарҳангии Тоҷикистонро ҳифз мекунам, ба халқ содиқона хидмат менамоям».

Рӯзи 16 ноябри соли 2006 Президент дар қасамёдкунии навбатиаш суханони зеринро илова намуд, ки ин сана бо Қарори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2016 ҳамчун Рӯзи Президент тақлил мегардад:

«Савганд ба номи поки Худо, савганд ба шири сафеди модарам, савганд ба дуои неки падарону модарон, савганд ба нону намаки дастархони пиру ҷавон, савганд ба обу хоки муқаддаси Ватан, ки масъулияти тақдири имрӯзу ояндаи давлату миллати тоҷикро бар дӯш мегирам.

Савганд ба ҷони ҳафт миллион фарзанди Тоҷикистони азиз, ки тамоми ҳастӣ, нерую ғайрат ва тачрибаву иродаамро барои Тоҷикистони соҳибистиқлол мебахшам».

Савганди Президент савганди ҳамаи мову шумо, савганди тамоми фарзандони фарзонаи Тоҷикистон дар раҳи ободӣ ва шукуфоии диёри азизамон мебошад.

РАМЗҲОИ ДАВЛАТӢ

Рамзҳои давлатии мо муқаддасоте мебошанд, ки шаҳрвандони кишварро дар рӯҳи шарафмандӣ, ифтихори миллӣ, давлату давлатдорӣ, Ватану ватанпарастӣ тарбия менамоянд. **«Муҳимтарин рамзҳои истиқлолият ва давлатдории миллӣ – Нишону Парчам ва Суруди миллӣ қабул шудаанд. Пули миллӣ ба муомилот баромад, шиносномаи миллӣ дар арсаи ҷаҳонӣ эътироф гардид»** (Эмомалӣ Раҳмон).

Эҳтиром ва азизу маҳбуб донистани рамзҳои давлатӣ аз ҷониби шаҳрвандон шарт ва зарур аст.

Парчам, Нишон ва Суруди миллӣ дар чорабиниҳои давлатӣ, сессияву иҷлосияҳо, қабули меҳмонони олиқадри давлатҳои хориҷӣ барафрохта ва суруда мешаванд.

Парчами давлатии миллии мо аз рангҳои сурх, сафед, сабз иборат аст: аз муборизаи халқи мо баҳри озодию истиқлолият, бахту иқболи сафеди мардум ва кӯшиши ӯ барои ободию сарсабзии кишвар гувоҳӣ медиҳад.

Нишони давлатиамон, ки то солҳои наздик герб мегуфтем, гирд буда, ду тарафашро буттаҳои шукуфони пахта ва хӯшаҳои расидаи заррини гандум оро додаанд. Гандум ва пахта аз он шаҳодат медиҳанд, ки мардуми мо асосан зироаткор мебошанд ва бештар ба парвариши гандуму пахта машғуланд. Дар қисмати поёни Нишон китоби боз, қуллаҳои кӯҳҳои сар ба фалак кашида, нурҳои заррини офтоб, тоҷ ва ситораҳо тасвир ёфтаанд.

Китоб ба он далолат мекунад, ки халқи мо аз қадимулайём соҳиби илму дониш, маориф, адабиёт ва фарҳанги ғанӣ буда, худ ва фарзандонаш пайваста машғули мутолиаи китоб будаанд. Тоҷикон пайваста бо қаламу китоб сарукор дошта, мардуми китобдӯсту босаводанд.

Тоҷикистон дар қитъаи Осиё ҷойгир шудааст. Осиё худ пойгоҳи офтоб аст. Дар сарзамини маҳбуби мо офтоб нурҳои ҳароратбахши худро тамоми сол бар сари мардум мепошад. Ширинию лаззати меваю сабзавоти диёри мо ҳам аз нури офтоб аст.

Дар қисмати болои Нишони давлатӣ нурҳои заррини офтоб, тоҷ ва ҳафт ситора ба шакли нимдоира акс ёфтаанд. Худи ҳамин тоҷу ситораҳоро дар байни Парчам, дар болои рахи сафед ҳам мебинем.

Тоҷ баёнгари тоҷу тахти шоҳону пешгузаштагони халқамон аст. Дар тӯли ҳазорсолаҳо садҳо амирону шоҳон ҳукм рондаанд, ки ҳамагӣ бар сар тоҷи шоҳӣ мегузоштанд.

Адади ҳафт дар таъриху адабиёт ва фарҳанги мо ба андозае зиёд истифода шудааст, ки ҳатто корбасти он ба ҳукми анъана даромадааст. Аз қабили ҳафтдодарон, ҳафт

ситора, ҳафт қабати осмон, ҳафт қабати замин, ҳафт рӯзи ҳафта, ҳафтсин, ҳафтшин, ҳафт базми Нӯшервони Одил бо Бузургмеҳр, ҳафтхони Рустам, ҳафт девори заррин, ҳафт хатти Ҷоми Ҷамшед, ҳафт тани пок, ҳафт адади таҳрир дар Қуръони карим, ҳафт шарт дар афсонаҳо, ҳафт адвори мусиқӣ, ҳафт бурҷи манора ва ғайра.

Савол ва супориш:

1. Муқаддасоти давлат кадомҳоянд?
2. Муқаддас чист?
3. Тоҷикистон кай ба Истиқлолияти давлатӣ соҳиб шуд?
4. Президент кист? Кадом ваколатҳоро дорад? Кӣ вайро интихоб мекунад?
5. Вазифаҳои Президент аз чӣ иборат аст?
6. Қасами Президентро аз ёд кунед ва мазмуни онро гӯед.
7. Кадом ҳаммаъноҳои калимаи «Президент»-ро медонед?
8. Рамзҳои давлатӣ кадомҳоянд ва аҳамияти онҳо дар чист?
9. Парчам, Нишон ва Суруди миллӣ кадом вақт истифода мешаванд?
10. Парчами Тоҷикистон аз кадом рангҳо иборат аст ва онҳо ба чӣ далолат мекунанд?
11. Ҳаммаъноҳои калимаи «Парчам»-ро ба дафтаратон нависед.
12. Расми Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро шарҳ диҳед.
13. Расмҳои ниҳоли пахта, хӯшаи гандум, китоби боз, қуллаҳои кӯҳҳои сарсафеди сарбаланд, нурҳои офтоб, тоҷ ва ситораҳо чӣ маънӣ доранд?

Дарси 19

СУРУДИ МИЛЛӢ

Суруди миллӣ (гимн) таърихномаи ормонҳои миллист, ки як рукни давлатдориро фаро мегирад, таронаи асосии давлатӣ ва умумихалқии мо аст, ки дар он тамоми орзую омоли сокинони мамлакат ифода ёфтааст. Суруди миллӣ чун қоида мутантан суруда мешавад ва мардумро ба ҳимоя ва ифтихор аз Ватан даъват менамояд. Тоҷикистони маҳбубамон баъди эълон намудани Истиқлолияти давлатӣ

Суруди миллии нави худро бар матни Шоири халқии Тоҷикистон Гулназар Келдӣ қабул намуд, ки оҳанги онро оҳангсоз Сулаймон Юдаков офаридааст. Суруди миллӣ бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 сентябри соли 1994 қабул шудааст. Одатан ҳангоми сурудани Суруди миллӣ рост истода гӯш мекунанд, ба ин ё он тараф нигоҳ намекунанд, намеҷунбанд, гап намезананд. Ҳар як шаҳрванди Тоҷикистон вазифадор аст, ки Суруди миллиро аз ёд намояд ва ҳангоми сурудани он ҳамроҳ шавад.

СУРУДИ МИЛЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Шеъри Гулназар Келдӣ,
оҳанги Сулаймон Юдаков

Диёри арҷманди мо,
Ба бахти мо сари азизи ту баланд бод,
Саодати ту, давлати ту бегазанд бод.
Зи дурии замонаҳо расидаем,
Ба зери парчами ту саф кашидаем,
кашидаем,
Зинда бош, эй Ватан,
Тоҷикистони озоди ман!

Барои нангу номи мо,
Ту аз умеди рафтагони мо нишонаӣ,
Ту баҳри ворисон ҷаҳони ҷовидонаӣ.
Хазон намерасад ба навбаҳори ту,
Ки мазраи вафо бувад канори ту,
канори ту.
Зинда бош, эй Ватан,
Тоҷикистони озоди ман!

Ту модари ягонаӣ,
Бақои ту бувад бақои хонадони мо,
Мароми ту бувад мароми ҷисму ҷони мо.
Зи ту саодати абад насиби мост,
Ту ҳастиву ҳама ҷаҳон ҳабиби мост,
ҳабиби мост.
Зинда бош, эй Ватан,
Тоҷикистони озоди ман!

НИШОНИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон рамзи Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат аст аз тасвири тоҷи тансиқшуда ва нимдоира аз ҳафт ситорае, ки бо нурҳои офтоби аз паси кӯҳҳои барфпӯш тулӯъкунанда рӯйи он ҷой гирифтааст ва бо чанбаре оро ёфтааст, ки атрофашро аз тарафи рост хӯшаҳои гандум ва аз тарафи чап шохаҳои пахтаи шукуфон иҳота кардаанд. Болои чанбар бо тасмаи сераха печонида шуда, дар қисми поён рӯйи курсӣ (лавҳ) китоби боз ҷой гирифтааст.

Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ранга буда, тоҷ, офтоб, кӯҳҳо, хӯшаҳои гандум, пахта, раҳҳои тасмаҳо сурх, сафед ва сабз буда, муқоваи китоб сурх мебошад.

Тасвири Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷойҳои зерин гузошта мешавад:

–дар болои биноҳои қароргоҳи расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазоратҳо ва кумитаҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

–дар болои биноҳои Маҷлиси намояндагони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳрҳо, ноҳияҳо, мақомоти ҳокимияти иҷроияи маҳалҳо (ҳукуматҳо), мақомоти худидораи шаҳрак ва деҳот (ҷамоатҳо), судҳо, мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон; дар болои биноҳои намояндагии дипломатию консулӣ ва муассисаҳои тиҷоратии дар хориҷа будаи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

–дар толорҳои маҷлисҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раёсати Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, маҷлисҳои вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо (ҳукуматҳо), шаҳри Душанбе, шаҳрҳо, ноҳияҳо, маҷлисҳои

мақомоти худидораи шаҳрак ва деҳот (ҷамоатҳо), инчунин, ҳуҷраҳои кории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, раисони Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон, раисони вилоятҳо, шаҳри Душанбе, ноҳияҳо ва дар толорҳои ҷаласаҳои судии судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар биноҳои мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ ва биноҳои бақайдгирии тантанавии таваллуд ва акди никоҳ;

–дар муҳру бланкаҳои ҳуҷҷатҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазоратҳо ва кумитаҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон; маҷлисҳои намояндагони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳрҳо, ноҳияҳо, мақомоти ҳокимияти иҷроияи маҳалҳо (ҳукуматҳо), мақомоти худидораи шаҳрак ва деҳот (ҷамоатҳо), судҳо ва мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон, идораҳои давлатии нотариалӣ, мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳои ҷумҳуриявӣ, ки бо қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба онҳо ҳуқуқи дар муҳру бланкаҳои ҳуҷҷатҳо чоп додани тасвири Нишон дода шудааст.

Ашхосе, ки дар таҳқир кардани Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон гунаҳкоранд, мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

(Аз Низомнома дар бораи Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қарори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 декабри соли 1999, №891 тасдиқ шудааст).

Луғат:

Арҷманд – азиз, гиромӣ.
Ворисон – соҳибони мулк.
Бақо – идома, дошт кардан.
Саодат – хушбахтӣ.
Бегазанд – беосеб, безиён.
Мазраъ – киштзор.
Маром – мақсад.
Ҳабиб – дӯст.

Савол ва супорин:

1. Моҳияти Суруди миллӣ аз чӣ иборат аст?
2. Суруди миллӣ дар кадом мавридҳо ва чӣ тавр садо медиҳад?
3. Суруди миллӣ моро ба чӣ даъват мекунад?
4. Суруди миллиро чӣ тавр гӯш мекунанд? Оё онро аз ёд кардан ва сурудан ҳатмӣ аст?
5. Муаллифони матн ва оҳанги Суруди миллии Тоҷикистон киҳоянд? Суруди миллӣ кай қабул шудааст?
6. Матни Суруди миллиро аз ёд кунед ва онро ифоданок хонед.
7. Мазмуни матни Суруди миллиро ба наср баргардонида, ба дафтаратон нависед.
8. Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон рамзи чист?
9. Нишон аз чӣ иборат аст ва тоҷ, нимдоираи дорои ҳафт ситора, нурҳои офтоби аз паси кӯҳҳои барфпӯш тулӯъкунанда, хӯшаҳои гандум, шохаҳои пахтаи шукуфон ва китоби боз рамзи чӣ мебошанд?
10. Нишони давлатӣ дар куҷоҳо гузошта мешавад?
11. Чаро таҳқири нишони давлатиро ҷиноят меҳисобанд?

Дарси 20

ТОҶ ВА ТОҶИК

Парвардигори ҳаждаҳ ҳазори олам пардаи қабати осмони ҳафтумро бишкофт ва ба замин нигарист. Сарзамини беканоре дид: биҳиштосову мардумоне ҳурлиқо, заминрону ғаллакору боғпарвар, некгуфтору неккирдору некпиндор, ростоину ростқавлу босидқу вафою накукор, меҳмондору меҳмоннавоз, нарму ҳалиму меҳрубон, илмпарвару фарҳангдӯсту ҳунарманд, бунёдкору хушбину хушбовар. Гуфт: инҳоянд бандагони ман–парастандагони замину оростагони ботин ва зоҳири худ, инҳоянд сазовори тоҷи каёнӣ. Фариштагонро бифармуд, то тоҷе бисозанд аз тилло,

нурпош бошад чун Офтоб. Он тоҷро бар сари аввалин шоҳи мардумони нексиришт, ки худро ориёӣ меномиданд, ниҳоданд. Аз ҳамон вақт Ҷамшед соҳиби лақаби Хшатра–ҳукмрони тоҷи нурдор, рӯшноидор, фурӯғдор гардид. Албатта, қисме аз ин гуфтаҳо ривояте беш нестанд, аммо ривояте, ки асоси заминӣ дорад. Тоҷ хоҳ аз осмон омада бошаду хоҳ дар заминаш сохта бошанд, мансуби тоҷикон аст. Ба андешаи мо, шояд бо мурури замон мақом ва нуфузи тоҷу тоҷгузорӣ афзуда ва дар бисёр чизҳо пайдо шудан мегирад.

Луғати ориёӣ ҳам ба тоҷу тоҷдорон мубаддал мегардад, ки решаи калимаи «тоҷик»-ро ташкил медиҳад. Дар ибтидо ориёӣ, ориён, ориёнҳо, баъдтар тоҷ, тоҷдор, тоҷварз, тоҷик, тоҷикон. Ин ду калима–ориёӣ ва тоҷик ҳаммаъно буда, номи умумии ҳамон як халқ–ориёӣ (тоҷик) аст, ки бо мурури замон ба шохаҳои гуногун тақсим мешавад.Чӣ тавре ки тоҷ муқаддас аст ва аз зари хос–тилло ва нукра сохта мешавад, маънои калимаи ориёӣ ҳам хос, пок, наҷиб, ҷаноб, асилзода, озода, меҳмоннавоз мебошад. Ҳамаи калимаҳое, ки дар забони мо аз решаи «тоҷ»-и тоҷикию пайвандҳо ё решаҳои худию калимаҳои дигар (масалан, арабӣ) сохта шудаанд (сохта ё мураккаб), арҷманд, зебо ва дилписанд мебошанд: тоҷик, тоҷвар. тоҷдор, хуштоҷ, соҳибтоҷ, тоҷгул, Тоҷикистон, Тоҷикобод, Тоҷмаҳал, Тоҷиддин, Тоҷинисо ва ғайра. Ҳамчунин, калимаҳои зиёде дар забони модарии мо пурмаъно, равон ва хушбаёнанд, ки бо ҳарфҳои калимаи «тоҷик» оғоз меёбанд.

Т–тоҷик, Тоҷикистон, Тоҷикобод, тоҷикшинос...
О–ориф, оқил, офтоб, об, обрӯ, омӯзгор, оғӯш...
Ҷ–ҷаноб, ҷавон, ҷамол, ҷомеа, ҷаҳон, ҷустуҷӯ...
И–имон, ибрат, ибтидо, инсон, инсоф, идона...
К–кабир, кабк, кабӯтар, китоб, комил, кулоҳ, кӯҳ...

М. Лутфуллоев

ПУЛИ МИЛЛИИ МО

Пули миллии мо рамзи миллии мост. Одамон ҳар як сомониро рӯйи каф гирифта, тасаввур мекунанд, ки китоберо дар даст доранд: пур аз маънӣ ва маърифат.

Яке аз муқаддасоти мо ин пули миллиамон мебошад. Бори нахуст дар таърихи давлатдории тоҷикон аз моҳи майи соли 1995 пули миллӣ ба муомилот бароварда шуда, он ба ифтихори давлати Сомониён «сомонӣ» номида шуд. Пули майдаи онро «дирам» мегӯянд. Пули миллӣ рамзи давлатдории мо мебошад, ки низоми иқтисодии кишварро таъмин месозад.

Дар рӯйи асъори миллии Тоҷикистон расмҳои Мирзо Турсунзода, Шириншоҳ Шоҳтемур, Садриддин Айнӣ, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, Абӯалӣ Сино, Бобоҷон Ғафуров, Исмоили Сомонӣ ва Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ барин бузургони илму фарҳанги миллатамон тасвир шудаанд, ки боиси ифтихори халқи тоҷиканд. Мо фахр мекунем, ки дар муомилот аз пули миллии худ– «сомонӣ» истифода мебарем.

Ба рӯйи пули миллӣ, ки аз ҷумлаи муқаддасоти мо аст, хат кашидан ва навиштан мумкин нест. Беэҳтиромӣ нисбат ба пули миллӣ беҳурматӣ ба халқу давлати Тоҷикистон аст.

Софдилона кор кардан ва ба ивази он дастмузд гирифтан яке аз нишонаҳои риояи қонуният ва заҳмати садоқатмандона ба манфиати Ватан аст. Бинобар ин, шумо, бачаҳои азиз, кӯшиш кунед. ки бо кору амал ва арақи ҷабини хеш нон ёфта хӯред ва ҳаргиз дар фикри луқмаи муфт нашавед.

Савол ва супориш:

1. *Ҳар як сифати одамони сазовори тоҷи каёниро шарҳ диҳед.*
2. *Тоҷи тиллоиро ба сари кӣ ниҳоданд ва чаро ба ӯ лақаби Хшатраро доданд?*

3. *Маънои ориёӣ чист?*
4. *Калимаҳои аз решаи «тоҷ» пайдошударо номбар кунед.*
5. *Ҳаштоӣ калимае номбар кунед, ки бо ҳарфҳои т,о,ҷ,и,к огоз ёбанд.*
6. *Ҳарфҳои дар китобатон навиштаи т,о,ҷ,и,к-ро аз боло ба поён хонед.*
7. *Пули миллии мо аз кай ба муомилот баромад?*
8. *Пули миллии Тоҷикистон чӣ ном дорад ва чаро чунин номида шуд?*
9. *Дар рӯйи пулҳои тоҷикӣ расмҳои кадом бузургони миллати тоҷик тавир ёфтаанд?*
10. *Аҳамияти ба муомилот баровардани пули миллӣ дар чист?*
11. *Ҳаммаъноҳои калимаи «пул»-ро гӯед.*
12. *Дар қисмати қафои пули 10 сомонӣ шеъре сабт шудааст. Онро ба дафтаратон навишта, аз ёд кунед ва муаллифашро гӯед.*

Дарси 21

АЗ ДИРАФШИ ПЕШДОДИИ КОВИЁН ТО ПАРЧАМИ ДАВЛАТИИ ТОҶИКИСТОН

Парчам гувоҳи барҷастаи Истиқлолияти давлатӣ, таҷассумгари ғурури миллӣ ва ифтихори ватандории мост.

Парчам таърихи 3–3,5 ҳазорсола дорад. Қабилаҳои гуногун дар қадим ҳангоми ҷанг вобаста ба тасаввури ҳайвоноту наботот-парастиашон ба нӯги чӯбҳо тасвири ҳайвон ё рустаниеро, ки ҳомии худ мешумурданд, мебардоштанд ва тавассути он худиҳоро аз бегонагон фарқ мекарданд. Чӯби барҷаставу мунаққаши бар болои сафҳои лашкариён бардошташуда аз бошишгоҳи сипаҳсолор хабар медод. Ин рамзҳо ба ҷанговарон самти пешрафт, ҷойи ҷамъшавӣ, сафороиро нишон медод, ба дилҳои қабилаҳои ҷанговарон бовар ба қувваи худ ва эътимод мебахшид.

Нахустин парчамҳо дар Эрон, Чин ва Мисри Қадим пайдо шудаанд. Дар китоби «Авесто» парчамҳои давлати Бохтари Қадим ва дирафшҳои душманони он тасвир шудааст. Парчамдорию парчамбардорӣ ба халқи мо аз ниёгонамон мерос мондааст.

Таърихи тоҷикон парчамдориро аз дирафши пешдодии Ковиён ёд дорад. Дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, дар достони «Коваи оҳангар» ҳикоят карда мешавад, ки Кова пешдомани чармини сурхи худро дирафш кард ва мардумро зидди ҷабру зулми Заҳҳоки морон ба мубориза даъват намуд. Мардум зери ин парчам ҷамъ омаданд ва ғалаба ба даст оварданд. Сипас шоҳ Фаридун ба тахт нишаста, ин парчамро «Дирафши Ковиёнӣ» ном ниҳоду бо зару зевар ороиш дод ва аз он замон парчам чун рамзи давлату давлатдорӣ, озодӣ аз ҷониби ниёгони мо қабул ва муқаддас дониста шуд.

«Дирафши Ковиён» то ҳуҷуми арабҳо (асрҳои VI–VII) вуҷуд дошт, вале арабҳо онро аз байн бурданд. Ба Аврупо парчамро арабҳои мусулмон бурданд ва парчамдориро ёд доданд. Аввалин парчамҳои ба байраҳҳои имрӯза монанд, яъне дар шакли матои дар чӯбдаста басташуда дар Чин пайдо шудааст, ки онҳоро соли 100-уми то милод истифода мекарданд. Аксари парчамҳои гузашта сегӯша буданд ва рангҳои сурх (бештар), сафед, зард, бунафш доштаанд. Баъдтар азбаски парчамҳои чоргӯша барои дар киштӣ овехтан мувофиқ буданд, тадриҷан аввал дар Аврупо ва пас дар ҷаҳон парчамҳои чоргӯша (ғайр аз парчами Непал, ки сегӯша аст) пайдо шудаанд.

Парчами аморати Бухоро низ чоргӯша буд ва акси моҳу ситора ва панҷаи дастро дошт. Аз асри XVIII сар карда, истифодаи парчам чун рамзи миллатҳо оғоз ёфт. Куҳантарин парчами бетағйирмонда парчами давлати Дания мебошад, ки аз соли 1219 милодӣ вуҷуд дорад.

Рӯзи Парчами давлатиро на танҳо дар Тоҷикистон, балки дар Мексика, Канада, ИМА, Швецария, Лаҳистон (Полша), Ҷопон ва дигар кишварҳои ҷаҳон ботантана ҷашн мегиранд. Манораҳои бузурги парчам то 162 метр дар Озарбойҷон, 160 метр дар Кореяи Шимолӣ, 133 метр дар Урдун ва 126 метр дар Уммон мавҷуд аст. Соли 2011

баландтарин манораи Парчам дар Тоҷикистон дар баландии 165 метр барафрохта шуд.

Дар даврони шӯравӣ аз соли 1924 то 1991 парчами давлатӣ чанд бор иваз карда шуд. Аввалин парчами Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон парчами умумии СССР буд. Аз соли 1922 то соли 1953 парчами ҶШС Тоҷикистон якрангаи сурх буда, дар он пай дар пай нишони ҷумҳурӣ, навиштаҷоти «GSS Tojikiston», аломатҳои досу болға ва номи ҷумҳурӣ бо забони русӣ тасвир шуда буд. Бо қарори Президиуми Шӯрои Олии РСС Тоҷикистон аз 20 марти соли 1953 муқаррар шуд, ки парчами давлатии РСС Тоҷикистон аз матои росткунҷа ва аз чор рахи рангаи бо таври уфуқӣ ҷойгирифта сохта шавад, ки рахи ранги боло сурх (нисфи бари парчам), рахи сафед (1/5 ҳисса), рахи сабз (аз 1/10 ҳисса) ва рахи поёнии сурх (аз 1/5 ҳисса) бари парчамро ташкил медод. Дар рахи болои сурх назди дастаи парчам досу болғаи заррин ва болои онҳо ситораи сурхи бо зар ҳошия кашидашуда ҷойгир карда шуда буд.

Дар арафа ва баъди пошхӯрии ИҶШС (СССР) ва соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон (1991) аз 24 августи соли 1990 аз ҷониби Шӯрои Олии РСС Тоҷикистон қабул ва масъалаи таҳдиди **«Эъломия дар бораи соҳибихтиёрии РСС Тоҷикистон»** ва нишонҳои давлатӣ гузошта шуд. Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 28 июни соли 1991 дар бораи рамзҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор қабул намуд ва барои ин комиссияи махсус барои таҳияи намунаҳои нави рамзҳои давлатӣ тасдиқ ва озмун эълон шуд. Иҷлосияи Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 16–24 ноябри соли 1992 рамзҳои давлатиро низ тасдиқ намуд ва сарвари нави давлат Эмомалӣ Раҳмон Парчамро бӯсида, қасами сулҳоварии худро эълон кард. 12 майи соли 2007 баъди баррасӣ дар Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Президент Эмомалӣ Раҳмон ба зери Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон **«Дар бораи рамзҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон»** имзо гузошт, ки боби 2-юми он «Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ном дорад ва аз 2 модда (1.Тартиби афрохтани Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон; 2. Ҷойгиркунии тасвири Парчами

давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон) иборат аст. Аввалин бор бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 24 ноябри соли 2009 Рӯзи Парчами миллӣ таҷлил гардид.

Дар забони тоҷикӣ шаш калимаи ҳаммаънои парчам роиҷ аст:

Дирафш – қадимтарин вожаи ориёии ифодакунандаи парчам, ливо, байрақ аз ҳама калимаи серистеъмол дар забони адабиёти классикии форсии дарӣ мебошад. Дирафш ҳамчун рамзи пирӯзию давлатдорӣ дар «Шоҳнома»-и Абулқосими Фирдавсӣ маънидод шудааст. Ин аст, ки ибораҳои «дирафши Ковиёнӣ», «дирафши сурх», феълҳои «дирафшидан», ки маънои дурахшидан, алвонҷ хӯрдани матоъ аз бод, барқ заданро дорад.

Алам–калимаи арабӣ буда, маънои байрақ, ливо, парчамро дорад.

Дар забон тақрибан шаш вожаномаи алам дучор меояд, ки инҳояд:

– алам бардоштан–пайдо шудан;
– алам баркашидан – парчам бардоштан;
–алам баровардан – пайдо шудан;
–алам берун задан– пайдо шудан;
–алам гардидан – машҳур шудан;
–алам шудан – машҳур шудан.

Ливо–калимаи арабӣ буда, маънои байрақ, алам, парчамро дорад. Ибораҳои «ливои дӯстӣ», «ливои зафар», «ливои истиқлол» ва монанди инҳо маъмуланд. Масалан, Мирсаид Миршакар бо номи «Ливои зафар» достоне дорад.

Роят–вожаи арабӣ мебошад, ки маънои парчам, ливо, аламро ифода мекунад.

Байрақ– лафзи туркист. Матои ранги муайян, ки ба чӯби борики дарозе насб мекунанд ва дар он аксаран сурати нишонаи давлат, ҷамъият, созмон ҳамчун рамзи мавҷудият кашида мешавад ва муродифи парчам, ливо, алам мебошад. Ибораҳои «байрақи давлатӣ», «байрақи сурх», «байрақи ҳарбӣ» ва ғайра маъмуланд. Баъди Инқилоби Октябр калимаи байрақ афзалият пайдо карда буд. Ибораҳои «байрақи Октябр», «байрақи сурхи меҳнат», «байрақи Ленин» ва монанди инҳо машҳур буданд. Ин аст, ки Мирзо Турсунзода маҷмӯаи аввалини ашъорашро

«Байроқи зафар» (1932) номид, устод Абулқосим Лоҳутӣ бо номи «Тоҷ ва байрақ» достоне эҷод намуда буд.

Парчам–калимаи тоҷикии китобӣ мебошад. Дар адабиёти классикӣ маънии дирафш, алам, ливоро ифода намекард, вале имрӯз ба маънии байрақ кор фармуда мешавад.

Бигузор Парчами давлатии Тоҷикистон боиси ғурури миллӣ, ифтихори давлатдорӣ, истиқлолият ва ватандории мову шумо бошад. Тавре ки дар Суруди миллии мо зикр шудааст, ба зери парчам саф кашида бошем ва мо, мардуми шарафманди Тоҷикистон, барои ояндаи неку ҷовидонаи Ватани азизамон ҳамеша саъю талош намоем.

Луғат:

Дирафш – парчам, ливо, алам, байрақ.
Пешдодиён – нахустин сулолаи давлатдории ориёиҳо.
Вожа – калима.
Қомус – донишнома, энсиклопедия.

Савол ва супориш:

1. Аз таърихи парчамдории тоҷикон чӣ медонед?
2. Аввалин парчамҳо кай, дар куҷоҳо пайдо шудаанд? «Дирафши Ковиён»-ро шарҳ диҳед.
3. Баландтарин манораи Парчам дар Тоҷикистон кай кушода шуд ва чанд метр баландӣ дорад?
4. Рӯзи Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон нахустин бор кай ва бо ташаббуси кӣ қайд карда шуд?
5. Парчам рамзи чист?
6. Чаро мо Парчами давлатӣ дорем?
7. Парчами Тоҷикистон аз чанд ранг иборат аст?
8. Тоҷ ва ситораҳои Парчам рамзи чист?
9. Парчами давлатии Тоҷикистон дар кадом маврид ва дар куҷоҳо барафрохта мешавад?
10. Оё таҳқири Парчам ҷиноят ҳаст ё не?
11. Дар дарси расмкашӣ расми Парчами Тоҷикистонро кашед.
12. Ҳаммаъноҳои калимаи «Парчам»-ро аз луғат ёфта, шарҳ диҳед.

Дарси 22

РАМЗҲОИ ПРЕЗИДЕНТИ ТОҶИКИСТОН

Ливо ва Нишони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон рамзҳои расмии ҳокимияти президентӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд.

Ливои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон матои махмалини хоси росткунҷаест, ки аз се рахи уфуқии ҳамранги Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат аст. Паҳнии раҳҳои сурху сабзи болою поён ба ҳам баробар буда, паҳнии рахи сафед якуним баробари яке аз раҳҳои рангаро ташкил медиҳад. Даври Ливо бо ресмони зарҳалин дастдӯзӣ ва бо шилшилаҳо ороиш ёфтааст. Дар маркази Ливо тасвири «Дирафши Ковиён» омадааст, ки он нишони хос ва босуботи давлатдории миллӣ аз даврони қадим аст.

Дар қисми болоии «Дирафши Ковиён» найза тасвир ёфтааст, ки рамзи ирода ва қудрати ҳифзи давлат мебошад.

Қисми чаҳоргонаи «Дирафши Ковиён» чаҳор тарафи чаҳонро тачассум мекунад, ки рамзи равобити нек, дӯстӣ ва ҳамкорӣ бо ҳама кишвару халқҳо аст.

Дар дохили «Дирафши Ковиён» чаҳор шохаи марғула дар даври Хуршед ҳамчун рамзи ҳамеша дар ҳаракат будани вақту замон, даври замин ва унсурҳои коинот дар атрофи Офтоб инъикос ёфта, баёнгари бахт, ваҳдат, саодат ва пешрафти кишвар мебошанд.

Дар маркази «Дирафши Ковиён» Шери болдор ҳамчун рамзи қудрат, нерумандӣ ва шукӯҳи давлат дар замину осмон тасвир ёфтааст.

Дар болои тасвири Шери болдор Тоҷ ва ҳафт ситора ҳамчун асоси Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфтаанд.

«Дирафши Ковиён» бо ресмонҳои ранги зарҳалӣ дар ҳар ду ҷониби Ливо дастдӯзӣ гаштааст.

Дар қисми болоии чӯбдасти Ливо лавҳаи заррин васл шудааст, ки дар он номи хонаводагӣ, номи падар ва номи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо зикри муҳлати

салоҳияти конститутсионии вай ҳаккокӣ мегардад. Нӯги чӯбдасти Ливо шакли гунбази зарринро дорад.

Нишони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси шакли хос ва такмилии ордени «Ситораи Президенти Тоҷикистон, дараҷаи як» ва шаддаи хоси овеза таҳия гардидааст.

Нишони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз се қисми таркибӣ–ордени «Ситораи Президенти Тоҷикистон, дараҷаи як», Шери болдор ва шаддаи заррин иборат мебошад.

Дар меҳвари Нишони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ситораи ҳафтгӯшаи сурх ҷойгир аст, ки аз ёқути сурх сохта шуда, баёнгари мубориза баҳри озодӣ, истиқлол, адолат ва пешрафт аст.

Бояд гуфт, ки ёқути сурх аз ҷумлаи сангҳои гаронбаҳо буда, беҳтарин намунаҳои он дар Тоҷикистон мавҷуданд. Умуман, ёқут, зумуррад, лаъл, тилло ва ҳама сангу филизи қиматбаҳои дар нишони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон истифодашуда маҳсули табиати биҳиштосои Тоҷикистонанд.

Дар ҳалқаи давродаври заррини нишон ибораи «Ситораи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз тилло ҳаккокӣ шудааст.

Дар дохили доираи ситораи ҳафтгӯша Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тилло тасвир ёфтааст.

Ситораи ҳафтгӯша бо нурҳои хос аз тиллои сафед оро ёфтааст, ки онро шукӯҳу зинат бахшида, рамзи покию озодагии рӯҳ ва сират мебошад.

Ҳар хатти тӯлонии нур (маҷмӯан: 7 хат) бо се лаъли ҳалқагин, хатҳои миёна (маҷмӯан: 14 хат) бо ду лаъли ҳалқагин ва хатҳои хурди нур (маҷмӯан: 14 хат) бо лаъл оро ёфтаанд.

Ба ҳар гӯшаи Ситора лавҳаи мураббаи заррин (дар маҷмӯъ: 7-то) васл гардидааст, ки дар қисмати болоии он санги зумуррад дар шакли мураббаъ ҷойгир аст.

Ордени такмилёфтаи «Ситораи Президенти Тоҷикистон дараҷаи як» бо нишони ҳалқавии Шери болдори дар ҳоли ҳаракати доимибуда васл гаштааст. Шери болдор аз даврони қадим рамзи қудрат, шукӯҳ ва

азамати давлат шинохтаю эътироф шудааст. Нишони ҳалқавии Шери болдор аз ду ҷониб бо лавҳаҳои хоси заррин ва шаддаи заррин пайваст аст. Тасвири ин лавҳаҳо ифодаи лавҳаи суннатии қудрат мебошанд.

Шаддаи заррин 13 ҳалқаи зарринро дар таносуби муайян ва пайиҳам пайванд намудааст. Дар 6 ҳалқаи заррин тасвири Шери болдор ва дар 7 ҳалқаи заррини дигар дар заминаи ранги осмонӣ тасвири заррини Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфтааст.

Ливо ва Нишони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз як Президент ба Президенти дигар расман супурда шуда ва ба таври хосса нигоҳдорӣ мешаванд.

Луғат:

Аносир – унсурҳо, ҷузъ, қисм.
Ливо – парчам, байрақ, алам.
Қудрат – тавоноӣ, нерумандӣ.
Таносуб – баробарӣ.
Мураббаъ–росткунча.

Савол ва супориш:

1. *Ливо ва Нишони Президент чӣ гунаанд?*
2. *Ливои Президент аз Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон чӣ фарқ дорад?*
3. *Тасвири «Дирафши Ковиён» дар маркази Ливо рамзи чист?*
4. *Тасвири найза дар қисми болоии «Дирафши Ковиён» ифодагари чист?*
5. *Чаҳор шохаи марғула дар дохили «Дирафши Ковиён» чиро мефаҳмонад?*
6. *Чаро дар маркази «Дирафши Ковиён» Шери болдор тасвир шудааст?*
7. *Даркуҷои Ливо номи хонаводагӣ, номи падар, номи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муҳлати салоҳияти конститутсионии ӯ ҳаккокӣ шудааст?*
8. *Нишони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз кадом қисмҳо фароҳам омадааст?*
9. *Дармеҳвари Нишони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир шудани ситораи ҳафтгӯшаи аз ёқути сурх сохташуда рамзи чист?*
10. *Ливо ва Нишони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар дасти кӣ нигоҳ дошта мешаванд?*

ФАСЛИ 7. ҶАШНИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН. ПОЙТАХТ ВА МАРКАЗҲОИ ВИЛОЯТҲОИ ТОҶИКИСТОН

Дарси 23

ҶАШНИ ИСТИҚЛОЛИЯТ

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷашнҳои миллӣ хеле хотирмон ва бо шукӯҳу шаҳомати хосса мегузаранд. Махсусан, ҷашнҳои рӯзи қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (6 ноябр), 21–22-уми март – иди байналмилалии Наврӯз, 27 июн – Рӯзи Ваҳдати миллӣ, 5 октябр– Рӯзи қабули Қонун дар бораи забони давлатӣ хеле бо шавқу завқи бепоён таҷлил мегарданд.

Дар байни ин идҳои миллӣ ҷашни Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҳар сол рӯзи 9 сентябр қайд карда мешавад, мавқеи махсус дорад, зеро истиқлолият ва озодӣ орзуву омоли чандҳазорсолаи мардуми тоҷик буд. Тоҷикистон баъди даҳ асри бедавлатӣ 14 октябри соли 1924 ҳамчун Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистӣ дар ҳайати Ӯзбекистон таъсис ёфт. Маҳз орзуи истиқлолият ва ҷонфидоию муборизаи фарзандони фарзонаи миллат буд, ки Тоҷикистон 16 октябри соли 1929 ба Ҷумҳурии мустақил дар ҳайати Иттиҳоди Шӯравӣ табдил ёфт.

Бо пош хӯрдани давлати бузурги Иттиҳоди Шӯравӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон 9 сентябри соли 1991 Истиқлолияти давлатии худро эълон намуд. Халқи тоҷик баъди ҳазор сол аз нав соҳиби давлати мустақили миллӣ гардида, мақому манзалати махсус пайдо кард, ки барои тоҷикон ин воқеаи фараҳбахш ва бузург буд.

Бо фарорасии фазои мустақили сиёсию иқтисодӣ ва фарҳангӣ вазифаҳои мо, ватандорон, афзун гардид. Тоҷикистон, ки ба сӯйи ҷомеаи демократию дунявӣ қадамҳои устувор мениҳад, бе ваҳдати ақлу амали ҳар як сокини худ наметавонад аз ин имтиҳони ҷиддии таърих гузарад. Ташаккули замони ҳозира ба кашфи техникаи нав,

ихтироот, заҳмату талош, робита бо давлатҳои пешрафтаи дунё ва ғайра ниёз дорад.

Ҳоло ки Тоҷикистонро ҷомеаи ҷаҳонӣ чун кишвари озод эътироф кардааст, мо, шаҳрвандони он, бояд мисли ангуштони як даст, шохобҳои як рӯд, гулҳои як боғ, фарзандони як модар амал намуда, дар бунёди Тоҷикистони навин саҳм бигузорем ва бо исми миллат ифтихор кунем.

Мову шумо метавонем танҳо бо таҳсили хубу аъло, бо неруи ақлонӣ ва ҷисмонии худ Истиқлолияти давлатии Тоҷикистонро ҳифз намоем ва дар пайи ободии Ватан бошем.

ИСТИҚЛОЛИЯТ

Чист Истиқлолият?
Сарбаландиву сарафрозӣ ба ҷон,
Қадри худ бишнохтан то ҷовидон.
Қасри бунёди саодатмандӣ аст,
Нахли ширинмеваи пайвандӣ аст.

Чист Истиқлолият?
Дар Бадахшони сухан лаъли Яман,
Зар шумурдан зарраи хоки Ватан,
Ишқро омехтан бо ҷону тан,
Аз қафас парвоз бар сӯйи чаман.

Чист Истиқлолият?
Дар сари минбар сари нанг асту ном,
Гул шамидан аз гулистони мақом.
Бошад аз аҷдоди Сосонӣ паём,
То ҳамин донед умри бардавом.

Чист Истиқлолият?
Қуллаи умедҳоро сохтан,
Парчами фахру фараҳ афрохтан,
Най ба тамъи найшакар бинвохтан,
Деви навмедӣ ба чоҳ андохтан.

Чист Истиқлолият?
Пайки бахту муждаи озодӣ аст,
Дар Ватан сарманшаи ободӣ аст,
Маҳви чуғзи ғам зи тири шодӣ аст,
Ишқи Ширину дили Фарҳодӣ аст.

Чист Истиқлолият?
Дидаву дилро зиё бахшидан аст,
Бар ятиме муттако бахшидан аст,
Бенавоеро наво бахшидан аст,
Интиҳоро ибтидо бахшидан аст.

Чист Истиқлолият?
Роҳ кушодан дар дили кӯҳи Ватан,
Роҳ паймудан ба сӯйи анҷуман,
Боғи умедест дар дашту даман,
Тоби хуршедест андар ҷони ман.

Чист Истиқлолият?
Бар ватангумкардагон огоҳӣ аст,
Шаҳсутуни бахту тахти шоҳӣ аст,
Ибрате аз меҳру обу моҳӣ аст,
Дар ватандорӣ муҳаббатхоҳӣ аст.

Чист Истиқлолият?
Мояи эҳсосу дарки ифтихор,
Дар дили фасли хазон пайки баҳор,
Иттиҳодеро намудан устувор,
Бошад ин армони қавми тоҷдор.

Чист Истиқлолият?
Муҳри маҳтоб аст аз сандуқи шаб,
Номаи меҳрест аз асли насаб,
Ояти шукрона пиндораш ба лаб,
Ваҳдати моро ҳамин бошад сабаб.

Давлат Сафар

Манзалат–мақом, қадру қимат.
Исм–ном.
Неру–қувва.
Шамидан–бӯйидан.
Пайк – хушхабар.
Маншаъ – оғоз, ибтидо.
Зиё – нур.
Муттако–такягоҳ.

Савол ва супоришҳо:

1. *Кадом ҷашнҳои миллиамонро медонед?*
2. *Тоҷикистон кай ҳамчун Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистӣ ва Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистӣ таъсис ёфт?*
3. *Истиқлолияти давлатӣ чист?*
4. *Тоҷикистон чӣ тавр давлати мустақил ва соҳибистиқлол гардид?*
5. *Рӯзи Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро аз кай ҷашн мегиранд?*
6. *Ту вазифаи худро чун як ватандор дар чӣ мебинӣ? Бо кадом кору амалат Истиқлолияти Тоҷикистонро ҳифз мекунӣ?*
7. *Шеъри Давлат Сафар "Истиқлолият"-ро аз ёд кунед.*

ТОҶИКИСТОН

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо масоҳати 142,6 ҳазор километри мураббаъ дар Осиёи Марказӣ воқеъ гардидааст. Тоҷикистон бо давлатҳои Афғонистон, Ӯзбекистон, Қирғизистон ва Чин ҳамсоя мебошад. 93 дарсади ҷумҳурии моро кӯҳҳо фаро гирифтаанд. Баландтарин қуллаҳои кӯҳҳои кишварамон «Исмоили Сомонӣ» (7 495 метр), «Абӯалӣ ибни Сино» (7 134 метр) мебошанд. Дар қалламрави Тоҷикистон беш аз ҳашт ҳазор пиряхи хурду бузург ҷой доранд, ки онҳо манбаи асосии оби тоза на танҳо барои кишварамон, балки барои кишварҳои ҳамсоя мебошанд. Тоҷикистон дорои кӯл, обанбор ва рӯдхои хурду бузург ва обҳои шифобахши зиёде аст. Бузургтарин рӯдхои кишварамон Ому, Сир, Панҷ, Вахш, Зарафшон, Кофарниҳон, Сурхоб, Яхсу, Мурғоб ва Хингоб мебошанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои сарватҳои зиёди зеризаминӣ, аз қабили тилло, нукра, мис, руҳ, сурб, оҳан, уран, симоб, сурма, ҳамчунин, сангҳои гаронбаҳо мебошад.

Тоҷикистон аз ҷиҳати маъмурӣ ба 3 вилоят: Хатлон, Суғд ва Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, 17 шаҳр,

55 шаҳрак, 62 ноҳия, 368 ҷамоати деҳот тақсим шуда, дар онҳо беш аз 8 миллион аҳолӣ умр ба сар мебарад. Пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон–шаҳри Душанбе ва марказҳои вилоятҳои Тоҷикистон шаҳрҳои Кӯрғонтеппа, Хуҷанд ва Хоруғ мебошанд.

ТОҶИКИСТОН

Аз Душанбе то ба Хатлон,
Аз Зарафшон то Бадахшон
Сарзамини Тоҷикистон
Баҳри мо густурда домон.

Тоҷикистон, Тоҷикистон,
Каъбаи дил, нури имон.

Тоҷдорӣ – суннати мо,
Растагорӣ – зиннати мо.
Бахту тахту савлати мо
Бошад андар Ваҳдати мо.

Тоҷикистон, Тоҷикистон,
Каъбаи дил, нури имон.

Кӯҳсорат пуштибонам,
Чашмасорат ҳамзабонам.
Ман биҳишти ҷовидонро
Ҷуз канорат менадонам.

Тоҷикистон, Тоҷикистон,
Каъбаи дил, нури имон.

Меҳринисо

Луғат:

Густурда–паҳншуда.
Имон– эътиқод, боварӣ ба чизе.
Растагорӣ–раҳоӣ, халосӣ, наҷот.
Каъба–зиёратгоҳи мусулмонон дар шаҳри Макка.
Маснад–ҷойгоҳ, поя, такягоҳ.

1. Ҷумҳурии Тоҷикистон чӣ қадар масоҳат дорад, дар куҷо воқеъ гардида, бо кадом давлатҳо ҳамсарҳад аст?

2. Чанд дарсади Тоҷикистонро кӯҳҳо фаро гирифтаанд?

3. Баландтарин қуллаҳои Тоҷикистон кадомҳоянд?

4. Дар Тоҷикистон чӣ қадар пирях мавҷуд аст?

5. Тоҷикистон дорои кадом дарёҳост?

6. Дар Тоҷикистон кадом сарватҳои зеризаминӣ мавҷуд аст?

7. Аҳолии Тоҷикистон чӣ қадар аст ва он аз ҷиҳати маъмурӣ ба чанд вилоят, шаҳр, шаҳрак, ноҳия ва ҷамоати деҳот тақсим мешавад?

8. Пойтахти ҷумҳурӣ ва марказҳои вилоятҳои Тоҷикистон кадом шаҳрҳоянд?

9. Шеъри Меҳринисо "Тоҷикистон"-ро ифоданок хонед ва аз ёд кунед.

Дарси 25

ДУШАНБЕ — ПОЙТАХТИ ВАТАНИ МО

Душанбе шаҳри калонтарини ҷумҳурӣ буда, маркази илму фарҳанги тоҷикон ва пойтахти давлати Тоҷикистон аст. Ин шаҳри зебову дилоро соли 1924 баъди тақсимоти миллии марзӣ ба вуҷуд омад. Халқҳои Осиёи Миёна ба давлатҳои хурд тақсим гаштанд ва пойтахти тоҷиконро аз

Бухоро ба деҳаи хурди кӯҳистон–Душанбе кӯчониданд. Онро пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон намуданд.

Халқи тоҷик ҳама чун як ҷону тан барои ободии Душанбеи азизаш камар баст. Дар як муддати кӯтоҳ Душанбе ба як шаҳри бузурги замонавӣ табдил ёфт. Соли 1929 баъди ҳафтумин ҷумҳурии иттифоқӣ номида шудани Тоҷикистон Душанбе номи Сталинободро гирифт. Соли 1961 боз номи аввалааш барқарор шуд.

Душанбе дар давоми мавҷудияти худ хеле тез тараққӣ карда, пеш рафт. Хонаҳои серошёна, қасру толорҳои боҳашамат, театрҳо, биноҳои маъмурию фарҳангӣ ҳусни шаҳрро як бар сад афзун намуданд.

Дар оғӯши ин шаҳри зебо намояндагони миллатҳои гуногун дӯстона ҳаёт ба сар мебаранд ва якҷоя барои ободии диёр саҳм мегузоранд. Маҳз бо заҳмату талошҳои ин мардони меҳнат Душанберо ҷаҳониён чун шаҳри дилоро эътироф кардаанд:

Аҷаб шаҳри дилороӣ, Душанбе,
Хаёлам зеби дунёӣ, Душанбе.

Боқӣ Раҳимзода

Имрӯз масъулияти сокинони шаҳри Душанбе чун дили Ватани мо беш аз пеш афзудааст. Ҳамаи мову шуморо зарур аст, ки ба қадри сарватҳои фарҳангию маънавии пойтахт ва моликияти давлатӣ: об, фазо, барқ, боғу дарахтзор, гулбоғу чаманзор, роҳ, нақлиёт, муҷассамаҳои бузургон, оромгоҳ ва зиёратгоҳҳо расида, дар ин шаҳри биҳиштосо чароғи меҳру вафо ва сидқу сафоро фурӯзон нигоҳ дорем.

Душанбе хонаи умеди ҳамаи тоҷикони дунё, макони бахту иқбол, хазинаи илму дониш ва сарфарозиҳои мост:

Шаҳри паймони ман, Душанбе,
Фахри даврони ман, Душанбе.
Пояи Ваҳдати тоҷикон,
Дар дилу ҷони ман, Душанбе.

Сайдалӣ Маъмур



Тобистон. Ҳаво тафсидааст. Паранда дар осмон параш, чаранда дар замин пояш месӯзад. Кӯдакон ҷӯй, дарё ва фаввораҳоро иҷора гирифтаанд.

Чор тан аз чор сӯйи Душанбешаҳр дар сояи зарбеди лаби ҷӯй нишастаанд. Яке аз самти шарқӣ, дигаре аз самти ғарбӣ, сеюмӣ аз самти ҷанубӣ ва чорумӣ аз самти шимолии шаҳр. Аввалӣ мегӯяд: “Душанбе ҳам дил асту ҳам дида. Вай нигин аст дар водии Ҳисори Шодмон. Махсусан самти шарқии он дилрабост. Бозори Шоҳмансур дар ҳамин самт воқеъ гардидааст. Аз ин самт шоҳроҳи Душанбе–Кӯлоб, Душанбе-Хоруғ, Душанбе–Рашт ибтидо мегирад. Офтоб ҳам аз ҳамин самт тулӯъ мекунад”.

Дувумӣ мегӯяд: «Маъқул, вале самти ғарбии шаҳри азизамон боз ҳам зеботар аст. Маҳаллаи ободу зебои 82, хиёбони Исмоили Сомонӣ, қасру биноҳои маҳаллаи Испечак қомат афрохтаанд. Офтоб паси ҳамин самт ғуруб мекунад”.

Сеюмӣ мегӯяд: «Шоҳроҳи Душанбе–водии Вахш аз самти ҷанубии шаҳрамон оғоз меёбад. Бозорҳои Султони Кабир, Ганҷина ва Корвон ба одамон ризқу рӯзӣ мебахшанд. Хиёбони Неъмат Қарабоев ҳамто надорад».

Чорумӣ, ки то ин вақт хомӯш нишаста буд, сар боло мекунад ва мегӯяд: «Офарин ба шумо. Дар ҳақиқат ҳам

самтҳои шарқу ғарб ва ҷануби Душанбешаҳрамон ҳар рӯз рангу бӯйи тоза мегиранд. Аммо, ҷанобон, бигӯед, ки ҳамин ҳоло мо дар кадом самт нишастаем, аз гармии офтоби сӯзону ҳавои тафсон дар куҷо панаҳ бурдаем?»

–Чӣ хел дар куҷо?–Якбора мепурсанд он се тан ва худ ҷавоб медиҳанд: –Дар самти шимоли шаҳрамон. Ин ҷӯй аз ҳамин самт ҷорист.

–Офарин, дӯстон. Ин аст самти шимоли шаҳрамон. Ман аз донишгоҳу хиёбонҳои он, боғу гулгаштҳои он, одамони наҷибу некхоҳи он ҳарф намезанам. Танҳо ҳаминро мегӯям, самти шимоли Душанбешаҳри дилорои мо аз дараи арӯсон–Варзоб оғоз меёбад ва дар ин самт даҳҳо хиёбону кӯчаҳо, шаҳраку маҳаллаҳо воқеъ гардидаанд, ки ҳазорон ҳазор одамон машғули кор ва дилбастагие ба зиндагӣ доранд.

Намедонам, ҳукми тақдир буд ё зулми замона, ки 3000 сол пеш чор тан аз чор сӯйи Ватани паҳновари аҷдодиямон дар як гӯшаи мулке ба ҳам вохӯрданд. Чун онҳо моҳҳо ва рӯзҳо сафар мекарданд, аз ҳад зиёд хаста ва шалпар шуда буданд, тани афсурдаи худро зери дарахти азими чормағзе гирифтанд, ба ғанаб рафтанд. Насими фораме, ки аз Варзобдара мевазид, ба тани хастагон рӯҳи тоза мебахшид. Рӯди Варзоб алла мегуфт.

Субҳи барвақт чашми рӯз накафида, бедор шуданд ва аз ҳолу аҳвол ва касбу шуғли ҳамдигар воқиф гардиданд: чармгар, заргар, барзгар ва оҳангар. Мавзеъ маъқул шуд. Паҳлуи ҳамдигар кулбаҳо сохтанд, чароғи зиндагӣ фурӯзон карданд.

Ва инак, 3000 сол аст, ки ин чароғ фурӯзон аст ва аз насл ба насл мегузарад, фурӯзонтар мегардад. Вобаста ба вазъи сиёсию иқтисодӣ замоне паст ва замоне ҳам баланд мешавад чароғ.

Оҳангар оҳангарӣ мекард, афзору олоти рӯзгор месохт: бел, каланд, дост, корд, теша, табар, кафгир, пойи аспонро наъл мезад. Заргар афзорҳои зебу зинат месохт: гӯшвор, ҳалқа, муҳра, ангуштарӣ, даспонаву бозубанд.

Чармгар ба чарм машғул буд: зин, тасма, ғилоф, нӯхта месохт. Барзгар деҳқонӣ мекард. Ҷуфти гов дошт. Ҷав, гандум, арзан, зағир мекошт. Болои маҳалла заминҳое буданд васеъ, ҳамвор, ҳосилхез. Деҳқонию барзгарӣ кори

умум ва ҳама буд: заргару оҳангару чармгар деҳқонӣ ҳам мекарданд.

Он замонҳо Душанбе шаҳр набуд, аммо серодам буд. Намедонам, аз чӣ бошад, ки ҳар ҳафта рӯзи душанбе одамони гирду атроф аз Ҳисори Шодмону Кофарниҳон, Файзободу Андигону Варзоб, Нораку Данғара пиёдаю аспакию харакӣ ба Душанбе меомаданд. Бозор меоростанд. Шояд аз ин сабаб буд, ки дар гузашта рӯзи душанбе байни ҳафта қарор дошт. Се рӯзи аввал: ҷумъа, шанбе, якшанбе, се рӯзи дуюм: сешанбе, чоршанбе, панҷшанбе ва дар байн душанбе. Се рӯз кор мекарданд, як рӯз истироҳат ва боз се рӯз кор.

Заргар дар санъату хунари худ ҳамто надошт. Ҳалқаю гӯшвораҳояш дар ҷаҳон машҳур шуда буданд. Одамон аз дуру наздик хонаи заргарро суроғ мекарданд. Мардон барои бонувон, ҷавонон барои арӯсони ояндаашон ҷавоҳирот мехариданд. Солҳо гузаштанд. Ибораи "хонаи заргар" "маҳаллаи Заргар" пайдо шуд. *(М.Лутфуллоев)*

Савол ва супориш:

1. *Душанбе аз кай пойтахти Тоҷикистон аст?*
2. *Кай Душанберо Сталинобод номиданд?*
3. *Номи аввалаи пойтахти Тоҷикистон–Душанбе кадом вақт дубора барқарор шуд?*
4. *Ту чун сокини Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд масъулияти шаҳрдориро чӣ гуна ба зимма дошта бошӣ?*
5. *Чаро Душанберо хонаи умеди тамоми тоҷикони дунё меноманд?*
6. *Дар мавзӯи «Душанбе –дили Ватани мо» иншо нависед.*
7. *Шеърҳои дар матн бударо азёд кунед.*
8. *Муҳтавои суҳбати чорнафаронро нақл кунед.*
9. *Шаҳру ноҳияҳоеро, ки дар атрофи Душанбешаҳр ҷойгир шудаанд, номбар кунед.*
10. *Харитаи тахминии мавқеи ҷойгиршавии шаҳри Душанберо кашед. Роҳҳои даромад ба пойтахтро аз шарқу ғарб ва ҷанубу шимол шарҳ диҳед.*
11. *Душанбе 3000 сол пеш чӣ гуна бунёд ёфт?*

12. *Оид ба касбҳои чармгарӣ, заргарӣ, барзгарӣ ва оҳангарӣ маълумот диҳед. Кадом ҳаммаъноҳои калимаҳои чармгар, заргар, барзгар ва оҳангарро медонед?*
13. *Таркиби «Рӯди Варзоб алла мегуфт» чӣ маъно дорад?*
14. *Ҳаммаъноҳои таъбири «чашми рӯз накафида»-ро ба дафтаратон нависед.*
15. *Оҳангар кадом афзорҳоро месохт?*
16. *Заргар кадом афзорҳои зебу зинат месохт?*
17. *Барзгар кадом зироатҳоро мекошт?*
18. *Чармгар чӣ медӯхт?*
19. *Дар хона доир ба хусусиятҳои яке аз ин пешаҳо: заргар, чармгар, барзгар ва оҳангар иншои мухтасар нависед.*

Дарси 26

МАРКАЗҲОИ ВИЛОЯТҲОИ ТОҶИКИСТОН

Кӯрғонтеппа

Кӯрғонтеппа яке аз шаҳрҳои калони Тоҷикистон ва маркази вилояти Хатлон мебошад. Ин шаҳр соли 1926 таъсис ёфтааст. Он дар соҳили чапи рӯди Вахш дар баландии 428 метр аз сатҳи баҳр воқеъ гаштааст. Ҳарорати ҳаво дар ин шаҳр дар зимистон тахминан 0,9°С ва дар моҳи июл 46,9°С аст. Масофаи байни Кӯрғонтеппа ва шаҳри Душанбе 99 километр аст. Кӯрғонтеппа маркази

муҳимми саноатӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ буда, дорои заводҳои трансформатор, таъмири механикӣ, пахта, нон, равған, консерв, шир, оби ҷав, комбинатҳои гӯшт, маҳсулоти ғаллагӣ, хизмати маишӣ, фабрикаҳои калобаресӣ, «Тоҷикатлас», «Дилоро», Донишгоҳи давлатии Кӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав, Донишкадаи давлатии энергетикии Тоҷикистон, коллеҷҳои тиббӣ, омӯзгорӣ ва омӯзишгоҳи касбҳои техникии рақами 9 мебошад.

Мувофиқи сарчашмаҳои таърихӣ Кӯрғонтеппа дар аҳди Кӯшониён (асрҳои I–IV) бунёд ёфтааст. Номи имрӯзаашро дар асри ҳаждаҳи милодӣ ба худ гирифтааст. Маънои Кӯрғонтеппа ҳисор дар болои теппа мебошад. Наҳрҳои Ҷӯйбор ва Ҷӯйи Хонум ва Теппаи Кӯрғон аз ҳамон асрҳо арзи вуҷуд доранд. Кӯрғонтеппа соҳиби таърихи беш аз 2500-сола мебошад ва он дар сарчашмаҳои таърихӣ бо номи шаҳри Вахш ҳам ёд мешавад ва бузургон бо ҳамин ном онро васф кардаанд:

Умри ҷузвӣ ҳамчу барқ асту дурахш,
Бо дурахше кай тавон шуд сӯйи Вахш.

Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ

Шунидам, ки бигирист донои Вахш,
Ки ё Раб, мар ин мардро тавба бахш.

***

Шунидам, ки дар хоки Вахш аз меҳон
Яке буд дар кунҷи хилват ниҳон.

Саъдии Шерозӣ

Ҳоло шаҳри Кӯрғонтеппа аз беҳтарин шаҳрҳои кишварамон ба ҳисоб рафта, симои худро рӯз то рӯз зебову дилоро месозад.

Шаҳри Хуҷанд таърихи бостонӣ дорад. Дар бораи Хуҷанд ҳамчун шаҳри Искандарияи Канора ҳанӯз муаррихони Юнони Қадим дар асрҳои VI-V то милод маълумот додаанд, вале номи Хуҷанд дар маъхазҳои нимаи дуюми асри ҳафт ёд шудааст. Ин шаҳри бостонӣ ба ҳайати давлати Ҳайтолиён дохил мешуд. Лақаби ифтихории шаҳри Хуҷанд "Тирози ҷаҳон" аст.

Хуҷанд чун дигар шаҳрҳои тоҷикнишин борҳо аз ҳуҷуми арабҳо, муғулҳои ғоратгар ва дигар аҷнабиён ғарқи хун гардидааст. Соли 1866 Хуҷанд ба ҳайати Русия ҳамроҳ карда шуд. Соли 1916 аҳолии шаҳри Хуҷанд ба муқобили сиёсати мустамликадории ҳукумати подшоҳии Русия шӯриш бардоштанд. Шаҳри Хуҷанд баъди Инқилоби Октябр 9 январи соли 1936 таъсис ёфтааст.

Дар айни замон Хуҷанд маркази вилояти Суғд буда, яке аз зеботарин ва ободтарин шаҳрҳои Тоҷикистон ба шумор меравад. Дар ин шаҳр марказҳои калонтарини саноатӣ, иқтисодию фарҳангӣ қомат афрохта, ба ҳусни шаҳр ҳусну таровати тоза ато менамоянд. Бо шарофати Истиқлолияти давлатии ҷумҳурӣ дар Хуҷанд муассисаҳои маориф, фарҳанг боз ҳам рушду нумӯ ёфтаанд, таълимгоҳҳои нави олию миёнаи махсус ва миёнаи умумӣ дари худро ба рӯйи толибилмон боз намудаанд.

Хоруғ дар қисмати ҷанубу ғарбии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ҷойгир шуда, шаҳрест, ки маркази ин вилояти дурдасти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоб меёбад.

Шаҳри Хоруғ дар ҳар ду соҳили рӯди Ғунд дар баландии 2200 метр аз сатҳи баҳр воқеъ гардидааст. Тобистонаш гарм ва зимистонаш хунуки муътадил мебошад. Дар Хоруғ комбинатҳои хизмати маишӣ, гӯшту шир, заводи нон, чопхона ва дигар муассисаҳои истеҳсолӣ мавҷуданд.

Дар ин шаҳр донишгоҳи олӣ, омӯзишгоҳҳои тиббӣ, техникӣ, омӯзгорӣ, мусиқӣ амал мекунанд. Театри драмаи мазҳакаи ба номи Рӯдакӣ, қасри фарҳанг, осорхонаи кишваршиносӣ ва дигар иншоот ба ин шаҳр ҳусни тоза зам намудаанд. Муассисаҳои илмии Хоруғ: Пажӯҳишгоҳи биологии Помир, Боғи ботаникии Хоруғ, Пажӯҳишгоҳи ҷомеашиносӣ шуҳрати ҷаҳонӣ доранд.

Хоруғ аз соли 1925 маркази вилоят ва аз 27 ноябри соли 1932 мақоми шаҳрро дарёфт кардааст.

Бунёди Донишгоҳи байналмилалии Кӯҳистон дар шаҳри Хоруғ ва ба истифода дода шудани шоҳроҳи Кӯлоб–Кулма-Қароқурум шаҳри Хоруғро ҳамчун маркази тиҷорат ба ҷаҳон пайваст хоҳад намуд.

Савол ва супориш:

1. Шаҳри Кӯргонтеппа кай таъсис ёфтааст ва аз кай арзи вуҷуд кардааст?
2. Номи қадимаи Кӯргонтеппа кадом аст ва аз кай бунёд ёфтааст?
3. Дар хусуси наҳрҳои Ҷӯйбор, Ҷӯйи Хонум ва Теппаи Кӯргон, маркази шаҳр чӣ медонед?
4. Кадом корхонаҳои калони саноатии шаҳри Кӯргонтеппаро медонед?
5. Доир ба таърихи шаҳри Хуҷанд чӣ медонед?
6. Хуҷанд замони хуҷуми арабҳо, мугул, Русияи подшоҳӣ дар кадом вазъ буд?
7. Хуҷанд баъди Инқилоби Октябр аз кай чун шаҳр таъсис ёфт?
8. Кадом марказҳои саноатӣ, илмӣ, фарҳангӣ ва маърифатии шаҳри Хуҷандро медонед?
9. Шаҳри Хоруғ ва мавқеи ҷойгиршавии онро гӯед, муассисаҳои асосии шаҳрро номбар кунед.
10. Хоруғ кай маркази вилоят ва аз кай мақоми шаҳрро гирифт?
11. Бунёди Донишгоҳи байналмилалӣ ва шоҳроҳи Кӯлоб– Кулма– Қароқурум ба пешрафти тиҷоратии Хоруғ чӣ нақше доранд?
12. Аз харитаи Тоҷикистон шаҳрҳои Кӯргонтеппа, Хуҷанд, Хоруғ ва рӯдҳои Вахш, Сурхоб, Хингоб ва Ғундро нишон диҳед.
13. Дар мавзӯи «Роҳ– шоҳраги ҳаёт» ҳикояча нависед.

ФАСЛИ 8. ЗАБОН — ҲАСТИИ МИЛЛАТ

Дарси 27

ЗАБОНИ МО–ҶАҲОНИ МО

Забони давлатии Тоҷикистон забони тоҷикӣ аст (Аз моддаи 2-юми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон).

Яке аз рукнҳои асосии давлатдории миллӣ забони миллат ба шумор меравад. Бинобар ин, яке аз нишонаҳои асосии миллати тоҷик забони тоҷикӣ мебошад ва маҳз забони модарӣ аст, ки боиси мавҷудияту бақои миллати тоҷик гардидааст.

Забони тоҷикӣ омили муҳимми муошират одамон ва пайвандгари риштаҳои дӯстӣ ва бародарии тамоми халқҳои сокини Тоҷикистон аст, зеро Конститутсияи Тоҷикистон танҳо ба забони тоҷикӣ мақоми забони давлатиро додааст. Аз ин рӯ, мо чун сокини ин кишвар ва як шахси ватандор вазифадорем, ки ин нуктаҳои конститутсиониро дар бораи амали забони давлатӣ бечунучаро ва ҳатмӣ иҷро намоем.

Қонуни забони Ҷумҳурии Тоҷикистон бо талабу дархости мардуми кишварамон 22 июли соли 1989 дар иҷлосияи даҳуми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид ва он ба забони тоҷикӣ ҳамчун забони аксари сокинони ҷумҳурӣ ва забони ҳамноми ҷумҳурӣ мақоми давлатӣ дод.

Онҳое, ки ба ин амали хайр даст заданд, нағз медонистанд, ки забони тоҷикӣ (форсӣ, форсии дарӣ) аз забонҳои тавоно ва соҳибхатти дунёст, ки ҳанӯз дар асри даҳ, дар аҳди Сомониён бе қабули қонуни забон ё чорабиниҳои сиёсии дигар танҳо аз рӯйи иродаи устувор ва сатҳи баланди худшиносии амирони сомонӣ мақоми давлатиро соҳиб гардида буд. Садҳо асарҳои назмию насрӣ ба ин забон таълиф шудаанд, ки эътибори онро баробари забонҳои машҳури асрҳои миёна чун забонҳои лотинию арабӣ бардоштаанд. Барои касе пинҳон нест, ки забони форсии тоҷикӣ дар давоми чандин аср аз канораҳои баҳри Миёназамин то баландиҳои Ҳиндукуш, аз кӯҳсори Қафқоз

то халиҷи Форс барои бисёр халқҳои қитъаи Осиё забони давлатдорӣ ва муошират ба ҳисоб мерафт.

Баъзан, шумо, азизон, дар баробари истилоҳи "забони тоҷикӣ" бо ибораҳои "забони форсӣ" ва "забони дарӣ" низ дучор меоед. Аслан забонҳои тоҷикӣ, форсӣ ва дарӣ шохаҳои як дарахти азим буда, дар Тоҷикистон, Эрон ва Афғонистон мавриди истифода қарор доранд. Бинобар ин, мову шумо бояд ифтихор намоем, ки вориси фарҳанг ва адабиёти ҷаҳоншумули тоҷику форс ҳастем.

Баъди Инқилоби Бухоро (1920) пас аз табартақсими маъмурию ҳудудӣ дар Осиёи Миёна маҳз ба шарофати мавҷудияти забони тоҷикӣ, ки яке аз нишонаҳои асосии давлат аст, дар як гӯшаи кӯҳистони Бухорои Шарқӣ соли 1924 Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон дар ҳайати ҶШС Ӯзбекистон ва соли 1929 Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон таъсис ёфт.

Дар тӯли таърих аҷнабиёне, ки ба кишвари мо дастдарозӣ кардаанд, пеш аз ҳама, барои аз байн бурдани забони форсии тоҷикӣ чораю тадбир андешидаанд, вале на юнонӣ, на арабу турку муғул ин забони ширини модарии моро аз байн бурда натавонистанд. Дар солҳои мавҷудияти Ҳокимияти Шӯравӣ ҳам тадриҷан забони тоҷикӣ дар чор девори хона маҳдуд шуда монд, ҷойи онро забони русӣ танг кардан гирифт. Маҳз қабули Қонуни забон ба ин амали номатлуб хотима гузошт, вале раванди татбиқи Қонуни забон ба монеа ва душвориҳои сахт дучор мешуд.

Танҳо бо дамидани субҳи Истиқлол ва махсусан баъди ба сари қудрат омадани фарзанди барӯманди халқи тоҷик, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба даҳони даъвогароне, ки дар Тоҷикистон дузабонию сезабонӣ ҷорӣ карданӣ буданд, муҳри хомӯшӣ зада шуд. Бо мақсади такмили забони тоҷикӣ бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон аз 5 октябри соли 2009 таҳти №553 Қонун **"Дар бораи забони давлатӣ"** қабул гардид. Минбаъд ҳар сол 5 октябр ҳамчун Рӯзи забони давлатӣ дар ҷумҳурӣ бо тантана ҷашн гирифта мешавад. Асосгузори сулҳу ваҳдат, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Эмомалӣ Раҳмон дар тамоми суханрониҳояш зимнан ба масъалаи забон дахл намуда, ҳар як шаҳрванди Тоҷикистон ва ҳар як инсони бедордилро таъкид менамояд, ки забони давлатиро омӯзанд, барои рушду такомули он кӯшиш намоянд, зеро ҳанӯз ҳам носуфтагиҳои зиёди забонӣ ба чашм мерасанд, ҳанӯз ҳам баъзе зиёиёни мо ба забони тоҷикӣ андеша кардан ва сухан ронданро наомӯхтаанд, ҳанӯз ҳам забони аксари мардум камбағал буда, баъзеҳо аз омӯхтани забони модарӣ ор мекунанд.

Бачаҳои азиз! Илоҳо, забонатон бурро, фикратон расо ва умратон чун забони тоҷикӣ бобақо бошад!

БА ҲАВОДОРИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Қанд чӯйӣ, панд чӯйӣ, эй ҷаноб,
Ҳарчи меҷӯйӣ, биҷӯй.
Бекарон баҳрест гавҳар беҳисоб,
Ҳарчи меҷӯйӣ, биҷӯй.

Форсӣ гӯйӣ, дарӣ гӯйӣ варо,
Ҳарчи мегӯйӣ, бигӯй.
Лафзи шеъру дилбарӣ гӯйӣ варо,
Ҳарчи мегӯйӣ, бигӯй.

Баҳри ман танҳо забони модарист,
Ҳамчу шири модар аст.
Баҳри вай ташбеҳи дигар нест, нест,
Чунки меҳри модар аст.

З-ин сабаб чун шӯхиҳои дилбарам,
Дӯст медорам варо,
Чун навозишҳои гарми модарам,
Дӯст медорам варо.

Муъмин Қаноат

Лисон – забон.
Бақои миллат–дарозумрии миллат.
Эътибор–шаън, шараф, обрӯ.
Муошират–муносибат, робита, алоқа.

Дар масири–дар тӯли, дар давоми.
Тадриҷан–оҳиста-оҳиста.
Воломақом–болонишин, сардор, роҳбар.
Кунунӣ–ҳозира.
Такомул–такмил, рушду нумӯ, такомул.
Зиёӣ–рӯшанфикр.
Ба даҳон муҳри хамӯшӣ задан–даъвои касеро ботил сохтан.

Савол ва супориш:

1. *Кадом санади муҳим ба забони тоҷикӣ ҳуқуқи забони давлатиро додааст?*
2. *Забон ва миллат чӣ муносибат доранд?*
3. *Чаро забони тоҷикиро дар ҷумҳурӣ чун пайвандгари дӯстӣ ва бародарии тамоми тоҷикистониён меноманд?*
4. *Қонуни забон дар Тоҷикистон кай қабул гардид ва аҳамияти он дар чист?*
5. *Хизмати давлати Сомониён дар ташаккул ва такомули забони форсии тоҷикӣ (форсии дарӣ) дар чист?*
6. *Аз харитаи олам баҳри Миёназамин, кӯҳҳои Ҳиндукуш, давлатҳою кӯҳҳои Қафқоз ва халиҷи Форсро нишон диҳед.*
7. *Забони тоҷикӣ дар ташаккули Тоҷикистон чун Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистӣ ва давлати мустақил чӣ нақше дошт?*
8. *Чаро кӯшишҳои аҷнабиён барои аз байн бурдани забони мо барабас рафтанд?*
9. *Дар рушди забони тоҷикӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдат, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон чӣ саҳм доранд? Қонун «Дар бораи забони давлатӣ» аз кай қабул гардид?*
10. *Дар айни ҳол дар татбиқи Қонун «Дар бораи забони давлатӣ» ягон монеа ҳаст?*
11. *Шеъри «Ба ҳаводори забони тоҷикӣ»-и Муъмин Қаноатро шарҳу тавзеҳ диҳед ва онро аз ёд намоед.*

Дарси 28

ЧАНБОИ МИЛЛАТ ДАР БОБИ ЗАБОНИ МОДАРӢ

1. Забон барҷастатарин ва гӯётарин поя, шиноснома ва нишони бақои ҳар як халқу миллат аст.

2. Забони тоҷикӣ ҳоло бояд чавобгӯйи ниёзҳои замон бошад ва тамоми таҳаввулоти сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоию фарҳангии ҷомеаро дар худ инъикос намояд.

3 Боиси ифтихор ва сарфарозист, ки дар ҳама ҳолат миллати тоҷик сипари боэътимод, ганҷи гаронбаҳои ниёгон – забони модариро аз даст надодааст.

4. Поку беолоиш нигоҳ доштани забон ва асолату шевоии онро ҳифз кардан қарзи фарзандии ҳар яки мову шумост.

5. Дар асри бисту як–дар замони ҷаҳонишавии босуръати мушкилоти башарӣ низ, ки аз рӯйи пешгӯйиҳои олимон эҳтимоли маҳвшавии тақрибии дусад забони хурди олам вуҷуд дорад, забони тоҷикӣ бояд пойдевори таърихии худро ҳифз карда тавонад.

6. Дар замони шӯравӣ низ забони тоҷикӣ бо кӯшиши шахсиятҳои фидокори илмию адабӣ бузургию асолати худро нигоҳ дошт ва ба миллат хизмат кард.

7. Забони тоҷикӣ дар гирудорҳои шадид ва тохтутозҳои бераҳмонаи аҷнабиёни истилогар на танҳо ҳастӣ ва покии худро нигоҳ дошта тавонист, балки ғосибонро маҷбур кард, ки онро ҳамчун забони девону дафтар ва давлатдории хеш қабул намоянд.

8. Забони классикии форсии дарӣ, яъне тоҷикӣ, ки дар заминаи забонҳои авестоӣ ва паҳлавӣ ба вуҷуд омадааст, минбаъд бояд яке аз забонҳои тамаддуни ҷаҳонӣ гардад.

9. Забони тоҷикӣ бо фасоҳату балоғаташ асрҳо боз оламиёнро дар ҳайрат гузоштааст.

10. Мо агар қадру манзалати Ватан, миллат ва забони худро ба таври амиқ дарк насозем, зарурати густариши худшиносию худогоҳӣ, таҳкими Ваҳдати миллӣ ва ҳифзи Истиқлолияти Тоҷикистонро пайваста таъкид накунем,

амнияти миллӣ ва рушди иқтисодию фарҳангиро таъмин карда наметавонем.

11. Таърих гувоҳ аст, ки баъди гум кардани забони модарӣ миллат низ дер ё зуд тафаккур, ифтихор ва ҳатто давлату давлатдории миллии худро аз даст дода, забон ва унсурҳои фарҳанги бегонаро мепазирад.

12. Забон дар ҳақиқат асоси ҳастӣ ва бақои умри миллат аст.

13. Таърих гувоҳ аст, ки агар забони миллӣ аз байн равад, миллат ҳам дер ё зуд тафаккури миллии худро аз даст дода, оқибат завол меёбад.

14. Ифтихор аз Ватан, ифтихор аз таъриху фарҳанг, ифтихор аз ҳувияти миллӣ ва гузаштагони сарбаланди хеш маҳз аз поку бегазанд нигоҳ доштани забони модарӣ сар мешавад.

15. Ҳамчунин номи тоҷик ҳам таърихи ғанию рангин дорад ва дар набардҳо баҳри ҳифзи ҳастии худ бо забонҳои бегона ҳамеша пирӯз мондааст.

16. Забони тоҷикӣ на фақат гавҳари ҳастии миллати мо, балки нишонаи барҷастаи фарҳанги қадимӣ ва камолоти он аст.

17. Забони тоҷикӣ омили муҳимми якдигарфаҳмии одамон ва пайванддиҳандаи ришта̄ҳои дӯстӣ ва бародарии халқҳост.

18. Лафзи модарӣ муқаддас аст ва онро азизу гиромӣ бояд дошт.

19. Забон моли халқ, мероси миллат ва сармояи маънавии давлати соҳибистиқлол аст.

20. Мо бояд ифтихор аз он дошта бошем, ки соҳиби чунин забони ширину гӯшнавози қадимӣ ва пурғановат, забони илм ва шеъру адаби оламгир ҳастем. Бояд ба қадри он расем.

21. Забони модарӣ хишти нахустини пойдевори кохи миллат ва яке аз рукнҳои асосии давлатдории миллист.

22. Мо, пеш аз ҳама, барои рушди забони давлатӣ тадбирҳои лозимӣ андешида, танҳо дар ҳамин замина омӯзиши забонҳои хориҷӣ, хусусан забонҳои русӣ ва англисиро вусъат медиҳем.

ҲУҶҶАТИ БУНЁДИ МО

Миллати тоҷикро аслан забонаш зинда дошт,
Чунки ӯ ҳам ин забонро ҳамчу ҷонаш зинда дошт.

Ҷавшанаш буд ин забону меҳанаш буд ин забон,
Ин забонро чун тавоне дар равонаш зинда дошт.

Ин забон, ки чу шири модар покиза аст,
Порӯю покҷисму покҷонаш зинда дошт.

То забони мардуми аҳли биҳишташ хондаанд,
Халқ онро чун каломи Ҳақ ба ҷонаш зинда дошт.

Ҳарчи ӯ аз даст доду ҳарчи бирбурданд аз ӯ,
Дар забонаш, дар забонаш, дар забонаш зинда дошт.

Рӯдак бар ӯ шукӯҳи безаволӣ додааст,
Бӯалӣ чун офтоби осмонаш зинда дошт.

Хоҷа Ҳофиз ин забонро худ забони ишқ кард,
Ин забонро гармии ишқи ниҳонаш зинда дошт.

Ӯ раҳи иқболи моро дар шаби таърихи тор
Бо дурахши озарахши вожагонаш зинда дошт.

Кохи шаъну эътибори миллати фархундаро
Устувони ин забон чун устухонаш зинда дошт.

Ҳуҷҷати пирӯзии мо, ҳуҷҷати бунёди мост,
Ин забоне, ки ҷаҳонро дар ҷаҳонаш зинда дошт.

Камол Насрулло

Луғат:

Рӯдак – зодгоҳи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ.
Хоҷа Ҳофиз – классики адабиёти форсу тоҷик.
Маскан– сукунатгоҳ, ҷойи истиқомат, Ватан.
Ҷавшан – либоси тирногузар.
Меҳан – ватан.
Бӯалӣ – Абӯалӣ ибни Сино.
Фархунда – хушбахт.

Савол ва супориш:

1. Чаро забонро омили асосии рушду камоли миллат меноманд ?

2. Магар забондонӣ низ ифтихори ватандорӣ ҳисоб меёбад?

3. Чаро забон дар паноҳи давлат будааст?

4. Барои чӣ давлат дар паноҳи забон амал мекардааст?

5. Робитаи забон бо миллат ва давлатдории миллӣ дар чӣ зоҳир мегардад?

6. Чаро Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон омӯзиши забонҳои хориҷиро дар заминаи забони давлатӣ ба роҳ мондани аст?

7. Кадом фоҷиаҳои таърихӣ ба мавҷудияти забони тоҷикӣ таҳдид кардаанд? Оё ақнабиён ба мақсади худ расиданд?

8. Чаро Пешвои миллатамон забони тоҷикиро мероси волои ниёгонамон номидааст?

9. Тамоми гуфтаҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бораи забони модарӣ аз ёд намуда, дар мавзӯи «Забони тоҷикӣ» иншои мухтасар нависед.

10. Дар шеъри «Ҳуҷҷати бунёди мо»-и Камол Насрулло сухан дар бораи чӣ меравад? Ҳуҷҷати бунёдӣ чист? Шеъри номбурдаро аз ёд кунед.

Дарси 29

ДАСТУР БАРОИ СОҲИБЗАБОНОН

(Аз "Азизномаи Лутф")

Азизон, забони тоҷикӣ, ки худ ширину гуворост, муҳити тоза, оромию осудагиро мепарварад. Лаҳни форамро гӯши шунавою тоза, муҳити гуворо мебояд, ҳам гӯянда ва ҳам шунавандаи ин забон бояд одамони поку покиза, орӣ аз ҳар гуна олудагиҳо бошанд.

Азизон, забонро нигоҳ доред, ки ба қавле, посбони сар аст.

Азизон, сухандон бошед, вале дониста, бомаврид, кӯтоҳ ва боандеша сухан гӯед.

Азизон, аз он рӯзе, ки Парвардигор ба инсон забони гӯё ато намуд, одамон ба васфу таҳқиру таҳдид ва таъкиди якдигар пардохтанд. Яке дигареро болои зин бароварду гоҳе зери зин фуровард. Забон неруест, ки одамро ҳам ба хоки сиёҳ яксон мекунаду ҳам зинда. Забон қудрате дорад, ки одамро аз марг наҷот диҳад.

Азизон, ду чиз аст, ки агар эҳтиёт накунем, балои азим ё душмани ҷон мегардад: яке нафси шум, дигаре забони сурх.

Азизон, ба қавли Саъдии бузургвор, якро сад магӯед, садро як гӯед.

Азизон, иддае ҳазор сухан гӯянд ҳам, кам аст, дигаре як сухан гӯяд, зиёд аст.

Модарони азиз, забони шумо мисли шири сафедатон пок ва беолоиш аст. Намеарзад, ки ин гуна забонро бо дашном ва алфози қабеҳ биолоед.

Азизон, забони шумо ширину гуворост, агар аз ғайбату буҳтону дашному носазо дур бошед.

Азизон, забони худро, ки беҳтарин ганҷинаи инсонист, бо шакар омезед, на бо заҳр.

Азизон, дар робита бо ҳифз, омӯхтан ва донистани забони модариамон таъкид карданиам:

–аввал ҳамаамон забони модариамонро ва пеш аз ҳама, забони адабиро, ки забони коргузорӣ, илму адаб, мактабу маориф, табъу нашр аст, омӯзем ва донем;

–дар муқоиса бо забони модариамон аз омӯхтани забонҳои дигар, махсусан забонҳои русӣ, англисӣ, олмонӣ, арабӣ сар напечем, зеро дар урфият барҳақ гуфтаанд, ки забон донӣ, ҷаҳон донӣ;

–забони модарии худро байни забонҳои дигар ҳақиру нотавон муаррифӣ накунем, балки заковат, равонӣ ва имкониятҳои васеи онро дар муомилаю муносибат, илму фарҳанг, ифодаи фикр собит намоем;

–аз забони ноб ва равони тоҷикӣ ифтихор намоем, шарафи онро, ки на камтар аз шарафи миллат аст, ҳифз бикунем, парчами забонамонро баланд бардорем, ки пайваста бо шири модар омада. *(М. Лутфуллоев)*

ЗАБОНГУМКАРДА

Ҳар кӣ дорад дар ҷаҳон гумкардае,
Дар замину дар замон гумкардае.
Ин нишон гумкардаеву дигаре,
Хештанро бенишон гум кардааст.

Ин яке бахти ҷавон гум кардааст,
Дигаре ганҷи равон гум кардааст.
Ин яке гар ними нон гум кардааст,
Дигаре ними ҷаҳон гум кардааст.

Ин яке ҷону ҷигар гум кардааст,
Он яке шӯру шарар гум кардааст.
Ин яке гум карда гар моли падар,
Дигаре панди падар гум кардааст.

Гар яке бому даре гум кардааст,
Дигаре ному фаре гум кардааст.
Он забони ҳамдилӣ гум кардааст,
Ин забони модарӣ гум кардааст.

Аз тамоми ину он гумкардагон,
Зиштрӯтар нест дар рӯйи ҷаҳон,
З-он ки гум карда забони модарӣ,
Ҳарф гӯяд бо ту бо чандин забон.

Бок не, гар доварӣ гум кардааст,
Ё умеди сарварӣ гум кардааст.
Заҳр бодо шири модар бар касе,
К-ӯ забони модарӣ гум кардааст.

Он яке қадри сухан гум кардааст,
Дигаре боғу чаман гум кардааст,
Аз забони модарӣ гумкарда лек,
Мерасад рӯзе ватангумкардае...

Лоиқ Шералӣ

Луғат:

Лаҳн–забон, садо.
Азим–калон, бузург.
Махлут–омехта.
Орӣ–холӣ.
Алфоз–ҷамъи лафз, суханон.

Савол ва супориш:

1. *Муаллиф кадом талаботро ба гӯяндаву шунавандаи забони тоҷикӣ пеш гузоштааст ?*
2. *Андарзи дуюм моро ба чӣ водор мекунад?*
3. *Чаро забонро посбони сар гуфтаанд?*
4. *Кадом талабот ба сухангӯй пешниҳод шудааст?*
5. *Қудрати забон дар чӣ зоҳир мегардад?*
6. *Магар аз сухани гӯянда мо ақлу дониш ва фаросати ӯро фаҳмида метавонем?*
7. *Ғайбату буҳтон –душмани забон. Чаро ин тавр?*
8. *Забонҳои тоҷикӣ, форсӣ, дарӣ дар кадом давлатҳо забони давлатианд?*
9. *Талаботеро, ки оид ба ҳифз, омӯхтан ва донистани забони модарӣ устод М. Лутфуллоев пешниҳод кардааст, шарҳ диҳед.*
10. *Шеъри "Забонгумкарда"-и Лоиқ Шералиро маънидод ва аз ёд кунед.*

ФАСЛИ 9. НАВРӮЗ – ҶАШНИ ҶАҲОНӢ

Дарси 30

НАВРӮЗ ВА ПАЙДОИШИ ОН

Бачаҳои азиз, шумо бояд таърихи Наврӯзро, ки ҳамчун ҷашни миллии мо ҳар сол қайд мешавад, хуб донед. Огаҳӣ дошта бошед, ки баргузории ин ҷашн кадом рӯз аст, чаро онро Наврӯз меноманд.

Ҷашни Наврӯз яке аз суннату анъанаҳои писандида ва неки тоҷикон аст, ки пайдоиш, густариш ва мақому манзалаташ дар фарҳанги ниёгон таърихи панҷҳазорсола дорад.

Тавре ки маълум аст, дар тӯли ҳазорсолаҳо мардумони ориёӣ ҳамеша кӯшиш ба харҷ додаанд, ки Наврӯзро тибқи анъанаҳои ниёгон ба маросимҳои хосаш истиқбол намоянд. Пеш аз таҷлили он миёнаҳои моҳи ҳут «Аловпарак», «Чоршанбеи охирин», «Ҷашни ҳут», «Оташафрӯз», «Чоршанбеи сурӣ» барин маросимҳоро баргузор намуда, аз ҳар гуна ранҷурию нохушӣ ва бебарориҳо худро пок сохта, Наврӯзро ба шодмонӣ, нишоту тараб, дастархони пурнозу неъмат ва дегҳои лаболаб аз таом истиқбол менамуданд. Ақидае роиҷ буд, ки ҳар хонадон, ҳар касе рӯзи аввалини сол Наврӯзро ба

шодмонию фаровонии ғизо ва сарҷамъ ба аҳли хонавода истиқбол намояд, тамоми сол рӯзгораш осуда, хонааш обод монда, нохушию дасткӯтоҳӣ ба хонадонаш роҳ намеёфтааст, тамоми сол хайру баракат ва фаровонӣ манзили ӯро тарк намегуфтааст. Инчунин, мардум кӯшиш мекарданд, ки дар Наврӯз босаховат бошанд, дилозору бешафқат набошанд, чунки тибқи ақидаи ниёгон Наврӯз рамзи некӣ, покӣ, эҳёи олами хуфта, фано ёфтани зимистони сарду бераҳм будааст. Яъне Наврӯз маънии пирӯзии ҳаёт бар маргро дорад. Беҳуда нест, ки ниёгони мо дар таърихи тӯлонии фарҳанги худ Наврӯзро чун мардумаки чашмонашон эҳтиёт намуда, маҳфуз дошта, то ба рӯзгори мо расонидаанд.

Эй ғунчаи хандида, Наврӯз муборак бод!
Эй чашмаи ҷӯшида, Наврӯз муборак бод!

Эй камдили тарсида, аз ишқ фурӯ бигзор,
Эй ошиқи шӯрида, Наврӯз муборак бод!

Эй шохаи хушкида, имсол ту нашкуфтӣ,
Эй пунбаи болида, Наврӯз муборак бод!

Эй ёри аламдида, имсол куҷо рафтӣ?
Эй ёри писандида, Наврӯз муборак бод!

Эй ҳусни барозида, Наврӯз муборак бод!
Эй ҷону дилу дида, Наврӯз муборак бод!

Бачаҳои азиз! Инак, ба куҳандиёри мо фасли баҳори гулбасар омад. Дашту даман, талу теппаҳо ҷомаи сабзи махмалин ба бар карда, гулпӯш гаштаанд. Наврӯзи нозанин дасти мову шуморо гирифта, ба домани дашти сарсабзу зебо ва озоду беканори табиат мебарад, ки гарму равшан аз офтоб, зебо аз ҳунармандии боду борон аст.

“Наврӯз барои миллати тоҷик китоби сарнавишт буда, ниёгони мо ҳатто дар давраҳои мушкилтарини таърихӣ ин ҷашни муқаддас ва хуҷастаи худро ҳимоят мекарданд ва бо Наврӯз дубора зинда мешуданд,–таъкид шудааст дар суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ

Раҳмон ба муносибати иди Наврӯз.–Наврӯз ҳамчун ҷавҳари тобнок ва нишонаи ҷовидонаи тамаддуни халқи тоҷик ҳамеша нигаҳдорандаи мардум, забон, расму оин, фарҳангу таърих ва ниҳоят Ватан будааст".

Маҳз ҳамин вижагиҳои Наврӯз муҷиби он гардид, ки бо дастури Созмони Милали Муттаҳид дар нишасти 64-уми он аз 18 феврали соли 2010 бо дарназардошти пешниҳоди Тоҷикистон, Эрон, Афғонистон, Туркия, Қирғизистон, Туркманистон, Озарбойҷон ҷашни Наврӯз ҳамчун иди байналмилалии ҷаҳонӣ пазируфта шуд:

Гулафшон гашт аз нав зиндагонӣ,
Бишуд Наврӯзи фаррухпай ҷаҳонӣ.

Донишмандон шинохти Наврӯзро аз се ҷанба ё дидгоҳ пайгирӣ намудаанд:

Аввал, ҷанбаи асотирӣ, ки тибқи он Наврӯз таърихи беш аз шашҳазорсола дорад. Мувофиқи ривояте дар китоби «Занд-Авесто», Аҳурамаздо – ҳомии неруи некӣ баъди се ҳазор соли подшоҳӣ аз тарафи ҳомии бадӣ – Аҳриман мавриди зулму ситам қарор мегирад. Барои мағлубияти ӯ Аҳурамаздо рӯшноиро офарида, ба ҷонибаш равона месозад ва рӯзи пирӯзӣ бар неруи бадиро Наврӯз меномад. Ҳамчунин, тибқи ривояти дигаре Шайтон файзу баракатро аз мардум мерабояд ва рӯзи бозгардонидани онро мардум Наврӯз номидаанд.

Дувум, ҷанбаи нуҷумӣ, ки ба воқеият наздик аст. Мувофиқи он офтоб баъди паймудани дувоздаҳ бурҷ ба хатти экватор баробар мешавад. Баъди ин шабу рӯз мусовӣ мешавад, ки онро офтобтарозу мегӯянд. Аз рӯйи ҳисоби деҳқонӣ офтоб ба бурҷи ҳамал рост меояд, тибқи ҳисоби мусулмонӣ Наврӯз ба оғози фарвардинмоҳ ва тибқи солшумории милодӣ вуруди Наврӯз ба 21 – 22 март мувофиқ меояд. Дар робита ба ҷанбаи нуҷумии Наврӯз ҳақ бар ҷониби донишманд ва шоири бузургамон Умари Хайём–муаллифи «Наврӯзнома» аст, ки чунин таъкид намудааст: **«Ҷамшед чун бидонист, ки Офтобро ду давр аст ва ин ду давр, ки ба охир расид, сол поён ёфта, фасли баҳор оғоз меёбад»**.

Севум, ҷанбаи моддии Наврӯз, ки аз ҳама муҳим ва асос ҳамин аст, зеро ба қавли олими эронӣ доктор Алии Шариатӣ: «Наврӯз достони зебоест, ки дар он табиат, инсон ва ҷомеа – ҳар се дастандаркоранд». Маҳз бо зуҳури Наврӯз хоки сияҳ аз нав гарм шудан мегирад ва як навъ гӯё ҷон мегирад, табиат зинда мешавад, аввалин гулҳои пайки наврӯзӣ – сияҳгӯш мерӯянд, ҷонварон тадриҷан аз хоби зимистона бедор мешаванд.

Ривояте ҳаст, ки гӯё Искандари Мақдунӣ ҳангоми истилои Бохтару Суғд таҷлили ин ҷашни пуршукӯҳро дида, дар ҳайрат мондааст ва фармудааст, ки Наврӯзро дар саросари қаламраваш ҷашн бигиранд. Баъд аз ин тантанаи иди мазкур дар тамоми Осиё паҳн гардид.

Дар даврони шӯравӣ бо сабабҳои гуногун Наврӯз ҷашн гирифта намешуд. Танҳо соли 1978 бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷашнгирии Наврӯз чун анъанаи ниёгон ба расмият даромад ва бо шарофати Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон акнун Наврӯз бо шукӯҳу шаҳомати бузург таҷлил карда мешавад.

Шумо бояд инро ҳам донед, ки баробари омад-омади Наврӯз одамон омодагӣ мегиранд ва аз пайи оростани дастархони наврӯзӣ мешаванд. Чунонки дар замонҳои қадим тоҷикон хони наврӯзиро аз рӯйи анъана бо ҳафт чиз таҳия менамуданд, ки ҳарфи аввалини онҳо бо овози «ш» шурӯъ мешуд: шамъ, ширинӣ, шароб, шарбат, шакар, шоя, (бо гулобу оина). Дар асрҳои минбаъда «ҳафтшин» ба «ҳафтсин» мубаддал гардид. Яъне мардум хони наврӯзиро бо себ, сабза (ки ин ҷо навъҳои сабзаҷот ва сабзаи суманак низ бояд бошад), сир, сумоқ, санҷид, сипанд, санбӯса оро медоданд. Хушбахтона, бо чунин тарз оро додани дастархони солинавии ниёгонамон то ба имрӯз боқӣ мондааст.

Акнун якҷоя андеша намоем, ки шумо ба ҷашни Наврӯзи имсола чӣ гуна омодагӣ мебинед. Беҳтараш, биёед, нақшаи таҷлили Наврӯзи имсоларо якҷоя тарҳрезӣ намоем. Пеш аз ҳама, аз ороиши синфхона шурӯъ намоед. Бо ҳарфҳои зебову хоно бо матнҳои «Наврӯз муборак!», «Наврӯзи оламафрӯз омад», «Ҳар рӯзатон Наврӯз бод,

Наврӯзатон пирӯз бод!» шиору овеза тайёр намоед. Пораҳои шеърҳои наврӯзии шоирони классик ва муосири тоҷикро бо ҳуруфи ҳозира ва арабиасоси тоҷикӣ дар коғазҳои калонҳаҷм хушнависӣ намуда, овезед. Дар синф ба муносибати фарорасии Наврӯз рӯзномаи деворӣ таҳия намоед. Озмунҳои ҳунарии гулдӯзӣ, хӯрокпазӣ, сураткашӣ доир намоед ва дар онҳо фаъолона ширкат варзед. Дар гирду атрофи мактаб дар арафа ва рӯзҳои наврӯзӣ маъракаи сарсабзгардонии муҳити зист, яъне ниҳолу гулшиниро аз ёд набароред. Субҳи Наврӯз тибқи суннатҳои ниёгон табрик намудани падару модарон, устодон ва ҳамдарсонро бо суханони ширин, лаҳни гуворо ва дастагулҳои тару тоза фаромӯш накунед. Дар сурати ичрои ин маслиҳату тавсияҳо ҷашни Наврӯзи оламафрӯз барои шумо хубу хотирмон хоҳад гузашт.

АЁ ҚИШЛОҚАКИ МАҲТОБИИ МАН...

Аз сабзии сабза сабз дар сабз баҳор,
Аз долу дарахт фасли сарсабз баҳор,
Ту суръати набзи худ ба ангушт бигир,
Сар мешавад аз ҳаракати набз баҳор.

Дигар аз шиддати сармо макун бим,
Ки рӯзу шаб баробар гашт тақсим.
Ба санге пешпоӣ мехӯрӣ, хӯр,
Ба гулҳо мекунӣ ин лаҳза таъзим.

Ҳисоби сол сар шуд аз сари хат,
Хутути сабзаю себарга сархат.
Лаби дарё пур аз кафку ҳубоб аст
Ба рӯзи ҷомашӯйии табиат.

Туро то дар бағал гирам ба як бор,
Туро дар бар кашам девор-девор,
Аё қишлоқаки маҳтобии ман,
Ба ман дасти дарахтони ту даркор.

Хазону машриқи фасли зимистон,
Баҳору машриқи фасли хиёбон.

Тулӯи офтоби синаро бин,
Пагоҳӣ аз уфуққои гиребон.

Замину осмон, обу ҳаво тар,
Нафасҳо тар, назарҳо тар, адо тар.
Чароғак мезанад чашме зи ҳар сӯ,
Ба ҳар кӯе садои кафши по тар.

Бозор Собир

Луғат:

Сумоқ – меваи зиркмонанд, ки ба таом меандозанд.
Лаҳн – овоз.
Хутут– ҷамъи хат, хатҳо.
Кӯй – кӯча, гузар, маҳалла.

Савол ва супориш:

1. Мардуми мо Наврӯзро кай ҷашн мегиранд?
2. Чаро ин ҷашнро Наврӯз номиданд?
3. Кадом ривоятҳоро доир ба пайдоиши ҷашни Наврӯз медонед?
4. Роҷеъ ба ҳафтмеваи наврӯзӣ чӣ медонед?
5. Дар Тоҷикистон Наврӯзро ҷашн гирифтан аз кай ба расмият даромад? Наврӯз кай мақоми ҷаҳонӣ гирифт?
6. Шумо ба ҷашни Наврӯз чӣ гуна омодагӣ мегиред?
7. Оё мушоҳида кардаед, ки дар баҳор шиддати набз тағйир меёбад?
8. Дар кадом банди шеъри Бозор Собир сухан аз баробарии рӯзу шаб ва аз нав оғоз ёфтани ҳисоби сол меравад?
9. Дар васфи Наврӯз шеърҳо аз ёд кунед.

Дарси 31

РУСУМИ НАВРӮЗӢ

САБЗОНИДАНИ ҒАЛЛАДОНА

Ҳанӯз дар аҳди Сосониён мардум бисту панҷ рӯз пеш аз Наврӯз гандум, ҷав, нахӯд барин навъҳои ғалладонаро сабзонида, аз рӯйи сабзиши онҳо оғози корҳои деҳқонӣ ва авзои солро пешгӯйӣ мекарданд. Агар майсаи сабзида рост

нашъунамо мекард, сол серӣ меомад, вале агар сабза ба ҳар тараф паҳн мешуд, ба мардум ҳушдор медод, ки сол қаҳтӣ мешавад.

ГУЛГАРДОНӢ

Гулгардонӣ маросими бачагона мебошад. Бачаҳо охири зимистон ба кӯҳҳо баромада, аз таги кӯрпаи барф гулҳои сияҳгӯшро чида меоварданд ва аз омадани баҳор мужда мерасониданд. Хона ба хона гашта, суруд мехонданд:

Баҳор омад, баҳор омад,
Гули ҳафтранг қатор омад.
Ба деҳқон вақти кор омад,
Баҳори нав муборак бод!

Баҳор омад ба нимрӯзӣ,
Бичин гулҳои наврӯзӣ.
Бимон тоқии гулдӯзӣ,
Баҳори нав муборак бод!

Гули сияҳгӯш ҳафтранг аст,
Миёни хоку ҳам санг аст.
Ҳамеша дар сараш ҷанг аст,
Баҳори нав муборак бод!

Мардум гули сияҳгӯшро аз дасти бачаҳо гирифта, ба дидаҳояшон молида, ба Худо шукр мегуфтанд, ки ба баҳори нав сиҳату саломат расиданд ва ба онҳо ҳар гуна туҳфа ва қанду ширинӣ медоданд.

ЧОРШАНБЕИ ОХИРИН

Дар Ҳисор, Рашт, Кӯлоб мардум бегоҳи чоршанбеи охири сол дар майдончаҳо, чорраҳаҳо гулхан даргиронида, аз болои он себорӣ меҷаҳиданд ва ин суханонро такрор мекарданд: «Ранҷурию зардии ман аз ту, сурхию хуррамии ту аз ман». Ҳамчунин, барои хушбахтии оянда кӯзаҳои холӣ ва зарфҳои сафолиро ба оташ партофта мешикастанд.

Ин маросимро дар Рашту Мастчоҳ «Чоршанбеи охирин» ва дар байни тоҷикони Хуҷанду вилояти Андиҷони Ҷумҳурии Ӯзбекистон «Сафаркочдӣ» мегуфтанд.

ИДӢ

Аслан муждарасони соли нав бачагонанд. Агар гулгардонӣ пайки наврӯзӣ бошад, навиштани идӣ аз фарорасии Соли нав хабар медиҳад. Дар мактабҳои куҳна мактабдорон чанд рӯз пеш аз Наврӯз ба шарафи вуруди соли нав «Идӣ» ё «Ҳафтсалом» навишта, паҳн мекарданд ва ба ивазаш аз падару модарон идона мехостанд. Идиҳо дар коғазҳои гуногун ва ҳатто дар рӯйи тахтача навишта мешуданд. Бештарини идиҳо аз ду ё чаҳор мисраъ иборат буда, онро ашхоси босавод иншо мекарданд ва рӯзи Наврӯз бачаҳо ба падар, модар ва хешу табор гӯшзад карда, ба ивазаш идона (сарулибос, туҳфа, хӯрок ва ғайра) мегирифтанд ва идиҳоро то соли оянда ба девори хонаашон часпонида мемонданд:

Рӯзи Наврӯз асту ҳар кас идие дорад ҳавас,
Иди мову идии мо дидани рӯйи ту бас.

Бачаҳо пагоҳии иди Наврӯз барвақт аз хоб хеста, либосҳои наву тоза ба бар карда, аз калонсолон идона мехостанд:

Наврӯз шуду дилшодам,
Аз банди ғам озодам.
Сад танга бидеҳ, бобо,
Идонаи устодам.

БОРОНИ ҲАМАЛ

Ба истиқболи Наврӯз мардум хонаҳоро рӯбучину сафед мекарданд, бонувон худро оро медоданд, бачаҳову мардон либосҳои нав мепӯшиданд. Одамон зарфҳоро аз оби борон пур карда менӯшиданд, бо оби борон оббозӣ мекарданд, духтаракон дар таги борон сари луч суруд мехонданд:

Борони ҳамал, *ё ки:* Борон биё ба ёвон,
Ба мӯям амал. Алаф шавад ба говон.
Мӯям дароз кун, Говони мо шир диҳанд,
Дарози соз кун. Шира ба кампир диҳанд.

СУМАНАК

Суманакро дар ҷануби Тоҷикистон ва Афғонистон бо ҳамин ном, дар шимоли Тоҷикистон «сумалак» ва дар Эрон «саману» мегӯянд. Маросими занона буда, пухтани суманак ба уҳдаи зани зебо, покиза, ростгӯю ростқавл, серфарзанд ва бобаракат гузошта мешавад. Он барои ороиши дастархони наврӯзӣ пухта мешавад.

Суманакпазӣ аз бегоҳ оғоз ёфта, то субҳ давом мекунад. Тамоми шаб занону духтарон дойра задаву суруд мехонанд ва нақароти зеринро замзама мекунанд:

Суманак дар ҷӯш мо кафча занем,
Дигарон дар хоб мо дафча занем.

Дар Эрону Афғонистон низ маросими суманакпазӣ роиҷ аст.

ҶУФТБАРОРОН

Ҷуфтбароронмаросими қадимӣ мебошад. Вақти шудгори заминро Бобои Деҳқон муайян мекард. Рӯзи «Ҷуфтбароронмардум хӯрокҳои бомаза мепухтанд. Пири кор фотеҳа медод: «Кушоиши кор, баракату барор, Бобои Деҳқон мададгор, якатон шавад ҳазор!» Барзгарон пеш аз оғози ҷуфт ба шохи барзаговҳо равғани зағир мемолиданд, онҳоро бо ҳазориспанд дуд медоданд ва ба барзаговҳо яктоӣ нон мехӯрониданд.

БАХТКУШОЁН

Тоҷикони баъзе маҳалҳои Тоҷикистон ва Ӯзбекистон маросиме доранд бо номи «Бахткушоён». Дар баландии сабзу зебо идгоҳ таъйин намуда, бонувон ва ҷавонони

муҷаррад ба он ҷо даъват карда мешаванд. Духтарон либосҳои наву тоза ба бар карда, худро оро дода, ба идгоҳ мебароянд, бо ҷавонони бахтҷӯ вомехӯранд ва бахташонро меёбанд.

ОШИ БОРОН

Дар охири баҳор вақте ки хушксолӣ меомад ва ғалладона хушк шудан мегирифт, занон дар лаби дарё ҷамъ шуда, хӯрок мепухтанд, ки ҳалила ном дошт. Занеро то гиря карданаш ба об тар мекарданд, то ин ки раҳми Худованд биёяду борон фиристад ва чунин тарона мехонданд:

Ашагулони ростина,
Оста биҷунбон остина.
Ғаллаи савзум қоқ шидаст,
Як бор бирезон боруна.

Ин маросимро дар ҷануби Тоҷикистон «Ашагулон» ва дар шимоли Тоҷикистон «Сусхотун» меномиданд.

Савол ва супориш:

1. Мардум аз кай дар арафаи Наврӯз ғалладона месабзониданд?
2. Бо сабзонидани ғалладона чиро пешгӯӣ мекарданд?
3. Чоршанбеи охирон чист?
4. Доир ба маросими «Бахткушоён» чӣ медонед?
5. Мақсади «Идӣ» («Ҳафтсалом») аз чӣ иборат аст?
6. Дар бораи борони баҳорӣ шеъре гӯед.
7. Ҷуфтбаронро чӣ гуна маросим аст?
8. Доир ба маросими суманакпазӣ дар Тоҷикистон, Афғонистон ва Эрон нақл кунед.
9. Дар хусуси маросиме нақл кунед, ки он ҳангоми хушксолӣ иҷро карда мешавад.
10. Гулгардонӣ чӣ гуна маросим аст? Оё шумо дар арафаи Наврӯз барои гулчинӣ ба кӯҳ мебароед?

Дарси 32

ИДҲОИ РАМАЗОН ВА ҚУРБОН

Мардуми тоҷик беш аз ҳазор сол мусулмон ва пайрави дини мубини исломанд. Аз ин рӯ, дар Тоҷикистон дар қатори ҷашнҳои миллӣ идҳои динӣ низ ботантана таҷлил карда мешаванд. Рамазон ва Қурбон аз ҷумлаи идҳои динии мардуми кишварамон мебошанд.

Рамазон аз калимаи «рамз» пайдо шуда, маъноаш гарм, гармии тоқатфарсо аст. Моҳи нуҳуми солшумории ҳиҷрии қамарӣ аст, ки онро моҳи рӯза ё ки моҳи сиём низ гӯянд.

Рамазон аз сӣ рӯз иборат буда, дар ин моҳ мусулмонон рӯза мегиранд. Дар интиҳои Рамазон се рӯз иди Фитр давом мекунад. Рамазон аз рӯйи солшумории милодӣ ҳар сол 10 рӯз пеш меояд. Соли 2016-уми милодӣ оғози Рамазон ба 6-уми июн ва иди шарифи Фитр 6-уми июл рост омад.

Қурбон аз калимаи арабии «қурб» гирифта шуда, маънои наздикӣ ва қаробатро дорад. Маросимест дар дини мубини ислом, ки аз садақа дар роҳи Худо иборат буда, рӯзи 10-уми моҳи 12 (моҳи зулҳиҷҷаи солшумории ҳиҷрӣ) баъди 70 рӯзи Рамазон қайд карда мешавад. Қурбонӣ дар даврaҳои аввали пайдоиши ислом асосан барои ҳоҷиёне фарз буд, ки ба тавофи Каъба меомаданд. Ҳоло мусулмононе, ки ба тавофи Каъба мераванд, рӯзи 10-уми ҳаҷ гӯсфанд ё шутур қурбонӣ мекунанд. Таърихан маросими қурбонӣ дар динҳои тоисломии арабҳо ва яҳудиён вуҷуд дошт. Мувофиқи ривоятҳои Тавроту Инҷил ва Қуръон, Иброҳими пайғамбар барои нишон додани садоқату вафодории худ ба Худованди Бузург писараш Исмоилро қурбонӣ кардanӣ шудааст, вале Парвардигор гӯсфанде фиристода, ӯро аз ин кор боздоштааст. Маросими ҳаҷ ва қурбонӣ дар шариати ислом ба расмият даромада, яке аз рукнҳои асосии дини мубини ислом ба шумор меравад ва барои касоне, ки қудрату тавоноӣ доранд, фарз гардидааст.

Иди Қурбонро мардуми арабизабон иди шарифи Азҳо мегӯянд, ки маънои руҷӯъ ба бозгашт, ба сӯйи адолату ҳақталошӣ, ба сӯйи инсофу диёнат, иттиҳоду ҳамбастагӣ ва муҳаббату бародарӣ мебошад.

Бачаҳо дар рӯзи иди Қурбон низ бо шодию нишот идгардак мекунанд, аз устодони худ ёд мекунанд, ба онҳо ҳадяҳо мефиристанд, зеро онҳо дари илму маърифатро ба рӯяшон боз кардаанд.

Иди Қурбон омаду қурбон кунем,
Ҷон фидои ҳазрати Раҳмон кунем,
Ҳоҷиён андар тавофи Каъбаанд,
Мо ба устодони худ эҳсон кунем.

Дар рӯзҳои идҳои Қурбон ва Рамазон мардуми мусулмон мувофиқи русуми аҷдодии худ дастархони меҳру муҳаббат кушода, ёди марҳумон мекунанд. Оромгоҳи гузаштагонро зиёрат карда, бо дуои хайр рӯҳу равони онҳоро шод мегардонанд.

Азбаски дини мубини ислом оини инсоф, адолат, сабр ва хайру эҳсон аст, дар рӯзҳои ид дили озурдаеро шод гардонидан, ба ниёзманде дасти ёрӣ дароз кардан ва сари ятимеро сила намудан, барои ҳар як фарди мусулмон ҳатмист.

Дар рӯзҳои ид роҳбарони корхонаю муассисаҳо, тоҷирону соҳибкорон, ходимони дин ва умуман, мардуми саховатпешаи мусулмон ба ятимону барҷомондагон, маъюбону бепарасторон, тарбиятгирандагони сағирхонаҳо кумаку мадад мерасонанд.

Имрӯз шукрона бояд кард, ки бо шарофати Истиқлолияти давлатӣ ва сиёсати хирадмандонаи роҳбарияти давлати Тоҷикистон иду маросимҳои миллию динии худро озодона, дар фазои осоишта ва якдигарфаҳмии комил ҷашн мегирем. Аз ин рӯ, қарзи инсонии ҳар яки мову шумо, пеш аз ҳама, расидан ба қадри оромии кишвар, обу хоки Ватан ва эҳтироми муқаддасоти давлати Тоҷикистон аст.

Луғат:

Ҳоҷӣ–шахсе, ки зиёрати хонаи Каъба кардааст.
Каъба–хонаи Худо, қиблаи мусулмонон воқеъ дар давлати Арабистони Саудӣ.
Таврот–китоби муқаддаси яҳудиён.
Инҷил – китоби муқаддаси насрониён.
Қуръон–китоби муқаддаси мусулмонон.
Иброҳим–пайғамбари Худо.
Исмоил–писари ҳазрати Иброҳим.
Эҳсон – хайр, саховат.
Тавоф – зиёрат.
Раҳмон–бахшоянда, раҳмкунанда, як сифати Парвардигор.

Савол ва супориш:

1. Рамазон чӣ маънӣ дорад? Моҳияти он аз чӣ иборат аст?
2. Иди Фитр иди Рамазон аст ё Қурбон?
3. Қурбонӣ аз кадом калима пайдо шудааст ва чӣ маъно дорад? Он кай иҷро карда мешавад?
4. Қурбонӣ дар аввал барои киҳо фарз буд? Ҳоло чӣ?
5. Қурбонӣ кардан оё дар динҳои тоисломӣ вуҷуд дошт?
6. Арабҳо кадом ҷашнро иди Азҳо меноманд?
7. Ту дар рӯзҳои идҳои динӣ ба чӣ кор машғул мешавӣ? Падару модарат чӣ?

ФАСЛИ 10. СУЛҲУ ВАҲДАТ – ГАРАВИ ХУШБАХТӢ ВА РУШДИ МИЛЛАТ

Дарси 33

СУЛҲИ ДЕРИНТИЗОРИ МО ОМАД

Раҳми Парвардигори мо омад,
Нури Ҳақ бар диёри мо омад.
Ҷанги шармандавори мо бигзашт,
Сулҳи деринтизори мо омад.

Лоиқ Шералӣ

Сулҳу оштӣ дар табиату хислат, дар хуну фаросат ва дар имону дину мазҳаби мардуми тоҷик ҳамчун арзиши гаронбаҳо ва муқаддас нуҳуфтааст. Дини мубини ислом пайваста ҷангҳои бемаънӣ ва харобиоварро маҳкум, сулҳу оштиро талқин менамояд. Сулҳ дар дину мазҳаби тоҷикон воситаи муҳимми расидан ба саодату хушбахтӣ аст.

Тоҷик умре домони сулҳу оштиро маҳкам дошта, аз замину ҳунараш зиндагии сарбаландонаи худ ва фарзандонашро таъмин кардааст ва маҳз аз фарҳангу ҳикматаш сарвату дороии маънавиаш боло рафтааст. Вақте ки як халқро замини ҳосилхез, обҳои мусаффои фаровон, сарватҳои моддию маънавии бепоён насиб гардидааст, ба лашкаркашию ғорат намудани кишварҳои дигар ҳоҷат нест.

Таърих гувоҳ аст, ки тоҷикон умре бо замин, бо боғу роғ, ҳунару ҳунармандӣ, фарҳангу маърифат сарукор доранд. Вай на ба шамшеру тиру туфанги худ, балки адабиёту ҳикматаш дар Шарқу Ғарб ном баровардааст, ки инро оламиён эътироф кардаанд. Баръакс, аҷнабиён мудом ба ин сарзамин чашм ало кардаанд, куштаанду бурдаанд, аз калла манораҳо сохтаанд ва аз хуни ин мардум дашту даманҳо лолагун гаштааст. Дар ин мавридҳо тоҷикон ба дифои хоки муқаддаси худ бархостаанд, вале ҳамеша кӯшиш кардаанд ва тадбир ҷустаанд, ки кор ба ҷанг наанҷомад.

Сулҳҳоҳию оштипазирӣ омехта бо шири модару хуни поки миллати тоҷик ҳастии ҳар як фарди моро фаро

мегирад ва то охири умр ҳамроҳӣ мекунад. Тоҷик дар ҳассостарин лаҳзаҳои ҳаёт аввалин сухане, ки мегӯяд, сулҳу вахдат аст.

Ҷомеаи Тоҷикистон, ки имрӯз роҳи сулҳро интихоб кардааст ва манфиати миллӣ аз манфиатҳои шахсию гурӯҳӣ боло гирифтааст, боварии комил ҳосил намудан лозим аст, ки ба ҷомеаи фарҳангӣ ва давлати он ба давлати ҳуқуқбунёд табдил меёбад. Баъд аз соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сиёсати байналмилалии он давраи нав оғоз ёфт. Тоҷикистони соҳибистиқлол чун узви комилҳуқуқи Созмони Милали Муттаҳид ҷангҳои маҳаллиро маҳкум намуда, баҳри пойдории сулҳ дар тамоми ҷаҳон баромад намуд ва чун узви Созмони Ҳамкории Шанхай баҳри таъмини сулҳ дар қитъаи Осиё саҳми босазои худро гузошт.

Дар қонунгузории кишварамон, бахусус Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаи 11) омадааст: **«Тоҷикистон сиёсати сулҳҷӯёнаро ба амал татбиқ намуда, соҳибихтиёрӣ ва истиқлолияти дигар давлатҳои ҷаҳонро эҳтиром менамояд ва муносибатҳои хориҷиро дар асоси меъёрҳои байналмилалӣ муайян мекунад».**

Имрӯз аз рисолати сулҳпарварӣ на танҳо ояндаи кишвари мо, балки тақдири ояндаи ҷомеаи башарӣ вобаста аст. Аз ин лиҳоз мо, тоҷикон, ки таърихан миллати фарҳангдӯсту сулҳпарвар ҳастем, ҳаёти осоишта, зиндагии озоду ором ва заҳмати созандаю бунёдкоронаро мақсаду мароми доимии худ қарор дода, ба сӯйи ҷомеаи шаҳрвандӣ ва тарзи зиндагии дунявӣ пеш меравем.

Сулҳу суботи имрӯзаи Тоҷикистон ифодагари орзую ормон ва нияту мақсадҳои наҷиби мардуми шарифи кишварамон буда, он чун дастоварди Истиқлолияти давлатии мо дар арсаи ҷаҳонӣ шуҳрат ёфтааст.

Дар роҳи амалӣ намудани сулҳу вахдат дар кишварамон саҳми Асосгузори сулҳу вахдати миллӣ–Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бузург аст. Аз рӯзҳои аввали давлатдории худ Эмомалӣ Раҳмон зӯровариро ҳамчун василаи ба эътидол

овардани ҷомеа маҳкум намуда, ба хулосае омад, ки ба Ваҳдати миллӣ ва бунёди ҷомеаи демократӣ маҳз дар заминаи сулҳу осоиш ва фазои мувофиқи сиёсӣ расидан метавон. Кӯшишҳои пайгиронаи ӯ роҳи дароз, пурмашаққат ва басо мушкили ҳалли ихтилофоти миёни тоҷиконро хотима бахшида, фазои мувофиқро барои бозгардонидани тамоми фирориёни иҷборӣ аз хоки Афғонистон фароҳам овард.

Таҷрибаи сулҳофарии тоҷиконро тамоми созмонҳои байналмилалӣ ҳамчун падидаи нодири ҳаёт эътироф карда, дар кишварҳои гирифтори муқовимати шаҳрвандӣ дар ҷаҳон мавриди омӯзишу истифода қарор медиҳанд.

Аз касе пӯшида нест, ки дар ибтидои солҳои 90-уми асри гузашта хатари нобуд шудани миллати тоҷик ва давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон, хатари тақсим шудани сарзамини муқаддас ва марзҳои ягонаи кишвар пеш омада буд. Маҳз эҳсоси гарми ватанхоҳӣ, андешаи тақдири ояндаи миллат, нигоҳ доштани марзу буми аҷдодӣ ва боло гирифтани ифтихору нангу номуси миллӣ фарзандони асили халқро ба музокироту гуфтушунид ва ҳалли осоиштаи муноқишаҳо водор сохт. Онҳо барқасди нақшаҳои душманони миллати тоҷик аз мухолифати мусаллаҳона даст кашида, аз тариқи музокироти осоишта ва гуфтушунидҳои сиёсӣ роҳи расидан ба сулҳу осоиш, ризояти тарафайн ва Ваҳдати миллиро пеш гирифтанд.

Сулҳу субот ва Ваҳдати миллӣ, пеш аз ҳама, дар натиҷаи сиёсати роҳбарияти давлатро дастгирӣ намудани тамоми мардуми Тоҷикистон, сабру таҳаммули тарафҳои мухолиф ва кумаки давлатҳои кафил ва созмонҳои байналмилалӣ фароҳам омад. Таърих гувоҳ аст, ки дар сириштӣ мардуми мо хиради азалӣ, сабру таҳаммул, бурдборӣ ва Ваҳдату ифтихори миллӣ ҳамеша мақоми баланд дорад.

Маҳз дар натиҷаи музокирот ва бо роҳи осоишта ҳал намудани ихтилофот фазои пуршиддати сиёсии

Тоҷикистон тадриҷан муътадил гардида, оташи ҷанги бародаркуш хомӯш шуд ва миллати мо аз вартаи ҳалокатбори парокандагӣ раҳо ёфт. Ба сулҳу субот, ҳамдигарфаҳмию ризоят ва Ваҳдати миллӣ расидани халқи мо шаҳодати пирӯзии ақли солим буд. Махсусан дар он рӯзҳои вазнин ба эътидол овардани вазъияти сиёсӣ, иқтисодиву иҷтимоӣ ва ба Ватан баргардонидани гурезаҳо фазои эътимоду бовариро афзуда, сулҳу оштии деринтизори тоҷикон оқибат 27 июни соли 1997 фаро расид, ки онро мардуми тоҷик ҳар сол чун Рӯзи Ваҳдати миллӣ ҷашн мегиранд.

Роҳи сулҳ барои мо роҳи наҷоти миллат ва давлати соҳибистиқлоли тоҷикон буд. Мо ба остонаи сулҳ бо ранҷу азобҳо, заҳмату машаққатҳо, табодули афкори тарафайн, музокироти тӯлонӣ ва баҳсҳои дурудароз расида, оқибат осоишу амнияти кишварро таъмин намудем. Мардуми мо оқибатҳои ҷанги харобиоварро саривақт дарк намуда, бо эътимоди қавӣ барои нигоҳ доштани давлати соҳибистиқлол, тамомияти арзӣ, Ваҳдати миллӣ ва мустаҳкам шудани рукнҳои давлатдорӣ роҳи сулҳ ва сулҳофариро пазируфтанд. Ба азму иродаи сулҳпарваронаи халқ ва неруҳои солимфикри ҷомеа такя намуда, оқибат ба мақсад расидем.

Сулҳу осоиш ва Ваҳдати миллӣ барои мо қутбнамое гардид, ки дар заминаи он мо ба марҳалаи нави зиндагӣ – барқарорсозӣ ва ободонии Ватани азизамон рӯ оварем. Имрӯз тарғибу талқини ғояҳои сулҳу амният, тинҷию осудагӣ, ватандӯстию ватанпарастӣ, худогоҳию худшиносӣ, ҳисси ифтихори миллӣ ва омӯхтани таъриху фарҳанги миллат вазифаи ҷонии ҳар фарди солимфикри ҷомеа мебошад.

Дар таъмини сулҳу оштӣ дар Тоҷикистон саҳми Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон хеле бузург аст. Маҳз бо кӯшишҳои пайгиронаи ин фарзанди фарзонаи миллат созишномаи оштии миллӣ ба имзо расид

8.Саҳми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таъмини сулҳу оштӣ дар чист?
9.Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон кадом корҳоро анҷом дод?
10.Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ–Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар асри XXI Тоҷикистонро чӣ гуна дидан мехоҳад?

Дарси 34

ВАҲДАТ – ГАРАВИ ХУШБАХТӢ ВА РУШДИ МИЛЛАТ

Парокандагии миллӣ, ҷудоӣ ба маҳалу гурӯҳҳои байни тоҷикон, ки акнун истиқлолу озодӣ насибашон гаштааст, воқеан, даҳшат ва хатари азиме буд. Тақдир ва сарнавишти миллати тоҷик дар солҳои 1992–1994 чун “ашки сари мижгон” дар вазъи ҳассосе қарор дошт. Ваҳшонияти ин рӯйдоди нобасомон, ки доғе ба қалби ҳар пиру ҷавон ҷо намуда, ба ҳар хонадоне осори ғаму андуҳ ниҳода буд, дар шеъри Шоири халқии Тоҷикистон Муъмин Қаноат чунин тасвир шудааст:

Чунин разми беназмро кас надид,
Ва тасвири онро набояд кашид.
Зи тифлони гаҳвора то пири кор,
Бишуд сайди ин ҷангу тири шикор.

Чун тулӯи офтобе, ки баъди чанд рӯзи боронҳои пай дар пай синаи абрҳоро шикофта, берун мешавад, моҳи ноябри соли 1994 роҳбарии давлати тоҷикон ба уҳдаи шахсе вогузор гардид, ки нахустин суханаш **“Ман кори худро аз сулҳ сар мекунам”** буд. Дар ҳақиқат, ин шахси ватандӯсту матинирода тавонист орзую омоли деринтизори тоҷиконро ҷомаи амал пӯшонад. Ӯ ин миллати парокандаву парешон ва ноогоҳ аз мақсадҳои нопоки чанд мансабхоҳ дар қасди ҷони бародари худ камон ба даст гирифтаро ба ваҳдату сарҷамъӣ даъват карда, сулҳро дар кишвари тоҷикон танинандоз намуд. Маҳз ба шарофати саъю талош ва фидокорию қаҳрамониҳои беназири

Сарвари давлати тоҷикон Эмомалӣ Раҳмон яъсу ноумедӣ аз ояндаи торики халқу Ватан барҳам хӯрд.

Шоири халқии Тоҷикистон Лоиқ Шералӣ яке аз аввалинҳо шуда, ин санаи муборакро барои ҳаммиллатон муборакбод гуфт:

Имоми ду тарафро мекунам табрик,
Ки тоҷик мешавад наздик бо тоҷик.
Кунун оғози сулҳ асту рифоҳи халқ,
Бувад ояндаи пурнурамон наздик!

Шоира Гулрухсор аз тулӯи ҳаёти нави мардуми кишвар ва эҳёи зиндагии пурбаҳои миллати бунёдкори тоҷик ба вачд омада мегӯяд:

Боз тоҷик, –
Миллати мурғи самандар,
Аз шуои оташи худсӯзии худ,
Марзи имонро биафрӯзад.
Тоҷикистон сӯхт, гар аз ҷаҳли тоҷик,
Фазли тоҷик
Тоҷикистонро биафрӯзад.

Дар ҳақиқат, ҳиммати баланди бахшандагӣ ва заковату дурандешии фозилонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ– Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва сарвари собиқ мухолифин Сайид Абдуллоҳи Нурӣ буд, ки оқибат ба дарки маънии идомаи ҷанг – идомаи тоҷиккушист ва идомаи тоҷиккушӣ фанои миллат аст, расида, дасти якдигарро фишурданд ва 27 июни соли 1997 дар Маскав ба Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ дар Тоҷикистон имзо гузоштанд, сазовори ситоиш аст. Ин амали ҷавонмардона ва хирадмандона, ки зиндагии хушу гуворо ва оромию осоиштагии имрӯзаро ба бор овард, дар таърихи халқи тоҷик бо ҳарфҳои заррин сабт гашта, ояндагон онро чун як амали ибратбахш бо ифтихору сарбаландӣ ба худ қабул хоҳанд кард.

УМЕДИ ЭҲЁ

Қатра-қатра оқибат дарё шудем,
Зарра-зарра кӯҳи побарчо шудем.

Сад ҳазорон ман ба ҳам чамъ омадем,
То дар ин даҳри парешон мо шудем.

Ҳосили ҳамдасту ҳампойӣ бубин,
Дасти ҳам бигрифтаву барпо шудем,

Меҳри ҳам варзида қад афрохтем,
Қадри ҳам дониста сарболо шудем,

Дасти ҳам бигрифта ҳамчун ҳарфхо,
Рӯйи авроқи Ватан маъно шудем.

Рафт овои дили мо сӯйи ҳам,
Ҳамсадо гаштем, ҳамово шудем.

Милро аз чашми миллат карда дур,
Ҳамчу шеъри Рӯдакӣ бино шудем.

Доруи дарди чудоӣ ёфтем,
Вориси шоистаи Сино шудем.

Рӯ барои Ҳақ ниҳодем аз дигар,
Рострав чун сатри Мавлоно шудем.

Бин ба мо ҳар субҳ чун бар Офтоб,
Гум нагашта, аз дигар пайдо шудем.

Мо на хокистар, шудем оташ зи нав,
Чун самандар мо зи худ эҳё шудем.

Низом Қосим

Луғат:

Эҳё – аз нав сабзидан.
Аврақ – варақҳо.
Самандар–мурғи оташ.
Разм – ҷанг.
Назм–тартиб, низом.
Имом–пешво.
Рифоҳ–осудагӣ.

Савол ва супориш:

1. *“Разми беназм” гуфта, Муъмин Қаноат чиро дар назар дорад?*
2. *Мазмуни табрикоти Лоиқ ва Гулрухсорро ба шарафи имзои Созишномаи сулҳ ва оштии миллӣ шарҳ диҳед ва аз ёд кунед.*
3. *Доир ба ҳиммaтбаландӣ ва бахшандагӣ барин хислатҳои одамон нақл кунед.*
4. *Низом Қосим дар шеъри «Умеди эҳё» тамоми пешрафтҳои Тоҷикистонро дар чӣ мебинад?*

МУНДАРИҶА

ФАСЛИ 1. ТОҶИКИСТОН – ВАТАНИ МО (3 соат)

Дарси 1. Ватанам–ифтихорам.....3
Рустам Ваҳҳобзода “Ба пойи Бесутун”.....5
Дарси 2. Ватан–модар.....6
Сайдалӣ Маъмур “Ватан”.....8
Дарси 3. Муҳофизони фардои Ватан.....9
Гулназар “Мо ношикастем”.....10

ФАСЛИ 2. ВАТАНИ НИЁГОНИ МО (3 соат)

Дарси 4. Нажоди ориёӣ.....12
Дарси 5. Аз таърихи «Авесто».....15
Дарси 6. Аноҳита.....17

ФАСЛИ 3. МУБОРИЗАИ ХАЛҚИ ТОҶИК БАРОИ ҲИМОЯИ ВАТАН (6 соат)

Дарси 7. Садо аз қаъри таърих.....19
Рӯҳи бешикаст.....20
Дарси 8. Куруши Кабир.....24
Дарси 9. Спитамен.....25
Дарси 10. Садди Хатлон.....27
Муъмин Қаноат "Қатли Восеъ".....30
Дарси 11. Қаҳрамонҳои Тоҷикистон.....31
Дарси 12. Ифтихори тоҷикии Аҳмадшоҳи Масъуд.....37

ФАСЛИ 4. ИСМОИЛИ СОМОНӢ-АСОСГУЗОРИ ДАВЛАТДОРИИ ТОҶИКОН (3 соат)

Дарси 13. Давлати Сомониён.....42
Лоиқ Шералӣ “Оли Сомон”.....43
Дарси 14. Девори Бухоро.....45
Дарси 15. Пайкараи меҳр.....48

ФАСЛИ 5. КОНСТИТУТСИЯ ВА ПРЕЗИДЕНТИ МАМЛАКАТИ МО (2 соат)

Дарси 16. Конститутсия–ҳуҷҷати сарнавиштсоз.....50
Ҳуқуқ ва вазифаҳои мо дар Конститутсия.....51

Дарси 17. Пешвои миллат.....54
Президент ва хонандагон.....56

ФАСЛИ 6. МУҚАДДАСОТИ ДАВЛАТИЮ МИЛЛИИ МО (5 соат)

Дарси 18. Муқаддасоти давлат.....58
Рамзҳои давлатӣ.....59
Дарси 19. Суруди миллӣ.....61
Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон.....63
Дарси 20. Тоҷ ва тоҷик.....65
Пули миллии мо.....67
Дарси 21. Аз дирафши пешдодии Ковиён то парчами давлатии Тоҷикистон.....68
Дарси 22. Рамзҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.....73

ФАСЛИ 7. ҶАШНИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН. ПОЙТАХТ ВА МАРКАЗҲОИ ВИЛОЯТҲОИ ТОҶИКИСТОН (4 соат)

Дарси 23. Ҷашни Истиқлолият.....76
Давлат Сафар "Истиқлолият".....77
Дарси 24. Тоҷикистон.....80
Меҳринисо "Тоҷикистон".....81
Дарси 25. Душанбе–пойтахти Ватани мо. 82
Чароғи зиндагӣ.....84
Дарси 26. Марказҳои вилоятҳои Тоҷикистон.....87
Қӯрғонтеппа.....87
Хуҷанд.....89
Хоруғ.....90

ФАСЛИ 8. ЗАБОН – ҲАСТИИ МИЛЛАТ (3 соат)

Дарси 27. Забони мо–ҷаҳони мо.....92
Муъмин Қаноат "Ба ҳаводори забони тоҷикӣ".....94
Дарси 28. Пешвои миллат дар боби забони модарӣ.....96
Камол Насрулло "Ҳуҷҷати бунёди мо".....98
Дарси 29. М.Лутфуллоев. Дастур барои соҳибзабонон.....99
Лоиқ Шералӣ "Забонгумкарда".....101

ФАСЛИ 9. НАВРӮЗ–ҶАШНИ ҶАҲОНӢ (3 соат)

Дарси 30. Наврӯз ва пайдоиши он.....103
Бозор Собир "Аё қишлоқаки маҳтобии ман".....107
Дарси 31. Русуми наврӯзӣ. 108
Дарси 32. Идҳои Рамазон ва Қурбон.....113

ФАСЛИ 10. СУЛҲУ ВАҲДАТ–ГАРАВИ ХУШБАХТӢ ВА РУШДИ МИЛЛАТ (2 соат)

Дарси 33. Сулҳи деринтизори мо омад.....116
Дарси 34. Ваҳдат – гарави хушбахтӣ ва рушди миллат.....121
Низом Қосим "Умеди эҳё".....123